ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН

ТДУ 681.3 + 004 (575.3)
ТКБ 73 (2 тоҷик)
А-14

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АБДУҲАМИТЗОДА АСРОР АБДУҲАМИТ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(дар мисоли шаҳри Душанбе)**

**Диссертатсия**

бaрои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ

Роҳбари илмӣ: Файзулло М.Қ.
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

**Душанбе – 2026**

## МУНДАРИҶА

**РУЙХАТИ ИХТИСОРОТ.......................................................................3**

**МУҚАДДИМА....................................................................................4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ РУШДИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚА.............................................15**

1.1. Моҳият ва самтҳои асосии сиёсати инноватсионӣ…..............................15
1.2. Асосҳои методологии таҳқиқи самаранокии тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар минтақа........................................................................25
1.3. Таҷрибаи ҷаҳонии таҳияи сиёсати минтақавии инноватсия.................39

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ТАДБИҚИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ....................................................................61**

2.1. Арзёбии ҳолати муосири рушди илм, чун қисми таркибии сиёсати инноватсионӣ........................................................................................61
2.2. Хусусиятҳои сиёсати инноватсионии ш.Душанбе ва методологияи баҳодиҳии он........................................................................................78
2.3. Вазъи тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар шаҳри Душанбе.......................88

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ТАҲИЯ ВА ТАДБИҚИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....108**

3.1. Дастгирии давлатӣ – самти муҳимми таҳкими сиёсати инноватсионӣ........................................................................................108
3.2. Маблағгузории самаранок ҳамчун роҳи асосии тадбиқи амалии лоиҳаҳои инноватсионӣ........................................................................................119
3.3. Таҳияи амсилаи рушди устувори инноватсионӣ ҳамчун амалигардонии сиёсати инноватсионии шаҳри Душанбе ......................................................132

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОД...........................................................................147**

**ЗАМИМА.................................................................................................152**

**РУЙХАТИ АДАБИЁТ................................................................................153**

# РУЙХАТИ ИХТИСОРОТ

ААИ – Андоз аз арзиши иловашуда

АИО – Ассотсиатсияи истифодабарандагони об

БВИ– Бахши воқеии иқтисодиёт

БМТ– Бонки миллии Тоҷикистон

БРМ– Барномаи рушди миёнамуҳлат

ВАО – Васоити ахбори омма

КАС – Комплекси агросаноатӣ

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

СМР – Стратегияи миллии рушд

СМР-2030 – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо

ХДФ –Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)

ҲРУ – Ҳадафҳои рушди устувор

ҲРҲ – Ҳадафҳои рушди ҳазорсола

ҶСК– Ҷамъияти саҳомии кушода

ШДБХ – Шарикии давлат ва бахши хусусӣ

ШСХК– Ширкати саҳомии холдингии кушода

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати рушди устувор қарор дорад, вале бештар ашёи хом истеҳсол намуда, аз воридот вобастагии зиёд дорад. Ин тамоюл махсусан дар сатҳи минтақавии кишвар мушоҳида мешавад. Модели фуруши ашёи хом, ба назари мо, гарави стратегия рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда наметавонад.

Бояд тазаккур дод, ки сарфи назар аз мубрам будани ин проблема, вазъи кунунии рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор дорад. Дараҷаи пасти сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба назари мо, сабаби асосии иҷро нагардидани стратегияи рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ру, рушди инноватсионии минтақаҳои ҷумҳурӣ самти афзалиятноки сиёсати инноватсионии кишвар гардад. Аз ин ҷо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ солҳои 2025 – 2030-ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намуданд [70].

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар кишварҳои мутараққӣ инноватсия асоси рушди саноат ва иқтисодиёт хизмат мекунад ва дар навбати худ ба инкишофи инноватсионӣ мусоидат намуда, самтҳои муҳимтарини фаъолияти илмиро муайян мекунанд.

Тадбиқи марҳилаҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ, аз табдил додани таҳияҳои илмӣ - техникӣ ба маҳсулоти инноватсионии қолиби сармоягузорон, истеҳсолкунандагон ва харидорон то рушди онҳо дар истеҳсолот, васеъ намудани марказҳои инноватсионӣ ва технологӣ дар ин минтақаҳоро тақозо мекунад. Пайдоиши иқтисоди инноватсионии ба дониш асосёфта инноватсияро ҳамчун манбаи афзалиятноки рушди иқтисодӣ таъкид мекунад. Ин қонунҳоро ҳангоми навсозии иқтисодиёт чи дар маҷмуи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар минтақаҳо бояд ба назар гирифта, таҳқиқ ва истифода бурд.

Дар ҷаҳони муосир иқтисодиёти инноватсионӣ босуръат рушд мекунад ва аз ин ру, идоракунии самараноки равандҳои инноватсионӣ хеле муҳим аст, зеро он ба субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки самаранокии худро баланд бардоранд. Дар нигоҳдорӣ ва таъмини афзоиши фаъолияти инноватсионӣ сиёсати инноватсионии кишвар ё минтақа нақши муҳим дорад.

Айни замон, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузариш ба роҳи рушди инноватсионӣ, аз ҷумла дар доираи сиёсати давлатӣ, бо мушкилоти назаррас ру ба ру аст. Дар ин самт як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо ва стратегияҳо қабул шудаанд ва "Нақша барои давраи то соли 2030" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият амалӣ карда мешавад. Ҳадафи ниҳоии тағйироти илмӣ, технологӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ таъсиси иқтисоди инноватсионӣ мебошад. Ғайр аз ин, сиёсати инноватсионии давлатӣ ба кам кардани тафовути технологии ҷумҳурӣ бо кишварҳои пешрафта ва беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон тавассути ҷорӣ намудани инноватсия нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз аҳаммияти ин мушкилот, вазъи кунунии рушди инноватсия дар Тоҷикистон бо мушкилоти ҷиддӣ ру ба ру аст, зеро сиёсати инноватсионии нокифоя дар минтақаҳо татбиқ мешавад. Ҳалли мушкилоти сифати пасти сиёсати инноватсионии минтақавӣ шарти зарурии рушди иқтисоди бозории муассир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин ру, зарурати муайян кардани самтҳои асосии такмили сиёсати инноватсионии он, ки аҳаммияти мавзуи интихобшудаи тадқиқотро таъкид мекунад, афзоиш меёбад.

**Дараҷаи омӯзиши масъала.** Проблемаҳои таҳқиқи сиёсати инноватсионӣ дар умум, таҳия ва тадбиқи он дар минтақа диққати бисёр олимони хориҷи наздику дурро ба худ ҷалб кардаанд. Дар асарҳои худ Шумпетер Й.[116], Губернаторов А.М. [84], Савельев И.И. [84], Друкер П.Ф. [86], Ендовицкий Д.А. [87], Коменденко С.Н. [87], Ефимычев Ю.И. [88], Матвейкин В.Г. [97], Медынский В.Г.[98], Санду И.С.[103], Твисс Б. [106], Трифилова А.А. [107], Уткин Э.А. [108], Морозова Г.И. [108], Морозова Н.И.

[108], Афанасова М.А. [119], Богомолова А.В. [119], Багаряков А.В. [125], Барчук И.Д. [126], Масленникова О.А. [126], Бурматова О.П. [129], Лапочкина В. В. [141], Каменский А. С. [141], Корнилов А. М. [141], Нечаев В.И. [146], ва диг. ин масъаларо дар робита бо рушди инноватсионии соҳаҳои гуногун хочагии халқ баррасӣ кардаанд.

Ба масъалаҳои рушди инноватсия ва технологияи инноватсионӣ олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Комилов С.Ҷ. [139], Файзуллоев М.К. [158], Каримова М.Т. [137], Ашуров И.С. [82], Раджабова И.Р. [149], Бабаджанов Р.М. [123], Раҳимов Р.К. [102], Каюмов Н. К. [90], Нурдинов Б.Х. [100], Амонова Д.С. [81], Султонов З,С. [155], Рахматзода Х.Б. [73], Хикматов У.С. [177], Джабборов А.Ҷ. [168], Шамсзода И.С. [160], ва ғ. тадқиқотҳои илмӣ бурдаанд.

Дар солҳои охир як қатор муҳаққиқон ҷанбаҳои гуногуни рушди инноватсионии иқтисоди миллиро омухтаанд. Аз ҷумла: П. У. Бомуродов – ташаккул ва рушди зерсистемаҳои инноватсионии минтақавӣ, М. Х. Қосимова – таҳияи механизми ташкилӣ ва иқтисодии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо, Э. Ш. Мирзоева –такмили идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузории корхонаҳои саноати сабук, Н. Носирӣ – таҳияи системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, З. А. Сафаров – ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, Х. К. Саторов – арзёбӣ ва идоракунии хизматрасонии инноватсионии пулакӣ дар соҳаи идоракунии роҳҳо, Б. К. Шарипов – такмили идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳо, А. Д. Ятимов – ташаккул ва такмили иқтидори инноватсионии илмӣ ва техникии минтақа, Ф. Т. Шодиев — ҷанбаҳои ташкилӣ ва иқтисодии истифодаи иқтидори инноватсионии корхонаҳои хизматрасонии нақлиётӣ, – А. И. Лешукович –идоракунии моликияти зеҳнӣ дар раванди рушди фаъолияти инноватсионӣ ва ғайра, аммо масъалаҳои ташаккул, татбиқ ва арзёбии сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳо, бахусус шаҳрҳои калон, таҳлили

ҳолати кунунии он ва муайян кардани самтҳои такмилдиҳӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд, ки мавзуи ин таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ бо «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи миллии рушди соҳаи зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2024 ироа шудаанд ва мавзуъҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон робитаи бевосита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади тадқиқ.** Омӯзиши асосҳои назариявӣ барои арзёбии хусусиятҳои хосси ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асоснок кардани самтҳои асосии такмили таҳия ва татбиқи сиёсати инноватсиониро бо истифода аз мисоли ш. Душанбе дар бар мегирад.

**Вазифаҳои таҳқиқ:** Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

1. таҳқиқи асосҳои назариявию методологии идоракунии рушди сиёсати инноватсионии минтақа;

2. муайян намудани методологии таҳқиқи самаранокии тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар минтақа;

3. омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии таҳияи сиёсати минтақавии инноватсия ва пешниҳоди истифодаи онҳо дар Тоҷикистон;

4. арзёбии хусусиятҳои сиёсати инноватсионии минтақа ва методҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии он;

5. таҳлили раванди тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар ш. Душанбе;

6. таҳияи модели таъмини идоракунии рушди устувори иноватсионии корхонаҳои минтақа. Муайян намудани самтҳои асосии такмили додани сиёсати инноватсионӣ дар минтақа, ҳамчун амалигардонии сиёсати инноватсионии шаҳри Душанбе.

**Объекти таҳқиқ.** Субъектҳои иқтисодии ш. Душанбе мебошанд, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд ва сиёсати инноватсиониро амалӣ мекунанд.

**Предмети таҳқиқ**. Муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошанд, ки рушди сиёсати минтақавӣ ва равандҳои мувофиқи идоракунии инноватсиониро тавсиф мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқ.** Фарзияи диссертатсия аз он иборат аст, ки бо сиёсати инноватсионии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва самаранок амалӣ шуда дар минтақа, бо дарназардошти шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, демографӣ ва ҷуғрофӣ, рушди инноватсионии минтақаро тавассути таҳияи сиёсати инноватсионии минтақа, ки хусусиятҳои мушаххас ва имкониятҳои татбиқи сиёсатро ба назар мегирад, беҳтар кардан мумкин аст. Ин фаъолияти инноватсиониро тавассути такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ, маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ташкили ҳамгироии агросаноатӣ дар шакли агрокластерҳо тақвият медиҳад ва рушди инноватсионии минтақаро осон мекунад.

**Асоси назариявӣ ва методологии ин таҳқиқ,** ки кори иқтисоддонҳои ватанӣ ва хориҷиро дар соҳаи рушди инноватсионӣ баррасӣ мекунад, арзёбии хусусиятҳои хоси ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавӣ мебошад, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати инноватсионӣ равона шудааст.

Вобаста аз равиши методологии худ, ин диссертатсия ба таҷрибаи таърихии рушди иқтисодӣ ва ислоҳот такя мекунад ва роҳҳои беҳтар кардани сиёсати инноватсионии минтақавӣ дар Тоҷикистонро муайян мекунад. Таҳқиқ ба санадҳои меъёрӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти инноватсиониро танзим мекунанд, асос ёфтааст. Дар таҳқиқ қонунҳо ва қарорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо, консепсияҳо,

барномаҳо, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дафтари марказии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Душанбе, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои мақомоти давлатӣ дар ин мавзӯъ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқро** маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба минтақаҳо, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои методологӣ: меъёрҳо ва стандартҳо, ҳисоботҳои ташкилотҳои лоиҳакашӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти махсус, маводҳо аз Интернет ва дигар манбаъҳои иттилоот ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** Навоварии илмии ин таҳқиқ дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологӣ барои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавӣ ва таҳияи тавсияҳои методологӣ ва амалӣ барои беҳтар кардани таҳия ва татбиқи сиёсати инноватсионии минтақавӣ мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини ин диссертатсия, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд ва дорои навоварии илмӣ мебошанд, инҳоянд:

- асосҳои назариявӣ ва методологӣ барои таҳияи сиёсати инноватсионии минтақавӣ бо дарназардошти татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои давлатӣ муайян карда шудаанд. Муаллиф таърифи аслии мафҳуми "сиёсати инноватсионии минтақавӣ"-ро аниқ ва пешниҳод кардааст. Ба гуфтаи муаллиф, "Сиёсати инноватсионии минтақавӣ маҷмӯи манфиатҳои мақомоти иҷроияи ҳукумати минтақавӣ мебошад, ки тавассути таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳо муайян ва ифода карда мешаванд";

- исбот шудааст, ки усули мавҷудаи ҳисоб кардани самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ истифода

намешавад, зеро инноватсия тавассути раванди идоракунӣ ва такмили сохтор, ҳамгироии онҳо, усулҳои нави идоракунии кормандон, беҳтар кардани сифати маҳсулот, маркетинг ва тақсимот амалӣ карда мешаванд, ки онҳоро бо як нишондиҳанда тавсиф кардан мумкин нест ва самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ аз бисёр омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст, ки онҳоро бо як нишондиҳанда ҷамъбаст кардан ғайриимкон мебошад;

- пешниҳод ва асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо ва баланд бардоштани ҳавасмандгардонии таҳқиқотчиён дар Ҳиндустон, таъсиси фонди дастгирии илми минтақавӣ дар Бразилия, дастгирии молиявии фаъолияти инноватсионӣ дар Канада, инчунин сиёсати инноватсионии иҷтимоии ИМА, ки барои дастгирии оилаҳои камдаромад тавассути лоиҳаҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад, метавонад дар минтақаҳои Тоҷикистон, ки сиёсати инноватсионӣ амалӣ мекунанд, истифода шавад;

- хусусиятҳои мушаххаси рушди минтақавии илм ва технология муайян карда шудаанд ва сабабҳои нокомиҳо дар татбиқи стратегияи рушди инноватсионӣ, ба монанди маблағгузории нокифоя, ангезаи пасти тадқиқотчиён равшан карда шудаанд ва олимони ҷавон, набудани хариди давлатии маҳсулоти инноватсионӣ, сатҳи пасти идоракунии инноватсионӣ дар минтақаҳо, шумораи нокифояи таҷрибаомӯзӣ дар хориҷа, дониши нокифояи забонҳои хориҷӣ ва ғайраро таъкид мекунанд;

- зарурати таҳияи консепсияи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ бо дарназардошти ҳадафҳои стратегӣ ва воситаҳои ноил шудан ба онҳо, инчунин таҳияи барномаи рушди инноватсионии минтақавӣ бароиояндаи наздик (дар шакли ҳуҷҷати суроғавӣ, ки нисбат ба захираҳо, иҷрокунандагон ва муҳлатҳо маҷмуи чораҳоеро ифода мекунад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди инноватсионии минтақа, дар асоси дохил кардани муқаррароти асосии барномаи рушди инноватсионӣ дар стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа равона шудаанд) асоснок карда шудааст;

- самтҳои асосии такмили сиёсати минтақавӣ тавассути ҷорӣ намудани системаи хариди давлатӣ барои маҳсулоти инноватсионӣ пешниҳод карда мешаванд, зеро ин ташкилотҳои илмиро барои нишон додани талаботи давлатӣ ба маҳсулоти худ ҳавасманд мекунад. Модели таъсиси фонди инноватсионии минтақавӣ, бо истифода аз шаҳри Душанбе ҳамчун мисол, бо дарназардошти муайян кардани манбаъҳои маблағгузорӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионии марбута таҳия ва пешниҳод шудааст.

Модели таъсиси фонди инноватсионии минтақа дар мисоли ш.Душанбе таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки сохтори идоравӣ, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, мақсад, вазифа ва масъалаҳои вобаста ба он дар намуди расм ва ҷадвалҳо нишон дода шудааст, ки имкониятҳои илмию истеҳсолии ш.Душанбе барои тадбиқи сиёсати инноватсионии кишвар самаранок истифода бурда намешавад ва асоснок карда шудааст, ки бо ҷалби хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав, Варзоб, Файзобод ва шаҳрҳои Ҳисор, Ваҳдат, Турсунзода дар мисоли ташкили «Агрокластери «Пахта» ва «Агрокластери «Пилла» ташкили шакли инноватсионии идора он метавон коркарди саноатии онҳоро пурра дар дохилӣ минтақа амалӣ намудан имконпазир аст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Бар асоси ҷанбаи инноватсионии таҳқиқ, нуктаҳои асосии пешниҳодшуда барои дифоъ инҳоянд:

1. Дар асоси муайян кардани асосҳои назариявӣ ва методологии таҳияи сиёсати инноватсионии минтақавӣ, таърифи муаллиф аз мафҳуми "сиёсати инноватсионии минтақавӣ" аниқ ва пешниҳод карда шудааст;
2. Арзёбии самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои инноватсионӣ бо дарназардошти татбиқи инноватсия дар раванди идоракунӣ ва такмили фаъолияти инноватсионӣ;

3. Модели таъсиси фонди инноватсионии минтақавӣ дар шаҳри Душанбе, ки дорои имконоти молиявӣ, илмӣ ва истеҳсолӣ барои таъсиси чунин фонд мебошад;
4. Самаранокии иқтисодии ташкили сохторҳои инноватсионӣ аз ҳисоби ташаккули агрокластерҳои минтақа дар мисоли ш. Душанбе бо ҷалби хоҷагиҳои кишоварзии водии Ҳисор аниқ карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои кор.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар таҳия ва такмили асосҳои назариявии арзёбии равандҳои таҳияи сиёсати инноватсионии минтақавӣ, бо назардошти манфиатҳои мақомоти иҷроия, ки тавассути таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳо муайян ва ифода ёфтаанд, мебошад. Натиҷаҳо назарияи иқтисоди минтақавиро пеш мебаранд ва метавонанд барои таҳияи сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавии давлатӣ, ки ба беҳтар кардани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа тавассути татбиқи ҳамаҷониба нигаронида шудааст, истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсияро метавон барои такмил додани механизмҳои таҳия ва эҷоди абзорҳои методологӣ барои арзёбии рушди фаъолияти инноватсионистӣ дар минтақаҳо, инчунин барои асоснок кардани самтҳои асосии беҳтар кардани таҳия ва татбиқи сиёсати инноватсионистӣ дар шаҳри Душанбе истифода бурд. Маводҳои диссертатсияро метавон дар дарсҳо оид ба фанҳо ба монанди "Назарияи иқтисодӣ", "Иқтисоди минтақавӣ", "Иқтисоди инноватсионистӣ" ва "Идоракунии инноватсия" истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқ.** Эътимоднокии муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори тадқиқотӣ баёншуда тавассути омӯзиши назариявӣ ва методологии масъала, истинодҳои номзад ба доираи васеи манбаъҳои расмӣ, ки дорои ҳаҷми зиёди маводи воқеӣ ва иқтисодӣ мебошанд, шумораи зиёди арзёбиҳои коршиносон ва маводи библиографӣ ва истифодаи усулҳои ҳамаҷонибаи илмӣ, ки бо ҳадафҳо ва вазифаҳои кори тадқиқотӣ мувофиқанд, таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Соҳаи таҳқиқ ба қисматҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ мувофиқат мекунанд:

1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқоти равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 2. Коркарди методология ва методҳои арзёбӣ, таҳлил, амсиласозӣ ва дурнамои равандҳои инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 10. Арзёбии фаъолнокии инноватсионии субъектҳои хоҷагидор бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва болоравии арзиши онҳо. 13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои ниҳодии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Арзёбии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ. 18. Коркарди стратегия ва нуктаҳои консептуалии сиёсати самараноки инноватсионӣ ва маблағгузории низомҳои иқтисодӣ бо дарназардошти таҷрибаи андӯхташудаи ҷаҳонӣ. 28. Назария, методология ва методҳои таъминоти иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосноккунии моҳияти назариявии мафҳуми сиёсати инноватсионии минтақа, исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии таҳия ва тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он, пешниҳод намудани роҳҳои асосии таҳкими таҳия ва тадбиқи сиёсати инноватсионии минтақа, тавассути таҳияи модели консептулии фонди инноватсионии рушд, ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавӣ иборат мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ - амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, Шурои илмии Муассисаи

давлатии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон маърӯза ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти хусусияти методологӣ ва тавсияҳо барои таҳкими сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст (маълумотнома аз №15-123 от 14 января 2025 года).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 24 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федаратсия Россия тавсия шудаанд, чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва адабиёти истифодашуда, дар 171 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шудааст ва аз 46 ҷадвал, 9 расм иборат мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОЛОГИИ РУШДИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚА

## 1.1. Моҳият ва самтҳои асосии сиёсати инноватсионӣ

Дар асарҳои илмии муосир ва луғатҳои мавҷуда иборaи «сиёсати инноватсионӣ» бо шаклҳои гуногун маънидод карда шудааанд.

Аз ҷумла, ба қавли Агарков С.А. «Сиёсати инноватсионии давлат қисми таркибии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ буда, муносибати давлатро ба фаъолияти инноватсионӣ ифода намуда, ҳадафҳо, самтҳо, шаклҳои фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаҳои илм, техника ва ҷорӣ намудани комьёбиҳои илму техника мебошад.

Дар дурусти шарҳи мазкур ягон эроде нест, вале сиёсати инноватсионӣ на танҳо дар миқёси давлат амалӣ мегардад, балки метавонад сиёсати инноватсионии минтақа, корхонаи алоҳида, соҳаи алоҳида аз ҳамдигар фарқ намояд. Дуруст аст, ки сиёсати инноватсионии сохторҳои алоҳидаи як давлат, минтақаҳо, соҳаҳои алоҳида аз сиёсати инноватсионии давлат сарчашма мегиранд, вале дар амалӣ намудани он имкониятҳои сохторҳо гуногунанд» [1]. Масалан, наметавон имконияти соҳаи саноатро ба соҳаи кишоварзӣ муқоиса намуд, зеро дараҷаи даромаднокии соҳаҳо гуногун ва имкониятҳо низ баробар нестанд.

Аз моҳияти луғавии иборaи сиёсат бармеояд, ки он ба як мақсад, ҳимояи манфиатҳо нигаронида шудааст. Аз ин ҷо мо метавонем ин ибораро ҳамчун истифодаи имкониятҳои давлат барои ҳимояи манфиатҳои худ донем. Яъне аз ин мебарояд, ки сиёсатро метавон ҳамчун «роҳҳои амалӣ намудани манфиатҳо» донист.

«Сиёсат як роҳи иҷрои амалҳои пай дар пай алоқаманд аст, ки дар он принсипҳо барои муайян кардани вазифаҳои мувофиқ ва тарзи тадбиқи онҳо замина фароҳам меоранд» [89, с.159]. Яъне дар луғат меҳвари асосии иборaи «сиёсат» муайян намудани вазифаҳои асосӣ бо риояи принсипҳои муайян дониста шудааст.

Ҳангоми таҳлили сиёсати инноватсионии давлатӣ бояд ба а**сосҳои** сиёсати давлатии инноватсионӣ, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» муайян намудааст эътибори ҷиддӣ дод.

Дар замони шуравӣ дар бораи нақши давлат бисёр навишта шудааст. Ҳатто дар аввалин китоби дарсии иқтисоди сиёсӣ, ред. акад. К.В. Островитянов асоснок карда буд, ки «идоракунии планӣ ба хоҷагии халқ муҳимтарин хусусияти вазифаи иқтисодӣ ва ташкилии давлати социалистиро ташкил медиҳад» [89, с.159].

Дар шароити моликияти давлатӣ будани воситаҳои истеҳсолот шарҳи пешниҳодшуда қобили қабул написта мешавад, вале дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, ки асоси он моликияти хусусӣ мебошад, мавқеъи давлат принсипан дигар шуда, аз фармонфармо бо истифодаи механизмҳои муайян ин ҷараёнро ҳавасманд мегардонад.

“Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» моҳияти сиёсати инноватсионии давлат, чун фаъолияти мақомоти давлат, ки ба рушд, танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ, таҳияи механизм ва тадбиқи он равона карда шудааст» шарҳ дода шудааст” [37].

Стратегияи рушди инноватсионӣ як барномаи дарозмуддат ва дурнамо мебошад ва он дар Қонун ҳамчун: «стратегияи рушди инноватсионӣ – маҷмуи тадбирҳои идоракунии давлат, ки асоси онро афзалиятҳои дарозмуҳлат, мақсад ва вазифаҳои сиёсати инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд» [50].

Чун анъана, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияҳо асосан 15 солро дар бар гирифта, аз се марҳила, ё барномаҳои панҷсола иборат мебошанд. Дар Қонун «барномаи мақсадноки инноватсионӣ маҷмуи чорабиниҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, хоҷагидорӣ, таҳқиқотӣ, илмӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва ғайра, ки барои тадбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар мувофиқа бо захираҳо, иҷрокунандаҳо ва муҳлатҳои амалигардонии онҳо, ки

ҳадафашон ичрои самараноки масъалаҳои азхудкунӣ ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои инноватсионӣ мебошад, равона шудаанд» [50, с.1].

Ба назари мо, моҳияти иқтисодии «барномаи мақсадноки инноватсионӣ» пурра моҳияти ин ибораро таҷассум менамояд ва қобили қабул аст.

Бояд тазаккур дод, ки барномаҳои инноватсионӣ тавассути «лоиҳаи инноватсионӣ» амалӣ мегарданд. Лоиҳаҳои инноватсионӣ дар Қонун ҳамчун «натиҷаи неруи зеҳнии инсонӣ» дониста мешавад. Ба назари мо ибораи «лоиҳаи инноватсионӣ», ки дар Қонун омадааст, моҳияти ин ибораро таҷассум наменамояд, зеро дар адабиёт ин ибораи бо шакли дигар маънидод карда шудааст. Масалан, дар китоби «Асосҳои менеҷмент» ин ибора чунин шарҳ дода шудааст, ки ба назари мо қоибили қабул аст. «Лоиҳаи инноватсионӣ консепсияи мураккабест, ки:

- шакли идоракунии мақсадноки фаъолияти инноватсионӣ;
- раванди тадбиқи инноватсия;
- маҷмуи ҳуҷҷатҳои муайянро дар бар мегирад.

Лоиҳаи инноватсионӣ хамчун шакли идоракунии мақсадноки фаъолияти инноватсионӣ буда, низоми мураккаби фаъолиятҳои ба ҳам алоқаманди захираҳо, муҳлатҳо ва ичрокунандагон мебошад, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои мушаххас дар самтҳои афзалиятноки рушди илм ва техника нигаронида шудааст.

Лоиҳаи инноватсионӣ ҳамчун раванди навоварӣ маҷмуи фаъолиятҳои илмӣ, технологӣ, истеҳсолӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва тиҷоратӣ мебошад, ки бо пайдарҳамии муайян амалӣ карда мешавад, ки дар натиҷаи онҳо маҳсулоти инноватсионӣ ба вуҷуд меояд.

Лоиҳаи инноватсионӣ шакли махсуси (лоиҳавии) инноватсия буда, тамоми хосиятҳои асосии худро дорад. Тасниф аз руйи намуд ва давраи ҳаёт хусусиятҳои асосии лоиҳаи инноватсиониро ҳамчун категорияи сифатӣ ва категорияи муваққатӣ муайян мекунад» [63, с.82]. Навиштаҷоти овардашуда, моҳияти иқтисодии ибораи «лоиҳаи инноватсионӣ»-ро пурра таҷассум

менамояд. Ғояҳои инноватсионӣ танҳо тавассути лоиҳаҳо амалӣ карда мешаванд, ки яке аз роҳҳои тактикии иҷрои вазифаҳои стратегӣ мебошад.

Тактикаи инноватсионӣ, бояд ба худ роҳҳои асосии ҳалли вазифаҳои стратегиро нишон диҳад, ки дар Қонун ҳамчун «Фаъолияти инноватсионӣ – фаъолияте, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсия (натиҷаи нав ё такмилдодашудаи таҳқиқоти илмӣ, корҳои таҷрибавию конструкторӣ ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ) алоқаманд буда, барои расонидани он то бозор дар шакли нав ё такмилдодашудаи маҳсулот, хизматрасонӣ, усули истеҳсолот ё дигар натиҷаи самараноки ҷамъиятӣ равона карда шудааст» [50].

Тадбиқи сиёсати инноватсионӣ вобаста аст аз иқтидорҳои инноватсионии давлат. Ин ибораро Қонун дар мазмуни зерин шарҳ додааст: «Иқтидори инноватсионӣ – маҷмуи шаклҳои гуногуни захираҳои зеҳнӣ, молиявӣ, истеҳсолию технологӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра, ки барои тадбиқи фаъолияти инноватсионӣ заруранд», ки моҳияти иқтисодии ин ибораро пурра таҷассум менамояд» [50].

Дар ягон кишвар бе низоми густурдаи дастгирии давлатӣ ғояҳои инноватсионӣ мавриди амал қарор гирифта наметавонанд. “Ба хусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зеро корхонаҳои саноатии хурд ва миёна ва хоҷагиҳои инфиродии кишоварзӣ воситаҳои молиявие надоранд, ки барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани ғояҳои инноватсионӣ, технологияи нав басанда бошад” [50]. Шаклҳои танзими давлатии фаъолияти инноватсиониро Қонун чунин муайян намудааст (расми 1.1).

Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳи инноватсионии рушд ягона имкони рақобатпазир гардонидани кишвари мо ва бо шартҳои баробар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дохил шудан аст. Гузариш ба рушди инноватсионии кишвар ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тараққиёти илм ва техника муайян шудааст.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016. аз самтҳои муҳимми сиёсати ислоҳоти бахши воқеии

иқтисод тадбирҳои инноватсионӣ таъкид гардида, зикр мегардад: «мо рушди устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ-инноватсионӣ таъмин намуда, саъй менамоем, ки самараи истифодаи захираю имкониятхоро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ таъмин намуда, барои пешгирӣ кардани осебпазирии хоҷагии халқи мамлакат дар ояндаи дур тадбирҳои муҳим андешем» [66].

**ШАКЛҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ**

- ✓ муайян намудани афзалиятҳои рушди инноватсия;
- ✓ таҳия, тадбиқ ва маблағгузории барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ ва дигар барномаҳо, аз ҷумла дар самти ҳавасмандгардонии рушди фаъолият ва инфрасохтори инноватсионӣ;
- ✓ пешбинии маблағҳои буҷетӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ доир ба самарабахшии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ, ҷойгиронии фармоишҳо ба таҳвили мол, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва маҳаллӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ✓ ҷойгир намудани фармоиши давлатӣ барои хариди маҳсулоти дар натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ истеҳсолшуда дар доираи барномаҳое, ки мутобиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ тасдиқ шудаанд;
- ✓ - таъсиси фондҳои инноватсионӣ ва венчурӣ, сармоягузории таъсис ва рушди дигар субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, саҳмгузорӣ, аз ҷумла ҷалби сармояи хориҷӣ бо мақсади таъсиси субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, ки барои рушди равандҳои инноватсионӣ муҳиманд;
- ✓ андешидани чораҳои зарурӣ оид ба тарғиби фаъолияти илмию техникӣ дар воситаҳои ахбори омма ва баланд бардоштани сатҳи ҷалби сармоя ба фаъолияти инноватсионӣ».

**Расми 1.1. - Шаклҳои танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ.**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [50].

Бояд тазаккур дод, ки иҷрои вазифаҳои гузошташуда бе танзими давлатӣ аз имкон берун аст.

Дар диссертатсия, механизмҳои асосии танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ оварда шудааанд;

- маблағгузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав ё такмилдодашуда,

технологияи нав ё такмилдодашуда, ки барои истифодабарии амалӣ таъин шудаанд;

- ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ барои ихтиёрдорӣ **ё** истифодабарӣ пешниҳод намудани молу мулки давлатӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонидашудаи ба онҳо баробар;

- муқаррар намудани имтиёзҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**-** мусоидат ба рушди корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд;

- дастгирии истеҳсолию технологии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ;

- расонидани хизматҳои махсусгардонидашуда ва машваратӣ;

- маблағгузории корҳо оид ба тайёр намудан ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ;

- фароҳам овардани шароити зарурии ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, ки сармоягузориро барои татбиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ таъмин менамояд;

- ташаккули инфрасохтори инноватсионии илм, истеҳсолот ва хизматрасонӣ;

- иштирок дар ташкили истеҳсолоти рақобатпазир;

- таъмини бозори кафолатноки фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ дар асоси фармоиши давлатӣ;

- пешбарии инноватсияҳои ватанӣ ба бозори хориҷӣ;

- дигар шаклҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ.

Ҳадафи асосии танзими давлатӣ, бунёди иқтисодиёти инноватсионӣ, балки ғизодиҳии худи онҳо дар доираи инноватсия мебошад.

Ҳамин тариқ, иштибоҳ ё дидаву дониста иваз кардани субъекти сиёсат, тафсири субъективии он метавонад ба натиҷаҳои мустақими муқобил оварда расонад.

Яъне, сиёсати инноватсионӣ як қисми таркибии сиёсати илмию техникӣ ва истеҳсолӣ ба ҳисоб рафта, ба худ мақсад, вазифа ва тадбирҳои амалӣ намудани самтҳои гуногуни рушди инноватсионии иқтисодиётро муттаҳид менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати минтақавии рушди инноватсионӣ аз ҷониби олимон Комилов С.Ҷ., Файзуллоев М.К. ва Аскарова С.С. мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ба назари профессор Комилов С.Ҷ., «Сиёсати инноватсионӣ қисми таркибии сиёсати иқтисодӣ буда, зарурати такмил додани ҷараёнҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар корхона ва муассисаҳоро дар назар дорад» [95, с. 31].

Хусусияти фарққунандаи назарияи профессор Комилов С.Ҷ. дар он аст, ки рушди сиёсати инноватсиониро дар баланд бардоштани мақоми олим дидааст, ки мутлақо дуруст аст.

Аз нуқтаи назари Файзуллоев М.К. ва Комилов С.Ҷ. барои муайян намудани моҳияти «сиёсати инновационӣ» қабл аз ҳама ҳалли масъалаҳои муҳайё намудани муҳити инноватсионӣ, ташаккул ва дастгирии муҳити сармоягузории инноватсияҳо, ки ҳавасмандии соҳибкорон ва рушди устувори талабот ба маҳсулоти инноватсиониро таъмин менамояд. Бо дарназардоштиислоҳоти институтсионалӣ сиёсати инноватсионии давлат бояд ба коҳиш додани муҳити номуайяни макроиқтисодӣ ва ҳимояи ҳуқуқи моликият, сиёсати ҳавасмандии рақобати комил ва интизоми инноватсионӣ дар бахши иқтисоди реалӣ» равона гардад» [111, с.42].

Ба танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ профессорон Файзуллоев М.Қ. ва Комилов С.Ҷ. зербоби алоҳидаи асари худ «Масъалаҳои ташаккул ва рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшидаанд. Онҳо дар ин асар моҳияти иқтисодии сиёсати инноватсиониро аз нуқтаи назари Келле В.Ж., Бешелев Д., Гурвич Ф.Г. таҳлил намуда, тадбиқи сиёсати инноватсионии давлатро тавассути принсипи ташаккули «сандуқи инноватсионӣ» маънидод кардаанд. «Дар ин сандуқ лоиҳаҳои

гуногун- калон, миёна, хурд, дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуддат, аз рӯйи мақсади гузошта нигоҳ дошта мешаванд». Онҳо ҳашт принсипҳои ташаккули сиёсати инноватсионӣ, вазифаҳо ва усулҳо, роҳҳои тадбиқи он, дар намуди расм самтҳои консептуалии ташаккули он, модели сиёсати инноватсионӣ ва механизмҳои танзими давлатии фаъолияти инноватсиониро нишон додаанд» [111, с.41-53].

Аскарова С.С. қайд намудааст, ки «механизмҳои бозорӣ истифодаи инноватсияро дар корхонаҳо ҳавасман карда наметавонад ва аз ин ҷо он бояд аз ҷониби давлат танзим карда шавад». Муаллиф моҳияти иқтисодии мафҳумҳои "фаъолнокии инноватсионӣ" ва "танзими давлатӣ"-ро пешниҳод намудааст.

Барои муайян намудани мафҳуми "танзими давлатӣ" нуқтаи назари олимон Переходов В.Н., Гаврилов С., Басов А.И., Кокурин Д.И. [147, с.90, 131, с.29,127, с.28-29, 92, с.89]-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, назари худро дар мазмуни зерин пешниҳод намудааст. «Сиёсати инноватсионии минтақавӣ, мустақиман ба муҳити инноватсионии минтақа таъсир мерасонад. Дар ин маврид интихоби самтҳои афзалиятноки бевоситаи дастгирии давлатии инноватсияҳо ба ҳайси яке аз масъалаҳои пешбари рушди сиёсати инноватсионии минтақа баромад мекунад» [147, с.90, 131, с.29,127, с.28-29, 92, с.89].

«Доир ба ибораи «фаъолнокии инноватсионӣ" Аскарова С.С. нуқтаи назари Мельников О.Н., Шувалов В.Н., Баранчеев П., Масленникова Н.П., Мишин В.М., Саванович С.В.-ро таҳқиқ намудааст» [10].

Аскарова С.С., «алгоритми консепсияи стандартии низоми инноватсионии минтақаро тартиб дода, дар он дидани тадбирҳои афзоиши фаъолонаи миқдори муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва институтҳои тадқикотӣ ва иқтидори илмии донишгоҳӣ дидааст» [10].

Ба назари Аскарова С.С., вазифаҳои сиёсати инноватсионии минтақа иборат аз «муқаррар ва амалӣ кардани афзалиятдои сиёсати инноватсионӣ,

дастгирии маҳсулоти нав дар бозори беруна, мусоидати фаъолона доир ба ташкил ва ҷорӣ намудани навгониҳо дидааст» [10].

Бояд қайд намуд, ки Аскарова С.С. моҳияти мафҳуми сиёсати иннноватсиониро таҳкиқ карда бошад ҳам, вале қоидаи сиёсати инноватсиониро пешниҳод накардааст.

Муаллиф қайд намуд, ки ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ аз рушди «сармояи инсонӣ» вобастагӣ дорад. Доир ба ин масъала профессорон Ғаниев Т.Б., Комилов С.Ҷ., Файзуллоев М.К. бештар таҳқиқот гузаронидаанд. Профессор Ғаниев Т.Б. дар қатори ибораи «сармояи инсонӣ» ибораи «нерӯи инсонӣ»-ро низ истифода бурдааст. «Нерӯи инсонӣ», ба ақидаи Ғаниев Т.Б., ба захираҳои ғайримоддӣ дохил шуда, бо натиҷаҳои иқтисодӣ баҳогузорӣ карда мешавад» [83, с. 78-79].

Профессор Комилов С.Ҷ., онро пояи асосии рушди моликияти зеҳнӣ донистааст. Ба назари Ӯ «асосҳои назарияи сармояи инсонӣ дар асарҳои олимони классик мавриди истифода қарор гирифта буданд, вале ҳамчун равияи илмӣ дар солҳои 1960-1970 ташаккул ёфтааст. Сармояи инсониро ҳамчун «қобилияти ба фаъолияти меҳнатӣ машғул будан, захираи иқтисодии дарозмуҳлат ва сарчашмаи даромади шахс, оила ва ҷамъият» маънидод намудааст» [95, с.103-104].

Муҳаққиқон «Садиқова Ш.К., Furbobоджанова Б.Ш., Заробекова А.А., Замонов Ф.М., Насриддинов М.Ш., Муродова Ш.С., Раджабова Н.Н., Рахмихудоев Г., Мирзосаидова А. дар ин ҷода таҳқиқотҳои илмӣ бурдаанд» [83, с. 78-79,172,128,135,145,152,153].

Аз ҷумла Садиқова Ш.К. сармояи инсониро “ҳамчун маҷмуи қобилиятҳои табиӣ ва ҳосилнамудаи инсон» шарҳ додааст” [172,с.8].

Ба назари муаллиф таърифи пешниҳодшуда таҳрирталаб буда, ибораи «таъриф менамояд» дар матн зиёдатӣ аст. Таърифи дар Википидея овардашуда бо чунин мазмун «Сармояи инсонӣ (англисӣ: human capital) маҷмуи дониш, малака ва маҳоратест, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои

гуногуни шахс ва дар маҷмуъ ҷомеа истифода мешавад» [52], қобили қабул аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон чунин хусусиятҳои асосии сиёсати инноватсионии давлатиро муайян кард.

1. Сиёсати инноватсионии давлат як унсури сиёсати иқтисодии он буда, маънои ҳимояи манфиатҳои давлат дар бахши таҳия ва истифодабарии дастовардҳои илмӣ, техникӣ, технологӣ ва таҷрибаи пешқадам дар иҷрои вазифаҳои стратегии он дониста мешавад.

2. Тибқи сиёсати инноватсионӣ давлат аз ду усули танзим: мустақим (сармоягузорӣ) ва имтиёзҳо истифода мебарад.

3. Бо истифода аз натиҷаҳои таҳқиқ нуқтаи назари муаллифии худро доир ба сиёсати инноватсионии минтақа чунин муайян намудам «Сиёсати инноватсионии минтақа - маҷмуи принсипҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди инноватсионӣ буда, манфиатҳои минтақаро тавассути лоиҳаҳои инноватсионӣ амалӣ мегардонад».

### 1.2. Асосҳои методологии таҳқиқи самаранокии тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар минтақа

Дар шароити ҷаҳонишавии рушди иқтисодиёт, инноватсия ба омили асосии таъминкунандаи рушди устувор табдил ёфтааст. Дар замони муосир таҳқиқи истифодаи инноватсия дар рушди иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида, аз ҷумла минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти хоса пайдо мекунад. Бо дарназардошти имкониятҳои табиию иқтисодӣ, захираҳои меҳнатӣ, дастовардҳои илмӣ ва мавқеи географӣ – истифодаи методологияи таҳқиқотӣ барои таҳияи барномаҳои рушди инноватсионӣ мавқеъи хоса дорад.

Моҳияти рушди инноватсионии минтақа дар он асос меёбад, ки он чун равандест, ки дар заминаи ҳамкории байни соҳаҳои илм, истеҳсолот, маориф ва ҳокимияти давлатӣ ташаккул ёфта, тавассути ҷорӣ намудани натиҷаҳои

дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадам дар ҷараёни идоракунии истеҳсолот, рақобатпазирии иқтисодиёти минтақаро таъмин менамояд.

Методологияи таҳқиқи раванди инноватсионии рушди минтақаҳо дар асоси риояи принсипҳои зерин амалӣ мегарданд. Қабл аз ҳама таҳқиқ бо риояи принсипи низомнокӣ, яъне таъмини рушди баробари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологиро дар бар гирад. Дуюм, принсипи таҳлили минтақавӣ, ки тибқи таҳқиқ хусусиятҳои марбути ҳар минтақа баназар гирифта шавад. Сеюм, принсипи таърихият, такя ба омилҳои таърихии рушд ва таҷрибаи андӯхтнамуда. Чорумин принсип, ҳамгироии фаъолияти муассисаҳои илмӣ, истеҳсолот ва ҳокимияти маҳаллӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқи рушди инноватсионии минтақаҳо истифодаи усулҳои хоси зеринро илмиро тақозо менамояд:

- таҳлили муқоисавӣ бо минтақаҳои дигар бо мақсади истифодаи дастовардҳои илмии онҳо дар истеҳсолот;
- SWOT-таҳлил, ки дороиҳо, ҷонибҳои манфӣ, имкониятҳо ва таҳдидҳои эҳтимолиро нишон медиҳад;
- моделсозӣ, барои муайян намудани омилҳои гуногуни таъсиррасон барои таҳия ва тадбиқи сиёсати минтақавӣ;
- экспертӣ, истифодаи назари мутахассисон дар таҳия ва амали сиёсати минтақавӣ;
- таҳлилию оморӣ, истифодаи нишондиҳандаҳои оморӣ дар баҳои ҳолати муосири рушди инноватсионии минтақа ва муайян намудани дурнамои он ва ғ.

Ҳангоми баҳо додани рушди инноватсионии минтақа бояд омилҳои ба он таъсиррасонро ошкор намуд, ки ба онҳо:

- сатҳи дастрасӣ ба сарчашмаҳои сармоягузорӣ ;
- таъминот бо захираҳои инсонӣ ва кадрҳои баландихтисос
- сатҳи рушди муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ;
- дастгирии ҳуқуқӣ ва молиявии давлат;
- рушди ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ;

- рушди технологияи рақамӣ ва ғ.

Ҳангоми истифодаи методологияи таҳқиқи рушди инноватсионии минтақа бояд самтҳои афзалиятноки рушди минтақаро муайян намуд. Дар шароити муосир самтҳои асосии рушди инноватсионии минтақаҳо ташкили кластерҳои истеҳсолӣ, технопаркҳо, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, таҳияи стратегияи идораи инноватсионии минтақа ва ғ. Иқтисодиёти маҳаллӣ методологияи таҳқиқоти рушди инноватсионии минтақаҳо ва муайян намудани сиёсати инноватсионии минтақа бояд бо дарназардошти асосҳои назариявии илми назарияҳои иқтисодӣ, таҳлил ва таҷрибаи андухшуда таҳия карда шаванд. Танҳо бо дарназардошти ҳамаи паҳлуҳои таҳқиқ метавон сиёсати иҷрошавандаи рушди инноватсионии минтақаро таҳия намуд. Ин имконият медиҳад, ки рушди минтақаҳо таъмин гардад ва дар ин асос ба рушди инноватсионии мамлакат мусоидат кунанд.

Баҳои самаранокии иқтисодии сиёсати инноватсионии минтақа ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати инноватсионӣ буда, натиҷаҳои он доир ба дуруст будани сиёсати пешгирифта дар минтақа дониста мешавад. Агар самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо нишондиҳандаи ба як сомонӣ сармоягузорӣ чӣ қадар фоида гирифта шудааст, пас дар баҳои лоияҳои инноватсионӣ ин нишондиҳандаро истифода бурдан басанда нест. Зеро, самаранокии он аз таъсири омилҳои зиёд ва хатарҳо вобастагӣ дорад ва вобаста аз муҳити беруна хеле зуд тағйир меёбад. Аз ин ру, пешгуӣ кардан ва баҳо додан ба самаранокии иқтисодии лоиҳаи инноватсионӣ дар марҳилаи аввал душвор аст.

Ҳамин тариқ, усулҳои маъмули баҳодиҳии самаранокии лоияҳои сармоягузорӣ барои баҳои самаранокии лоияҳои инноватсионӣ кам истифода мешаванд.

Пеш аз ҳама ҳангоми баррасии масъалаи муайян намудани самаранокии лоияҳои инноватсионӣ омилҳои ба он таъсиррасонандаро муайян кардан лозим аст. Ба замми ин интихоби нишондиҳандаҳо барои ҳисоб кардани таъсири омилҳои гуногун шарти зарурӣ мебошад.

Дар адабиёти даврӣ тибқи муайян намудани самаранокии иқтисодии лоияҳои инноватсионӣ намудҳои зерини омилҳои таъсиррасонро муайян менамоянд:

- «иқтисодӣ – чунин омилҳо: хароҷот, фоида аз иҷозатномадиҳӣ, татбиқи ихтироот, патентҳо, ноу-хау, афзоиши фурӯш, баланд бардоштани ҳосилнокӣ, баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, суръати муомилоти мол, воситаҳои пулӣ ва ғ.)» [163];
- илмию техникӣ – зариби азнавсозии техника, автоматикунонӣ ва роботикунонии истеҳсолот, шумораи патентҳои ба қайд гирифташуда, истифодаи ашёи хоми рақобатпазир ва ғ.;
- молиявӣ – таъмини захираҳои молиявӣ, арзиши қарзҳо, пардохтпазирии истеъмолкнандагон ва ғ.;
- иҷтимоӣ – таъсири лоиҳаи инноватсионӣ ба натиҷаҳои иҷтимоӣ:
- этникӣ-фарҳангӣ – тағйирёбии симои зоҳирӣ ва ботинии корхона, коргарон, маданияти онҳо, афзоиши шавқу завқи ва мутобиқ шудан ба шароити нав ва ғ.

Ба замми нишондиҳандаҳои қайдгардида, самаранокии лоияҳои инноватсиониро метавон аз руйи чунин аломатҳо гуруҳбандӣ намуд:

- маҳали истифода – дар сатҳи маҳаллӣ (минтақавӣ) ва ҷумҳуриявӣ;
- аз руйи мақсади муайянкунӣ – мутлақ ва муқоисавӣ;
- аз руйи дараҷаи истифодабарӣ - якдафъаина ва дарозмуҳлат;
- аз руйи вақти баҳисобгирии хароҷот ва натиҷаҳо – даврагӣ (моҳона, семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа) ва солона.

Дар амалия таъсири сиёсати фаъолияти инноватсиониро дар сатҳи маҳалли истифодабарии корхона, муассиса ва ғ., дар сатҳи давлат, минтақа ба як сомонӣ хароҷотҳо барои илм ва инноватсия ҳисоб карда мешавад.

Дигар нишондиҳандаи таъсири фаъолияти инноватсионӣ -таъсири мутлақ, яъне нишондиҳандаи гирифтани фоида аз истифодаи навоварӣ ва илм ба ҳисоб меравад. Таъсири фаъолияти инноватсиониро метавон бо усули

муқоисавӣ, яъне гирифтани натиҷаи истеҳсолот то давраи истифодабарии инноватсия ва пас аз истифодаи он муайян намуд.

Дигар усули ҳисоби самаранокии истифодаи инноватсия дар истеҳсолот таъсири бевоситаи он ба дигар соҳаҳо ва рушди иҷтимоии минтақа ба ҳисоб меравад, ки дар иқтисодиёт онро таъсири мултипликатсия меноманд.

Умуман, масъалаи муайян кардани самаранокии фаъолияти инноватсионӣ ва сатҳи даромаднокии он аз хароҷот барои таҳия, истеҳсол ва фуруши маҳсулои инноватсионӣ вобастагӣ дорад. Агар хариди давлатии маҳсулоти инноватсионӣ амалӣ карда шавад, дар он сурат ҳавасмандии ҳам муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҳам корхонаҳои истифодбарандагони он таъмин мегардад.

Нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии инноватсия фоида, муҳлати баргардонидани хароҷотҳо, арзиши иловашуда, дараҷаи даромаднокӣ ва ғ. ба ҳисоб меравад.

Дар амал самаранокии мутлақ бо нишондиҳандаҳои зерин чен карда мешавад:

1. «Зариби самаранокии иқтисодии хароҷоти асосӣ:

$$\text{Ep} = \text{П}/\text{К}\ (1)$$

ки дар ин ҷо р- маблағи умумии фоида ҳангоми маблағгузорӣ ба инноватсия, сомонӣ.

П – афзоиши фоида дар натиҷаи фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ нисбат ба истифодаи то инноватсия, сомонӣ.

К – маблағи умумии сармоягузорӣ ба инноватсия, сомонӣ.

«Қимати зариби ба ҳисоб гирифташаванда бояд ба зариби En (ҳаддӣ) муқоисашаванда бошад. Зарибҳои муқоисашавандаро метавон аз зарибҳои муайяннамудаи Вазорати иқтисоди Россия истифода бурд, ки чунинанд:

0,15 - ҳангоми ҷорӣ намудани технологияи нав,

0,12 - ҳангоми сохтан ва васеъ кардани корхонаҳо. Аксар вақт субъектҳои иқтисодӣ вобаста ба намуди лоиҳа аз 0,06 то 0,25» [64], муқаррар карда

мешавад. Бояд дар назар дошт, ки дар ҳамон вақт лоиҳа қабул карда мешавад, агар зариб аз зарибҳои муқоисашаванда зиёд бошад, яъне $E_{p} > En$.

2. Муҳлати баргардонидани маблағгузориҳо – даврае, ки дар давоми он маблағҳои асосии хароҷот барои маҳсулот инноватсионӣ аз ҳисоби даромади иловагии истифодабаранда ҷуброн карда мешавад:

$$Tp = 1/Ep \quad (2)$$

Муҳлати ҷуброни хароҷотҳо ба муҳлати муайяннамудаи меъёрӣ Tn муқоиса карда мешавад. «Лоиҳа самаранок ҳисоб карда мешавад, агар Tp аз Tn кам бошад.

3. Самараи иқтисодии солонаи лоиҳа:

$$Е = П - En * К \quad (3)$$

Арзиши сармоягузорӣ ба зариби меъёрӣ зарб карда мешавад.

Зариби меъёрӣ нишон медиҳад, ки кадом ҳиссаи сармоягузориҳо бояд дар давоми соли ҷорӣ ҷуброн карда шаванд.

Барои интихоби беҳтарин усули татбиқи навоварӣ, нишондиҳандаҳои зерини муқоисавии самаранокии иқтисодӣ истифода мешаванд:» [64]. (5)

1. Хароҷоти кардашуда:

$$З = Ci + En * Кi \quad (4)$$

дар ин ҷо: Ci ва Кi мутаносибан хароҷоти солонаи амалиётӣ ва сармоягузорӣ барои варианти i мебошанд. Шарти интихоби беҳтарин вариант хароҷоти камтарин ба ҳисоб меравад. Муқоисаи хароҷоти ду вариант имконият медиҳад, ки варианти камхарҷи он интихоб карда шавад.

«Дар шароити гуногунии ҳаҷми истеҳсол, интихоби варианти беҳтарин нишондиҳандаи ҳиссаи камтарини хароҷот ба як воҳиди маҳсулот дониста мешавад, ки бо формулаи зерин ҳисоб намудан мумкин аст:» [64].

$$З = С1 + En * К1 \quad (5)$$

ки дар ин ҷо: С1 – хароҷот барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот, сомонӣ.

$К_1$ – ҳиссаи сармоягузориҳои асосӣ, сомонӣ.

Хусусияти муосири баҳои лоиҳаи инноватсионӣ самаранокии иҷтимоии он ба ҳисоб меравад, ки бо дарназардошти таъсири он ба муҳити

зист баҳо дода мешавад. Дар амалия ду усули баҳодиҳии самаранокии иҷтимоии лоияҳои инноватсионӣ вуҷуд дорад.

«Якум, муайян кардани талафот аз ифлосшавии муҳити зист ва дуюм муқоиса кардани хароҷоти марбут ба татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ, ки муҳити зистро ифлос мекунад.

Ҳамин тариқ, барои ҳисоб кардани нишондиҳандаи самараи иҷтимоию иқтисодӣ, талафотро аз натиҷаҳои манфии иҷтимоӣ ба назар гирифтан зарур аст. Нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи самаранокии иҷтимоии маҳсулоти инноватсионӣ, боздеҳии маблағи хароҷотро дар шакли талафот аз ифлосшавии муҳити зист аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад. Инҳо метавонанд хароҷоти яквақта, сармоягузориҳои иловагӣ ё хароҷоте бошанд, ки арзиши маҳсулотро зиёд мекунанд ва дар натиҷа боиси кам шудани фоидаи солона мегардад» [64].

Самаранокии иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ бо дарназардошти объекти таҳлил амалӣ карда мешавад, ки намудҳои гуногун дорад. Яке аз объекти таҳлил ташкили истеҳсолот, меҳнат ва идоракунӣ бошад. Дигар объекти таҳлил раванди инноватсия дар ҷараёни реконструксия ва модернизатсияи истеҳсолот, истифодаи он бо мақсади кам намудани сарфи ашёи хом, сузишворӣ, меҳнат ва неруи энергия, равандҳои технологӣ, маркетинги маҳсулотҳои инноватсионӣ бошад.

«Моҳияти самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои инноватсионӣ яке аз ҷанбаҳои баҳсноктарин ва мушкили идоракунии инноватсия ба ҳисоб меравад. Зарурати таҳлилӣ самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар ҳолатҳои зерин ба миён меояд:

- дар ҳолате, ки лоиҳаҳои инноватсионӣ зиёданд, зарурати муайян намудани афзалият ва самаранокии иқтисодии онҳо» [64];
- ҳангоми пешниҳоди як лоиҳа ва хоҳишмандони зиёди иҷрои он пайдо мешаванд;
- муайян намудани самаранокии лоиҳаи инноватсионӣ ҳангоми ба итмом расидани он.

Интихоби усулҳои баҳодиҳии самаранокии лоияҳои инноватсионӣ дар марҳилаи аввал душвор аст, зеро пеш аз ҳама меъёрҳои баҳодиҳии онҳоро муайян бояд кард.

«Ба меъёрҳои асосии баҳодиҳии самаранокии лоиҳаи инноватсионӣ қабл аз ҳама самаранокии тиҷоратӣ – натиҷаҳои молиявии фаъолият, самаранокии иқтисодиёти миллӣ – самаранокии лоиҳа аз нуқтаи назари миллӣ, минтақа ва соҳаҳо, самаранокии буҷет – таъсири лоиҳа ба хароҷоти буҷет дохил мешавад» [64].

Самаранокии тиҷоратӣ таносуби хароҷоти молиявӣ ва натиҷаҳое, ки меъёри даромадро таъмин менамояд дар назар дорад, ки бо формулаи зерин ҳисоб намудан мумкин аст. Ба сифати самара воридоти маблағ дар қадами - $t$ дониста мешавад.

$$Фi(t) = Пi(t) - Оi(t) \quad (6)$$

ки дар он i = 1, 2, 3.

Дар ин ҷо: $Ф(t)$-фарқи байни воридот ва хароҷоти маблағ дар ҳар як давраи тадбиқи лоиҳа;

$П1(t)$-даромади маблағ;

$О2(t)$- сарфи маблағ.

$$Ф(t) = (П1(t) - Оi(t) + (П2(t) - О2(t) = Фi(t) + Ф'(t) \quad (7)$$

Нишондиҳандаҳои самаранокии буҷет таъсири натиҷаҳои тадбиқи лоиҳа ба даромад ва хароҷоти буҷети тамоми сатҳо дониста мешавад.

Таъсири буҷет (Bt) дар ҳамон вақт самаранок мешавад, ки даромади буҷет (Дт) аз ҳисоби тадбиқи лоиҳа нисбат ба хароҷоти буҷет (Пт) дар ҳамаи марҳилаҳо зиёд бошад.

$$Bt = Дt - Pt \quad (8)$$

Нишондиҳандаи самаранокии миллии лоиҳаи инноватсионӣ аз нуқтаи назари манфиатҳои миллӣ, минтақавӣ, соҳавӣ, корхона баҳо дода мешавад.

Ҳангоми ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаи инноватсионӣ чунин нишондиҳандаҳо ба назар гирифта мешаванд:

- натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолот, даромад аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ дар дохил ва хориҷи кишвар;
- натиҷаҳои иҷтимоӣ ва экологии минтақа;
- натиҷаҳои бевоситаи молиявӣ;
- карз ва кӯмакпулиҳои давлатхои хориҷӣ, банкҳо ва ғ.

Таъсири лоиҳа ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ҳамчун нишондиҳандаи иловагии самаранокӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Тибқи ҳисоби нишондиҳандаҳои арзишӣ нархҳои базавӣ, дурнамо ва ҷаҳонӣ истифода мешаванд.

Усули оддиттарини баҳои самаранокии лоияҳои инноватсионӣ, усули оморӣ ба ҳисоб меравад, ки асосан барои баҳодиҳии тахминии самаранокии лоиҳа истифода мешаванд.

Ба нишондиҳандаҳои асосии баҳои самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ инҳо дохил мешаванд:

- «фоидаи умумии (ё миёнаи солона) дар давоми тадбиқи лоиҳа;
- даромаднокии сармоягузорӣ (меъёри оддии фоида);
- давраи ҷуброни сармоягузорӣ.

Арзёбии динамикаи самаранокии иқтисодии инноватсия аз руйи гардиши нишондиҳандаҳои зерин: даромади дисконтшудаи холис, меъёри даромаднокии дисконтшудаи дохилӣ» [64], меъёри даромаднокии модификатсияшудаи дохилӣ ва муҳлати баргардонидани сармоягузориҳо баҳо дода мешаванд.

Даромади дисконтшудаи холис (NPV) ҳамчун фарқи байни даромад ва баромади маблағҳои пулии дар ҷараёни иҷрои лоияҳои сармоягузорӣ ва давраи ояндаи он ҳисоб карда мешавад.

Даромади дисконтшудаи холис (NPV) барои меъёри доимӣ тахфиф ва маблаггузории ибтидои бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\mathrm{NPV} = -\mathrm{I}\frac{\mathrm{Ct}}{\mathrm{t+i}} \quad (9)$$

Дар ин ҷо, I – сармоягузориҳои ибтидоӣ.

Ct- гардиши пули накд аз фурӯши сармоягузорӣ дар вақти t;
t-қадами ҳисоб;
i -меъёри дисконт (тахфиф) аст.

Дар ҳолати NPV мусбат будан лоиҳаро метавон қабул намуд ва агар лоияҳои пешниҳодшуда бисёр бошанд, ҳамон лоиҳа қабул мешавад, ки NPV бештар бошад.

Дигар нишондиҳандаи самаранокии лоиҳаи инноватсионӣ индекси даромаднокии сармоягузорӣ - PI ба ҳисоб меравад, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$PI = \frac{Ct}{I} \quad (10)$$

Дар ин ҷо:

I - сармоягузории лоиҳа;

Ct -гардиши маблағҳо дар вақти t;

i - меъёри дисконт (тахфиф) аст.

Дар ҳолати PI> 1 будан, лоиҳа аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок дониста мешавад.

Дигар нишондиҳандаи самаранокии лоиҳа меъёри дохилии даромад (IRR) ба ҳисоб меравад, ки маънои ҳолати меъёри дисконт (тахфиф) ҳангоми NPV-и лоиҳа ба сифр баробар аст:

IRR = i, ки дар он NPV = (i) = 0. (11)

IRR – ҳолати хароҷоти нисбатан камтарин, ки барои иҷрои лоиҳа заруранд.

«Масалан, агар лоиҳа пурра аз ҳисоби қарзи бонқи маблағгузорӣ шавад, пас IRR дараҷаи аз ҳама баланди фоизи қарзи бонкиро нишон медиҳад, ки аз вай боло лоиҳаро зиёновар мегардонад» [64].

Нишондиҳандаи дигари самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инноватсия давраи баргардонидани DDP ин сармоягузориҳо бо фоизҳояшон мебошад. Фарқи ин усули ҳисоб нисбат ба усули оморӣ дар он аст, ки арзиши пулро дар вақти ҳисоб ба назар мегирад.

Баҳои самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои инноватсиониро ташхис муайян менамояд. «Баҳои лоиҳа дар асоси таҳлили моҳияти илмии он гузаронида мешавад, ки дар он возеҳии лоиҳаи пешниҳодшуда, мақсади лоиҳа ва усулҳои баҳодиҳии он, хусусиятхои сифатии лоиҳа ва мубрамияти он муайян мегардад.

"Ташхиси лоиҳаҳои инноватсионӣ назорати нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) сифати низоми меъёрӣ, методӣ, лоиҳакашӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба низоми идоракунии инноватсионии лоиҳа дохил карда шудаанд;

2) касбияти роҳбари лоиҳа ва дастаи у;

3) неруи илмию техникӣ ва истеҳсолӣ, рақобатпазирии лоиҳа ва ташкилот;

4) эътимоднокии ҳисобҳои иҷрошуда, дараҷаи хавф ва самаранокии лоиҳа;

5) сифати механизми таҳия ва татбиқи лоиҳа, имкони ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ғ» [163, с. 23].

«Тибқи тавсияҳои Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ, ташхиси лоиҳаҳои инноватсионӣ бояд дар асоси принсипҳои зерин сурат гирад:

1) мавҷудияти гуруҳи мустақили тадқиқотчиён, ки ҳамчун ҳакам амал мекунанд, ҳолатҳои баҳснокро аз руйи натиҷаҳои ташхис баҳо медиҳанд;

2) баҳисобгирии арзиши иловашуда ҳамчун натиҷаи истифодаи инноватсия дар истеҳсолот;

3) пешбинӣ ва банақшагирии хароҷот дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат барои муайян кардани самаранокии дар давраи ҳисоботӣ ва дурнамо;

4) муносибати байни низоми назорат ва имкониятҳои такмили идораи сиёсати илмию техникии давлат» [163, с. 24].

Гузаронидани ташхиси лоиҳаҳои инноватсионӣ ба усуле такя мекунад, ки тавонад варианти фоидаовартарини лоиҳа интихоб карда шавад.

Яке аз усулхои оддитарини интихоби лоиҳаҳои инноватсионӣ мувофиқати он ба меъёрҳои баҳодиҳист. Қабл аз ҳама мувофиқати лоиҳа ба меъёрҳои қабулшуда. Меъёрҳо метавонанд вобаста ба хусусиятҳои фарққунандаи соҳа, самти стратегии онҳо, имкониятҳои техникӣ, эҳтимолияти муваффақият, таҳдиди рақобат фарқ кунад. Лоиҳаҳо аз руйи дараҷаи ҷолибият ва мувофиқат ба меъёрҳо гуруҳбандӣ карда мешаванд» [64].

Ҳангоми баҳои самаранокии лоияҳои инноватсионӣ усулҳои умумии илмӣ, аз ҷумлаи индекс, тавозун, графикӣ ва ғ. низ истифода мешаванд.

Дигар масъалаи муҳимми методии таҳқиқи самаранокии иқтисодии инноватсия, таҳлили потенсиали инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, ки метавон ҳам дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва корхона амалӣ намуд.

Муҳити инноватсионӣ аз тавлиди ғояи нав; татбиқи таҷрибавии он, дар истеҳсолот ҷорӣ намудан ва паҳн намудани он ба ҳисоб меравад.




**Расми 1.2. - Сохтори потенсиали инноватсионӣ.**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

«Дар рафти амалисозии лоиҳаи инноватсионӣ зарурати баҳои ду марҳалаи навоварӣ ба миён меоял, ки яке баҳои иқтидори инноватсионии субъекти хоҷагидор ва дигаре ташхиси лоиҳаи инноватсионӣ бо дар дарназардошти имкониятҳои ин ташкилот мебошад» [64]. Ин марҳилаҳо дар раванди татбиқи амалии лоиҳаи инноватсионӣ ба миён меояд.

Пеш аз ҳама зарурати муайян намудани сохтори имкониятҳои инноватсионӣ ба миён меояд, ки он дар намуди расми 1.2. нишон дода шудааст.

Сохтори потенсиали инноватсионии корхона аз ду қисм, яке потенсиали моддӣ ва дигаре потенсиали зеҳнӣ иборат аст.

Потенсиали моддӣ имконияти бо захираҳои моддӣ-техникӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва диг. таъмин намудаи тадбиқи лоиҳаи инноватсионро дар назар дошта бошад, пас имконияти зеҳнӣ натиҷаи моликияти зеҳнии корхонаро нишон медиҳад.

Фаъолияти самараноки корхона қабл аз ҳама аз мавҷудияти имконияти дохилии он вобаста аст, ки сохтори он дар расми 1.3. нишон дода шудааст.




**Расми 1.3. - Чаҳорчӯбаи арзёбии потенсиали дохилии корхона.**
**Сарчашма:** Кори муаллиф.

Чуноне ки аз расм бармеояд, схемаи баҳои потенсиали дохилии корхона аз ду қисм: таҳлили муфассал ва таҳлили ташхисӣ иборат аст. Дар таҳлили муфассал ҳолати муосири имконияти корхона баҳо дода шуда, таҳлили ташхисӣ бошад, омилҳои ба тадбиқи лоиҳа таъсиррасон баҳо медиҳад.

Бояд хулоса намуд, ки методологияи муайян намудани самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ қобили қабул нест, зеро навовариҳои инноватсионӣ дар идоракунии истеҳсолот маркетинг ва диг. амалӣ мегарданд, ки онҳоро бо як нишондиҳанда баҳо дода намешавад.

Ба замми ин ба самаранокии лоияҳои инноватсионӣ омилҳои иқтисодӣ, илмию техникӣ, молиявӣ, сифати зиндагӣ таъсир мерасонад, ки бо як нишондиҳанда ҷамъбаст карда намешавад. Имконияти инноватсионии корхонаро метавон ҳамчун нишондиҳандаи қобилияти иҷрои ҳадафҳои дар лоиҳаи инноватсионӣ буда баҳо дод.

### 1.3. Таҷрибаи ҷаҳонии таҳияи сиёсати минтақавии инноватсия

Бояд гуфт, ки бархурд ба ташаккули сиёсати давлатии инноватсионӣ дар ҳар як кишвар вобаста ба хусусиятҳои миллии он фарқ мекунад.

Вобаста ба ҳадафҳо онро ба се қисм метавон ҷудо намуд.

Ба гуруҳи якум, кишварҳои рушдкарда дохил мешаванд, ки лоиҳаҳои калони инноватсиониро таҳия менамоянд, ки тамоми паҳлуҳои рушди инноватсиониро дар бар мегирад. Онҳо дорои иқтидорҳои бузурги ҳарбӣ доранд (ИМА, Британияи Кабир, Фаронса);

Ба гуруҳи дуюм, он кишварҳое шомиланд, ки муҳити мусоиди инноватсиониро муҳайё намуда, доимо дар фикри такмили иқтисодиёт мебошанд ва саноати рушдкарда доранд. Ба ин гуруҳ Германия, Шветсия, Швейтсария шомил мешаванд. Ба гуруҳи сеюм бошад, мамлакатҳои истифодаи инноватсияро ҳавасмандкунанда (Канада, Гонконг, Япония) дохил мешаванд.

«Дар кишварҳои пешрафта таҳия ва татбиқи инноватсия омили ҳалкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва гарави амнияти иқтисодӣ мебошад. Иқтисодиёти мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдкарда, ки дорои технологияи рушдкарда ҳастанд, пай дар пай рушд мекунад. Ба гуфтаи коршиносони хориҷӣ, гардиши солона дар бозори ҷаҳонии технологияҳои олӣ ва маҳсулоти доништалаб назар ба гардиши бозори ашёи хом, аз ҷумла нафт, маҳсулоти нафтӣ ва газ чанд маротиба бештар аст.

Дар Россия танҳо 4-5% корхонаҳо дар фаъолияти худ натиҷаҳои инноватсияро татбиқ мекунанд. Дар ИМА ин рақам аз 35 фоиз зиёд аст» [101, с.56]. Муҳимтарин ҷанбаи ташкили фаъолияти инноватсионӣ маблағгузории он мебошад. Дар кишварҳои пешрафта маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ ҳам аз ҳисоби давлатӣ ва ҳам аз сарчашмаҳои хусусӣ сурат мегирад. Сармоягузории аксарияти мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ ва ИМА байни бахши давлатӣ ва хусусӣ қариб баробар тақсим мешаванд.

Давлат метавонад ҳам захираҳои молиявӣ ва ҳам захираҳои зеҳнӣ, моддию техникиро, ки барои амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ заруранд, мутамарказ намояд. Давлат дастурҳои умумии стратегии равандҳои инноватсиониро муайян мекунад ва фаъолияти инноватсиониро ҳамоҳанг месозад.

Масалан, дар ШМА дар давоми 15—20 соли охир ба ин максадҳо аз 2,2 то 2,7%; дар Франция — аз 1,8 то 2,3 %; дар Олмон ва Ҷопон – аз 2 то 2,9%; дар Англия — аз 2 то 2,5%, дар мамлакатҳои Ғарб, ки аъзои Ташкилоти Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (OECD) мебошанд, хароҷоти тадқиқоти илмӣ 2,2%, дар мамлакатхои G7 — 2,4 %, дар ШМА — 2,6%, дар Россия - 0,9%-и ММД-ро ташкил медиҳад.

Модели низоми инноватсионии Иттиҳодияи Аврупо  чор марҳиларо аз сар гузаронидааст.

Марҳилаи якум, то миёнаи солхои 60-ум давом кардааст. Дар ин марҳила илм ҳамчун соҳаи алоҳида ҳисоб карда мешуд ва худи тадқиқоти илмӣ бо соҳаҳои сектори воқеии иқтисодиёт (саноат, хоҷагии қишлоқ), ба

истисноии комплекси ҳарбию саноатӣ алоқаманд набуд. Сиёсати илмии давлатҳо дар ин марҳила ихтиёрӣ ва пароканда буданд.

Марҳилаи дуюм, аз нимаи дуюми солхои 60-ум оғоз гардида то миёнаи солҳои 70-ум давом кардааст. Дар ин марҳила илм ва дастовардҳои илмию техникӣ воситаи асосии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб мерафт.

Марҳилаи сеюм бошад, аз миёнаи солҳои 70-ум то охири асри XX давом намудааст, ки дар он илм ҳамчун омили асосии таъсиррасон ба рушди иқтисодиёт дониста шудаааст.

Марҳилаи чаҳорум бошад (охири асри XX то ҳоло ) ба рушди технология, иттилоот, экология, хизматрасонӣ ва ғ. нигаронида шудаанд.

Талаботи ягона барои ҳамаи аъзоёни Иттиҳоди Аврупо бунёди фазои ягонаи инноватсионӣ дониста мешавад.

Сиёсати инноватсионии Иттиҳоди Аврупо ба:

- низоми махсуси андоз барои сохторҳои инноватсионӣ;
- таъмини ҳавасмандӣ барои фаъолияти инноватсионӣ ва ғ.

Дар ин мамлакатҳо, сиёсати субсидиявии фаъолияти инноватсионии ширкатҳо нигаронида шудааст.

Инчунин, дар доираи сиёсати ҳавасмандгардонии илмӣ-таҳқиқотӣ дар сатҳи Аврупо ба пешниҳоди имтиёзҳои муайяни андоз ба ташкилотҳои инноватсионӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, ки ба ҷалби сармояи хориҷӣ нигаронида шудааст.

Дар Иттиҳоди Аврупо низоми дусатҳаи ченкунии рушди инноватсионӣ дар сатҳи кишварҳои алоҳида ва минтақаҳои алоҳида мавҷуд аст. «Низоми арзёбии рушди инноватсионии кишварҳои аврупоӣ аз соли 2000 ва соли 2002 мавриди истифода қарор гирифт. дар заминаи он системаи баҳодиҳии рушди инноватсионии минтақаҳои Иттиҳоди Аврупо таъсис дода шуд, ки ба он баъзе нишондиҳандаҳои тадқиқоти кишвар дохил карда шудаанд. Ҳамин тариқ, феълан фаъолияти инноватсионии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо аз рӯйи 29 нишондиҳанда баҳо дода шуда, барои арзёбии рушди инноватсионии минтақаҳо 16 нишондиҳанда истифода мешавад. Сабаб дар он аст, ки омор

дар сатҳи минтақавӣ нисбат ба сатҳи кишвар камтар аст. «Номукаммалии омор дар сатҳи минтақавӣ сабаби он аст, ки дар доираи баҳодиҳӣ рейтинги мутлақи минтақаҳои алоҳида истифода намешавад, вале гуруҳҳои минтақаҳои дорои сатҳи рушди инноватсионии якхела муайян ва ҷойгир карда мешаванд.

Тибқи методологияи аврупоӣ баҳодиҳии сатҳи рушди иқтидори инноватсионии минтақаҳо нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад: омилҳои рушди инноватсионӣ (имкондиҳандагони инноватсия) фаъолияти фирмаҳо – навоварон; натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ» [160, с.278-285].

«Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки дар тули ҳашт соли охир Чин афзоиши баланди нишондиҳандаҳоро дар соҳаи рушди инноватсионӣ нишон дода, натиҷаҳои рейтингро дар ҳарду зериндексҳои GII беҳтар кардааст» [40].

«Чин сиёсати табдил додани иқтисодиёти худро аз як истеҳсолкунандаи ҷаҳонии мол ба маркази ҷаҳонии истеҳсолоти инноватсионӣ пайваста амалӣ мекунад. Дар аввал, дар доираи гуруҳи таҳлилии БРИКС (Бразилия, Россия, Ҳиндустон, Чин ва Африқои Ҷанубӣ) бартарии рақобатпазирии Чин қувваи арзон буд» [40].

«Ҳоло дар Чин барои аз ҷиҳати сифатӣ тағйир додани қувваи коргарӣ ва тайёр кардани кадрхои илмии миллӣ, аз ҷумла дар хориҷа тадбирҳои калон ба амал бароварда мешаванд. Азбаски Чин шумораи кофии донишгоҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ надорад, ҳукумат таҳсилро дар муассисаҳои таълимии хориҷӣ ҳавасманд мекунад. Дар баробари ин, роҳбарияти Чин масъалаи мураккаби «фирори мағзҳо»-ро бомуваффақият ҳал карда, барои ҷавонони ташаббускор, ки мехоҳанд дар кишвари худ тиҷорати инноватсионӣ ташкил кунанд, шароити ҷолиб фароҳам меорад» [40].

«Чин ҳадафмандона сиёсати рушди кластерҳои илмию технологиро ҳамчун марказҳои тамаркузи рушди инноватсионӣ пеш мебарад. Шумораи зиёди кластерҳо аз сад кластери калонтарин аз руйи натиҷаҳои II дар Иёлоти Муттаҳида ҷойгир аст, дар ҷои дуюм дар ҷаҳон аз руйи ин нишондод Чин - ҳабдаҳ кластери инноватсиониро ишғол мекунад. Сад кластерҳои навовариҳо

танҳо дар бисту шаш кишвар мавҷуд аст, ки шаштои онҳо (аз ҷумла Чин ва Россия) ба кишварҳои даромади миёна тасниф шудаанд. Рӯйхати кластерҳо аз руйи сатҳи иқтидори технологии онҳо, ки ҳамчун коэффитсиенти ҷамъи патентҳо ва нашрияҳои илмӣ нисбат ба аҳолӣ ҳисоб карда мешавад, танҳо як кластер аз Чин (Пекин – ҷои 4-ум) ва Россия (Маскав) дохил карда шудааст. - ҷойи 13). Ин нишон медиҳад, ки иқтидори кластерҳои инноватсионӣ дар Россия ва Чин дар муқоиса бо бисёре аз кластерҳои аврупоӣ ва амрикоӣ нисбатан камтар аст. Аммо дар ин самт, Чин аллакай дар самти афзоиши шумораи патентҳо ба натиҷаҳои муайяни мусбат ноил шудааст» [40].

«Дар доираи сиёсати давлатии инноватсионӣ ҳукумати Чин тавонист кори асосиро анҷом диҳад: дар баробари ҳавасмандгардонии инноватсия дар бахши хусусӣ, моликияти давлатии ширкатҳои бузурги технологиро нигоҳ дошт. Бо ин имкон дод, ки ба марказҳои асосии рушди инноватсионии кишвар бевосита ва зуд таъсир расонад. Ҳамзамон бо дастгирии фаъолонаи давлат корхонаҳои инноватсионии хурду миёна ба худмаблағгузории бозор бароварда шуданд. Ҳамзамон ширкатҳои бузурги фаромиллии хориҷӣ, аз қабили General Motors ва Volkswagen дар Чин лоиҳаҳои тадқиқотиро оғоз карданд. Ин як тамоюли нави фаъолияти инноватсионии ТМХ мебошад, ки пештар гузаронидани тадқиқотро дар кишварҳои худ афзалтар медонистанд. Чин аз ҳамгироӣ ба занҷирҳои глобалии арзиш ва системаҳои инноватсионӣ манфиати назаррас гирифт» [40].

Таҷрибаи Чин имконият медҳад, ки дар Тоҷикистон сиёсати рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ сари вақт амалӣ карда шаванд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии рушди инноватсия дар мамлакатҳои СНГ дар солҳои 2018-2022 аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар мамлакатҳои пасошуравӣ ба ҷуз Россия, Қазоқистон ва Узбекистон, ба рушди инноватсионии иқтисодиёт таваҷҷуҳи зиёд ба назар намерасад, зеро дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 нишондиҳандаҳо тамоюли коҳишёбӣ қарор доранд (ҷадвали 1.1).

**Ҷадвали 1.1. - Нишондиҳандаҳои асосии рушди инноватсия дар мамлакатҳои СНГ дар солҳои 2018-2022, ба ҳисоби асъори миллӣ**

| Мамлакатҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2018,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти навовариҳои технологӣ (маҳсулот ва раванд), маркетингӣ ва ташкилӣ - умумӣ, бо пули миллӣ | | | | | | |
| Озарбойҷон | 34 353,6 | 48 037,1 | 35 919,8 | 5 848,3 | 22 540,4 | 65,6 |
| Беларус | 1 139,5 | 1 408,4 | 1 473,6 | 1 187,0 | 858,2 | 75,3 |
| Қазоқистон | 861 915,0 | 545 046,1 | 783 271,0 | 800 089,5 | 1 453 339,1 | 168,6 |
| Қирғизистон | 814,9 | 814,9 | 251,9 | 418,8 | 196,7 | 24,1 |
| Россия | 1 484 901,1 | 1 954 133,3 | 2 134 038,4 | 2 379 709,9 | 2 662 571,1 | 179,3 |
| Узбекистон | 4 707 200,0 | 6 603 474,9 | 6 829 968,6 | 17 680 789,0 | 19 130 628,6 | 406,4 |
| Хароҷоти навовариҳои технологӣ (маҳсулот, раванд), бо пули миллӣ | | | | | | |
| Озарбойҷон | 34 353,6 | 48 037,1 | 35 919,8 | 5 848,3 | 22 540,4 | 65,6 |
| Беларус | 1 134,9 | 1 390,3 | 1 450,9 | 1 187,0 | 858,2 | 75,6 |
| Қазоқистон | 899 681,8 | 856 449,5 | 535 918,1 | 777 173,5 | 785 705,0 | 87,3 |
| Қирғизистон | 700,5 | 784,5 | 251,9 | 418,6 | 196,7 | 28,1 |
| Россия | 5800,0 | 5 811,9 | 4 184,5 | 4 631,2 | 4 522,5 | 78,0 |
| Узбекистон | 5600309,0 | 5 621 451,0 | 5 337 598,9 | 16 831 913,9 | 17 412 985,6 | 310,9 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Омори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 2023 – М., 2023. С.21. Озарбойҷон – ҳаз. манат; Беларус - млн. рубли белоруси; Қазоқистон – млн. тенга; Қирғизистон – млн. сом; Россия - млн. рубл; Ӯзбекистон –млн. сум.

Дар Тоҷикистон, Арманистон ва Молдова ҳатто омори нишондиҳандаҳои рушди инноватсионӣ мавҷуд нест.

Дар мамлакатҳои ИДМ мушкилоти «фирори мағзҳо» ҷой дорад, ки метавон тавассути таъмини ҳавасмандии онҳо ва баланд бардоштани маоши онҳо ин масъаларо ҳал намуд.

«Ин мушкилот дар айни замон барои Россия хеле шадид аст. Тибқи натиҷаҳои пурсиш, ки аз ҷониби коршиносони ширкати Boston Consulting Group гузаронида шудааст, хоҳиши рафтан дар байни кормандони баландихтисос бештар аст. Аз 24 ҳазор нафар пурсидашудагон, нисфи олимони Россия, 54% менеҷерҳо, 54% мутахассисони IT, 49% кормандони муҳандисӣ ва 46% табибон мехоҳанд дар хориҷа кор кунанд. «Тақрибан аз се ду ҳиссаи муҳоҷирони эҳтимолӣ (65%) истеъдодҳои рақамӣ мебошанд, аз мутахассисони зеҳни сунъӣ то тарроҳони интерфейси корбар» [40].

«Дуюм, ин муайян кардани самтҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳимми рушди инноватсионӣ аз руйи қиёс бо чароғҳои инноватсионии дар Чин муайяншуда мебошад. Дар Россия Стратегияи рушди инноватсионии Федератсияи Россия барои давраи то соли 2020 дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ, аз ҷумла Стратегияи то соли 2030, ки самтҳои рушди инноватсиониро дар сатҳи миллӣ муайян мекунанд, қабул карда нашудаанд, танҳо унсурҳои алоҳидаи соҳавӣ; барномаҳо. Бидуни дидгоҳи ягонаи системавӣ оид ба самтҳои ояндадори рушди инноватсионӣ дар ин самт ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудан аз эҳтимол дур нест.

Сеюм, бояд бахши ғайридавлатии дастгирии истеҳсолоти инноватсионӣ, шабеҳи ниҳодҳои илмию технологии Чин – созмонҳои хусусии миёнаравӣ таъсис дода шавад, ки фаъолияташон ба коҳиш додани монеаҳо дар роҳи татбиқи қарорҳои инноватсионӣ нигаронида шудааст» [40].

«Чорум, ҷорӣ намудани муқаррарот дар бораи истифодаи ҳатмии як қисми фоида барои мақсадҳои инноватсионӣ» [40].

Дар «Стратегияи рушди инноватсионии Федератсияи Россия барои давраи то соли 2020" чандин вариантҳои рушди инноватсионӣ оварда шудаанд.

Варианти 1. Рушди технологии инерсиалӣ (ба воридот нигаронидашуда). Барои ба он хос аст: ақибмонии технологӣ аз мамлакатҳои пешқадами Ғарб ва дар оянда аз кишварҳои навбунёди саноатӣ.

Варианти 2. Рушди мукаммал ва рақобатпазирии технологии маҳаллӣ, зеро тараққиёти дохилихоҷагӣ суст шуда ба рақобати шадид мувоҷеҳ аст.

Варианти 3. Ба даст овардани роҳбарӣ дар бахшҳои пешбари илму технология ва тадқиқоти бунёдӣ. Варианти ҷолибтарин ва гаронбаҳотарин, вале дорои хатари назаррас» [11].

Тибқи Стратегия хароҷоти дохилӣ барои таҳқиқот ва коркард то 2 фоизи ММД, ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ дар маҳсулоти саноат 5-6 баробар ва ҳиссаи корхонаҳои аз ҷиҳати инновационӣ фаъол то 40-50 баробар карда шавад.

«Давлат фаъолияти инноватсиониро аз тариқи зерин дастгирӣ ва ҳавасманд менамояд:

- такмили заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии танзими фаъолияти инноватсионӣ;
- иштирок дар маблағгузорӣ аз буҷети федералӣ, буҷетҳои субъектҳои Федератсияи Россия ва фондҳои ғайрибуҷетии давлатии барномаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, инчунин таъсиси объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ, аз ҷумла барои рушди инноватсионии хурду миёна; соҳибкорӣ;
- ташкили харид барои эҳтиёҷоти давлатӣ маҳсулоти баландтехнологӣ ва технологияи пешрафта бо мақсади таъмини тақсимоти кафолатноки онҳо;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Федератсияи Россия ва қонунгузории субъектҳои Федератсияи Россия фароҳам овардани шароити имтиёзнок барои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорони русӣ ва хориҷӣ, ки барои татбиқи барномаҳои инноватсионӣ сармоягузорӣ мекунанд ва лоиҳаҳо» [77].

Дар ҷадвали 1.3.2 хароҷотҳои Россия барои инноватсия дар солҳои 2018-2022 оварда шудааст. Мавҷуд будани чунин омор аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар Россия масъалаҳои асосии рушди инноватсионии иқтисодиёт зери назорати доимии давлат қарор дорад. Хароҷоти навовариҳои технологӣ дар ҳолати рушд қарор дошта, танҳо дар панҷ соли охир ба 2662571,1 млн рубл

расидааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 80,8% зиёд аст. Дар ин давра Хароҷоти тадқиқот ва коркарди маҳсулоти нав (молҳо ва хизматрасониҳо) ва усулҳои истеҳсоли (интиқоли) онҳо, равандҳои нави истеҳсолӣ 64,8%, Хароҷоти тадқиқоти маркетингӣ -4,4 мар., Хароҷоти ба даст овардани технологияҳои нав -2,8 мар. ва Хароҷоти хариди барномаҳо-3,9 мар. афзудааст (ҷадвали 1.2).

**Ҷадвали 1.2. - Хароҷоти Россия барои инноватсия дар солҳои 2018-2022, млн. рубл**

| Номгӯи хароҷот | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти навовариҳои технологӣ (маҳсулот, раванд) -ҳамагӣ | 1472 822,3 | 1954 133,3 | 2134038,4 | 2379709,9 | 2662 571,1 |
| Хароҷоти дигар намудҳои корҳо, ки бо тайёр кардани истеҳсолот барои баровардани моли нав, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нав ва усулҳои истеҳсоли (интиқоли) онҳо алоқамананданд | - | 5811,9 | 4184,5 | 4631,2 | 4522,5 |
| Хароҷоти муҳандисӣ, аз ҷумла асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ, тарҳрезии истеҳсолот, истеҳсоли озмоишӣ ва озмоиш, насб ва ба кор андохтан, коркарди дигар (бо тадқиқот ва коркард вобаста нест) маҳсулоти нав, хизматрасонӣ ва усулҳои истеҳсоли (интиқоли онҳо), равандҳои нави истеҳсолӣ | 161297,9 | 179017,6 | 149772,7 | 139713,9 | 127454,7 |

*Идомаи ҷадвали 1.2.*

| Номгӯи хароҷот | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти тадқиқот ва коркарди маҳсулоти нав (молҳо ва хизматрасониҳо) ва усулҳои истеҳсоли (интиқоли) онҳо, равандҳои нави истеҳсолӣ | 665031,7 | 871660,1 | 945623,9 | 1031336,6 | 1096211,1 |
| Хароҷоти тадқиқоти маркетингӣ | 1082,9 | 7706,3 | 5827,4 | 5354,0 | 4825,3 |
| Хароҷоти таълим ва тарбияи кадрҳо, ки бо ҷорӣ намудани навигариҳои технологӣ алоқамананданд | 1669,9 | 4985,5 | 3572,8 | 4560,9 | 3438,1 |
| Хароҷоти хариди мошинҳо ва таҷҳизоти марбут ба навовариҳои технологӣ | 444667,6 | 657000,1 | 713523,8 | 871347,9 | 997677,1 |
| Хароҷоти ба даст овардани технологияҳои нав | 14384,5 | 8738,7 | 37816,1 | 29577,6 | 40278,2 |
| Хароҷоти ба даст овардани ҳуқуқ ба патентҳо, иҷозатномаҳои истифодаи ихтироот, намунаҳои саноатӣ, моделҳои фоиданок | 4353,3 | 8738,7 | 37816,1 | 29577,6 | 40278,2 |
| Хароҷоти хариди барномаҳо | 36043,0 | 69935,2 | 87331,9 | 61883,7 | 142058,7 |

*Идомаи ҷадвали 1.2.*

| Номгӯи хароҷот | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти таҳияи истеҳсолот, лоиҳакашӣ ва дигар коркардҳо (бо тадқиқот ва коркарди илмӣ вобаста нест) маҳсулоти нав (молҳо ва хизматрасониҳо) ва усулҳои истеҳсоли (интиқоли онҳо), равандҳои нави истеҳсолӣ | 13403,9 | 8018,6 | 7359,7 | 5768,0 | 6538,8 |
| Дигар хароҷоти навовариҳои технологӣ | 135240,9 | 141259,3 | 179025,6 | 225536,1 | 239566,6 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 2023 - М., 2023. С.21

Усулҳои асосии таҳия ва тадбиқи сиёсати инноватсионии Ҷумҳурии Беларус ба таъмини самаранокӣ барномаи инноватсионӣ нигаронида шудаанд.

«Дар Ҷумҳурии Беларус усулҳои зерини таҳия ва тадбиқи сиёсати инноватсионӣ истифода мешаванд:

-таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқи тавассути қабули қонун ва стртатегияҳо;

-дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузороне, ки лоияҳои инноватсиониро маблағгузорӣ мекунанд, тавассути имтиёзҳои муайяни андоз, кафолатҳои давлатӣ ва қарзҳо;

-таъмини таблиғи навовариҳои ватанӣ дар хориҷа, ворид шудан ба иттилооти байналмилалӣ низоми табодули иттилоот оид ба лоиҳаҳои инноватсионӣ;

-пешниҳоди квотаҳо дар хатҳои қарзии хориҷӣ барои рушди инноватсионӣ инфраструктура» [41], харидани таҷҳизот бо мақсади татбиқи

лоиҳаҳои инноватсионӣ дар доираи кафолату литсензияҳои давлатӣ ба технология ва ноу-хау барои азхудкунии маҳсулоти навтарин дар истехсолот;

-муттаҳидсозии кушишҳои мақомоти давлатӣ ва сармоягузорони хусусӣ, ки ба ташкили ҳамкорӣ бо мамлакатҳои аъзои Иттиҳодияи Аврупо, ИДМ ва ғ. нигаронида шудааст» [22, с. 23].

«Мақсади сиёсати инноватсионии корхонаҳои Беларус бевосита таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаҳои навоваронае, ки дар иқтисодиёти ҷорӣ карда мешавад. Дар таҳияи лоияҳои инноватсионӣ пеш аз ҳама ҳаҷми фурӯши мол (кор, хизмат), сифати онхо, нарх, амали рақибон, вазъи иктисодии корхона, вазъи молиявии он, маҷмуи захираҳои худи корхона ва дигар захираҳо нигаронида шудааст. Ба замми ин дар корхонаҳои Беларус тибқи ба амал баровардани лоиҳои сармоягузории инноватсионӣ ба захираҳои зерин: маблағҳои ҷалбшуда (қарзи кредиторӣ, аванси гирифташуда), сармояи қарзӣ, воситахои асосии ба иҷора гирифташуда, молу мулки аз руйи шартнома гирифташуда, лизинг, имтиёзхое, ки аз давлат гирифта шудаанд, шартхои сугурта ва гирифтани кафолатҳо аз хавфҳои ғайритиҷоратӣ аҳаммияти ҷидди дода мешавад» [41].

«Беларус бештар лоияҳои инноватсиониро дар сатҳи корхонаҳо таҳия ва амалӣ менамояд. Таҳия ва тадбиқи ин лоияҳо ба марҳилаҳо тақсим мешаванд.

Марҳилаи аввал, интихоби самти сиёсати инноватсионӣ. Дар ин марҳила вазифа аз он иборат аст барои таҳлили вариантҳо барои шароити эҳтимолии бозор ва ҳадафҳои эҳтимолии ояндаро пешгӯӣ мекунанд. Мушкилот дар ин ҷо дар он аст, ки корхона ба имкониятҳои худ бояд такя кунад. Сипас, ғояҳоро тавассути алтернативӣ таҳия ва тадбиқ менамояд» [41].

«Марҳилаи дуюм, нақшагирии стратегӣ барои инноватсия. Дар ин марҳила имконоти барои ноил шудан ба роҳҳои дар марҳилаи қаблӣ интихобшуда, бо муқоиса ва баҳодиҳӣ вариантҳои зарурӣ, роҳҳои ноил

шудан ба мақсади инноватсионӣ, инчунин асосноккунии техникию иқтисодии он. Ҳамин тариқ, лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳия мегарданд.

Марҳилаи сеюм, банақшагирии амалиётии инноватсия. Дар ин ҷо низоми чорабиниҳо таҳия карда щуда, стратегияи таҳияшуда амалӣ гардонида мешаванд.

Сиёсати инноватсионии Ҷумҳурии Беларус «ба ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва баландтарин бо арзиши иловашуда, сарфи ками энергия ва масолеҳ, ба офаридани хелҳои нави мол мусоидат мекунад ва хизматрасонӣ, навтарин масолеҳу маснуоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, инчунин таъмини истехсоли молу хизматҳои анъанавии дорои хосиятҳои нав, ки дар доираи сохторҳои технологии қаблӣ дастнорасанд.

Модели таҳияи сиёсати инноватсионии Беларус барои ташаккули иқтисоди бозоргонии ба иҷтимоӣ нигаронидашуда ва стратегияи рушди устувор, ки самаранокиро таъмин менамояд нигаронида шудааст.

«Мақсади он ташаккули иқтисодиёти рақобатпазир тавассути муҷаҳҳазсозии куллӣ ва бунёди ташкилоту иншоотҳои нави истеҳсолӣ дар саноат, сохтмон, энергетика, хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёт, алоқа, тиб ва дигар соҳаҳои саноат ба ҳисоб меравад» [22, с. 23].

«Мувофиқи ин Консепсия қарори Совети Вазирон қабул карда шуд Ҷумҳурии Беларус аз 26 майи соли 2011 № 669 «Дар бораи Барномаи давлатӣ рушди инноватсионии Ҷумҳурии Беларус барои солҳои 2011-2015», тибқи он: Ҳадафи асосӣ эҷоди як рақобатпазир, навоварона технологияҳои баланд, сарфаи захираҳо ва энергия, иқтисодиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза; Вазифаҳои асосӣ инҳоянд:

«-ба вуҷуд овардани секторҳои принсипан нави баландтехнологӣ ва доништалаби иқтисод, таъмини бехатарии экологӣ;

- фароҳам овардани барои ҷалби сармоя;

- инкишофи бозори маҳсулоти илмию техникӣ ва инноватсионӣ, зиёд карда шавад самаранокии мухофизати моликияти зеҳнӣ, такмил додани механизмҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ;

- тезонидани рушди инноватсионии минтақаҳо;

- ташаккули ҷомеаи навоварона, эҷоди системаи муассир такмили доимӣ, бозомузӣ ва такмили ихтисоси кадрхо, мутахассисон ва пешвоёни иқтисодиёти инноватсионӣ» [46].

Асосҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Беларус дар ду Қонун (Қонуни Ҷумҳурии Белорус аз 10 июли соли 2012 № 425-З «Дар бораи № 425-З. сиёсати давлатии инноватсионӣ ва фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Беларус» ва Қонуни Ҷумҳурии Беларус аз 19 январи соли 1993 № 2105-XII «Дар бораи асосҳои сиёсати давлатии илмию техники»). Ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда сатҳи давлатӣ, ки дар Ҷумҳурии Беларус қабул шудааст ва мусоидат мекунад, татбиқи GIP дар кишвар Барномаи давлатии рушди инноватсионӣ мебошад.

Ҷумҳурии Беларус барои солҳои 2011-2015 ва Стратегияи рушди технологӣ Ҷумҳурии Беларус дар давраи то соли 2015.

Таҳлили муқоисавии ин ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва барномавӣ имконият медиҳад,ки моҳияти сиёсати давлатии инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Беларус ошкор гардад. Имруз нуктаҳои асосии онро дар шакли ҷадвал нишон дода шудааст (ҷадвали 1.3).

**Ҷадвали 1.3. - Моҳияти сиёсати давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Беларус**

| Объект ва хусусиятҳои сиёсати инноватсионӣ | Тавсиф |
|---|---|
| Моҳияти сиёсати инноватсионӣ | Сиёсати инноватсионӣ, қисми ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат буда, маҷмуи тадбирҳои ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба танзими фаъолияти инноватсионӣ нигаронида шудааст.<br>Сиёсати илмию технологӣ қисми ҷудонашавандаи он мебошад, ки принципҳо, самтҳо ва роҳҳои таъсиррасонӣ ба давлат, субъектҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ, тартиб муносибатҳои байни давлат ва субъектҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникиро ба низом медарорад |
| Мақсади сиёсати инноватсионӣ | Эҷоди шароити мусоиди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, шароити ташкилию ҳуқуқии навоварона рушд ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад.<br>Ҳадафҳои сиёсати инноватсионӣ – таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ, бо рохи самаранок истифода бурдани захираҳои зеҳнии ҷомеа, такмили дастовардҳои илмӣ ва илмию техникӣ, ҳамчун омилҳои муҳимтарини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ба даст овардани дараҷаи баланди интеллектуалӣ ва мадании сатҳҳои ҷамъият, ки ба баланд бардоштани сифати зиндагӣ нигаронида шудаанд. |

***Идомаи ҷадвали 1.3.***

| Объект ва хусусиятҳои сиёсати инноватсионӣ | Тавсиф |
|---|---|
| Вазифаҳои сиёсати инноватсионӣ | -таъмини тараққиёти иқтисодию иҷтимоии аҳолӣ, тавассути самаранок истифода бурдани интеллигенция, захираҳои ҷамъиятӣ;<br>-таъмини танзими ҳуқуқӣ, ки ҳавасмандии рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ;<br>-ташаккул ва инкишофи хаматарафаи системаи инноватсионӣ, таъмини ҳамгироии он ба системаи инноватсионии ҷаҳонӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ;<br>-ба амал баровардани шароити мусоиди фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла барои сармоягузорӣ дар ин соҳа;<br>-ҳавасмандгардонии муаллифони (ҳаммуаллифони) инноватсия;<br>-ҳавасмандгардонии таъсис ва рушди шахсони ҳуқуқӣ,<br>гузарондани фаъолияти навоварона, инчунин ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ<br>дар соҳаи инноватсия;<br>-мусоидат ба ташкил ва рушди бозори инноватсионӣ;<br>-фароҳам овардани шароити мусоид барои дастрасии субъектҳо фаъолияти навоварона ба моддию молиявӣ ва<br>захираҳои зеҳнӣ барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ;<br>-мусоидат ба таъсис ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ;<br>-рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳа фаъолияти инноватсионӣ;<br>-пешгӯии рушди технологӣ;<br>-ташкили таълим, бозомузӣ ва такмили ихтисос тахассуси кадрҳо дар соҳаи инноватсия;<br>-инкишоф додани ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи фаъолияти навоварӣ;<br>-таъмини манфиатҳои давлатӣ (мудофиавӣ ва амнияти миллӣ) дар соҳаи навоварӣ. |
| Принсипҳои асосии сиёсати инноватсионӣ | -озодии эҷодиёти илмию техникӣ;<br>-принсипҳои ҳифзи моликияти зеҳнӣ;<br>-равона кардани фаъолияти инноватсионӣ ба ноил шудан афзалиятҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ;<br>Таъмини таъсири мутақобилаи ҷузъҳо системаи миллии инноватсия;<br>-ба хам пайвастани шаклу усулҳои идоракунӣ, танзим бо истифода аз механизмҳои рушди бозор дар фаъолияти инноватсионӣ;<br>-ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ;<br>-самаранокии иқтисодӣ ва самаранокии давлат дастгирии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, субъектҳо инфрасохтори инноватсионӣ;<br>-дар асоси озмун ҷудо кардани маблағҳои буҷетӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ. |
| Субъектҳои ташаккули сиёсати инноватсионӣ | Президенти Ҷумҳурии Беларус бо иштироки Совети Вазирон и Ҷумҳурии Беларус, органҳои давлатии ҷумҳуриявӣ, идораҳо, дигар ташкилотҳои давлатӣ, тобеони Совети Вазирони Ҷумҳурии Беларус, Академияи миллии илмҳои Беларус, мақомоти маҳаллии ҳокимият ва худидоракунӣ, сатҳи ҳудудии минтақавӣ дар доираи салоҳияти худ, субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, субъектҳои инфраструктураи инновационй, ҷамъиятӣ иттиҳодияҳо ва дигар ташкилотҳо. |

*Идомаи ҷадвали 1.3.*

| Объект ва хусусиятҳои сиёсати инноватсионӣ | Тавсиф |
|---|---|
| Объекти сиёсати инноватсионӣ | -фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ;<br>-муносибатҳои байни иштирокчиёни фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ;<br>-муносибатхои байни органҳои давлатӣ ва иштирокчиёни фаъолияти илмӣ ва илмию техникй. |
| Принсипи соҳавии сиёсати инноватсионӣ | сиёсати инноватси аз руйи намуди фаъолияти иқтисодӣ ташаккул меёбад, ки ба он мақомоти давлатӣ, дигар ташкилотҳои давлатии тобеи Совети Вазирони Ҷумҳурии Беларус, ба муҳлати то панҷ сол ва дар шакли барномаҳои инноватсионии рушд ташаккул дода мешаванд, ки ин мақомот ва ташкилотҳо тасдиқ мекунанд. Бо карори Совети Вазирони Ҷумҳурии Беларус сиёсати инновационй аз руи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ташкил кардан мумкин аст. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф бо истифода аз [22, с.23].

«Ҳадафи стратегии рушди фаъолияти инноватсионӣ ва ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ Ҷумҳурии Узбекистон таъмини рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳо ва минтақаҳои он то сатҳи рақобатпазирии онҳо дар ҷаҳон мебошад. Иқтисоди инноватсионӣ ба дониш, навоварӣ, дарки мусоиди ғояҳои нав, мошинҳо, низомҳо ва технологияҳои нав, омодагӣ ба татбиқи амалии онҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон асос ёфтааст» [42].

«Хусусиятҳои асосии иқтисоди инноватсионӣ Ҷумҳурии Узбекистон инҳоянд:

- қобилияти ба даст овардани ҳама гуна иттилооти зарурӣ дар асоси системаҳои автоматии дастрасӣ ва телекоммуникатсионӣ дар бораи донишҳои нав ё маълум, навоварӣ (технологияи нав, мавод, мошинҳо, ташкил ва идоракунии истеҳсолот ва ғ.), фаъолияти инноватсионӣ, равандҳои инноватсионӣ; истеҳсол, ташаккул ва дастрас намудани ҳама гуна шахс, гуруҳи шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ ва системаҳои компютерӣ, ки татбиқи барномаҳои инноватсиониро таъмин мекунанд;

-инфрасохтори инкишофёфтае, ки таъсиси захираҳои миллии иттилоотиро ба ҳаҷме, ки барои дастгирии мунтазами суръатбахшии

пешрафти илмию техникӣ ва рушди инноватсионӣ заруранд, таъмин менамояд;

-қобилияти ҷомеа барои истеҳсоли иттилооти бисёрҷанбаи зарурӣ барои таъмини рушди динамикии устувори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва пеш аз ҳама иттилооти илмӣ;

- дарки мусоиди ғояҳо, донишҳо ва технологияҳои нав, омодагӣ ба эҷод кардан ва дар амалияи васеъ дар ҳама вақт ҷорӣ намудани инноватсияҳои дорои мақсадҳои гуногуни функсионалӣ;

- мавҷуд будани инфрасохтори инноватсионии рушдёфта, ки метавонанд инноватсиаро, ки дар вақти муайян заруранд, дар асоси технологияҳои баланди истеҳсолӣ зуд ва чандир татбиқ кунанд ва фаъолияти инноватсиониро инкишоф диҳанд, ки ба таври рақобат эҷоди ҳама гуна навоварӣ ва рушди ҳама гуна истеҳсолотро амалӣ созанд;

-мавҷудияти системаи мукаммали такмили ихтисос ва бозомузии мутахассисони соҳаи инноватсионӣ» [42].

«Инфрасохтори асосии инноватсионии Ҷумҳурии Узбекистон марказҳои муҳандисии инноватсионӣ (фирмаҳо, корхонаҳо) мебошад, ки ба асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаи инноватсионӣ ва таҳияи он то ба пурра расонидани таҷҳизот, ҳамгироии система, таъмин намудани кадрҳо ва хизматрасонии минбаъда нигаронида шудааст.

Раванди инноватсионӣ одатан дар ду сатҳи система баррасӣ мешавад: дар дохили созмон (муҳити дохилии иҷтимоӣ ва ташкилӣ) ва берун аз созмон (муҳити берунии иҷтимоию иқтисодӣ). Фаъолияти инноватсионӣ дар шакли берунии худ аз руйи хусусият ва созмон ба худи ташкилотҳои илмию истеҳсолӣ, ба хурду калон, ба давлатӣ ва хусусӣ ҷудо мешавад.

Бо шакли дохилии фаъолияти инноватсионӣ сохторҳои уфуқӣ ва амудии ташкилоти тадқиқотӣ фарқ мекунанд. Якум ба усули гуруҳбандӣ дахл дорад, ки кормандон дар блокҳои ба таври уфуқӣ пайвастшуда фаъолият менамоянд, дуюм - усули ҳамкории байни сатҳҳои идоракунӣ.

Дар айни замон дигаргуниҳои калонтарин дар системаи инноватсионӣ бо гузаштани ташкилотҳои инноватсионӣ ба шаклҳои дигари моликият алоқаманданд. Маҳз ҳамин сохторҳо имконият доданд, ки суръати афзоиши ММД Ҷумҳурии узбекистон нисбат ба ИДМ бештар афзоиш дорад (ҷадвали 1.4)

**Ҷадвали 1.4. - Суръати афзоиши ММД дар ИДМ, Узбекистон ва Қазоқистон барои солҳои 2018-2022, %***

| Нишондиҳанда | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| ИДМ | 103,1 | 102,7 | 97,6 | 105,6 | 99,7 |
| Узбекистон | 105,5 | 106,0 | 102,0 | 107,4 | 105,7 |
| Қазоқистон | 104,1 | 104,5 | 97,5 | 104,3 | 103,2 |
| Фарқи байни Ҷумҳурии Узбекистон ва ИДМ | +1,4 | +3,3 | +4,4 | +1,8 | +6,0 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 2023 - М., 2023. С.21

Бояд дар назар дошт, ки дар бисёре аз кишварҳои иттиҳод суръати афзоиши ММД аксар вақт аз пур кардани иқтисод бо маблағҳои бузурги кредитӣ вобаста аст, дар ҳоле ки хусусияти иқтисоди Узбекистон таваҷҷуҳи он ба афзоиши бахши воқеӣ мебошад.

Хусусиятҳои сиёсати иқтисодии Узбекистон ба кишвар имкон дод, ки на танҳо мавқеъҳои ба даст овардаашро нигоҳ дорад, балки ҳатто дар шароити бухрони молиявии байналмилалӣ ҳаҷми зиёди сармоягузориро таъмин намояд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки дар Узбекистон барои инноватсия шароити муайян фароҳам оварда шудааст.

1. Ҷумҳурӣ ба афзоиши устувори иқтисодиёт ноил гардид, ки мо натиҷаашро дар ҷадвали 1.4 нишон додем.

«Вазъияти сулҳу субот дар рушди иқтисоди Узбекистон низ аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои 2018-2022. бо афзоиши шумораи ҳозираи аҳолии Узбекистон 1,1 баробар, ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ 3,5 баробар афзуд» [60, с. 21].

Илова бар ин, заминаҳои иқтисоди бозорӣ ба вуҷуд омада, аз ҷумла, иқтисодиёти бисёрсохт ташаккул ёфта, институтҳои инфрасохторӣ ба вуҷуд омадаанд, табақаи нави моликон ба вуҷуд омадааст, ки барои муҳити рақобат шароит фароҳам овардааст. хавасмандгардонии навоварӣ пурзур карда мешавад.

2. Мустаҳкам намудани омилҳои интенсивии тараққиёт ва таъмини афзоиши иқтисодиёт. Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавкат Мирзиёев дар Паёми худ қайд кард, ки «Дар натиҷаи ислоҳоти густурда ва муассир маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар бори аввал аз 80 млрд долл. гузашт. Танҳо дар соли ҷорӣ ба иқтисодиёти мо 8 млрд долл. сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб шуда, ҳаҷми содирот ба 19 млрд долл. расид, мо тавонистем воридоти сармоягузориро ба сатҳи беш аз 30 дарсади ММД афзоиш диҳем. Дастовардҳои Ҷумҳурии Узбекистон тавассути дастгирии соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад. Мо минбаъд низ талош хоҳем кард, то сарбории андози соҳибкоронро бидуни кам кардани хароҷоти буҷет ва уҳдадориҳои худ дар назди аҳолӣ ва соҳибкорон кам кунем. Хусусан, аз 1 январи соли 2023 меъёри андоз аз арзиши иловашуда аз 15 % то 12% қоҳиш дода шуда, имконият медиҳад, ки маблағҳои соҳибкорон 14 трлн сом сарфа карда шавад. Аммо танҳо коҳиши андозҳо барои беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ кофӣ нест» [71].

3. Дар иқтисодиёт ва шуғли аҳолӣ тағйироти куллии сохторӣ ба амал меояд, ки дар натиҷа ҳиссаи саноат дар ММД дар соли 2023 то 24 фоизро ташкил дод.

4. Инкишофи иқтидори илмию техникӣ. Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии нерӯи илмию техникӣ нишон дод, ки дар солҳои истиқлолият таносуби сармоя ба меҳнати олимон ва даромаднокии таҳқиқоти илмӣ афзуд. Дар ҷумҳурӣ ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки бо суръати баланд инкишоф меёбанд, диққати махсус медод. Сифати тайёр кардани кадрҳо беҳтар мегардад. Шумораи корбарони интернет афзоиш ёфта, шумораи бештари муштариёни ширкатҳои мобилӣ дастрас мегарданд.

Ҳамаи ин шароитҳо ва татбиқи сиёсати фаъоли сармоягузорӣ барои таъмини дарозмуддат аҳаммияти ҳалкунанда хоҳад дошт Дар ҷамъбаст бояд гуфт, ки тамоюлҳои мусбате мавҷуданд, ки шароити татбиқи фаъолияти инноватсионӣ ва имкониятҳои эҳтимолии рушди инноватсионии иқтисодиёти кишварро тавсиф мекунанд. Дар баробари ин, захираҳои боз ҳам беҳтар намудани мундариҷаи сифатии онҳо мавҷуданд, ки зарурати тамаркузи саъю кӯшиши иловагӣ ба татбиқи иқтидори иҷтимоию иқтисодӣ, гузариши воқеӣ ба модели инноватсионӣ дар иқтисодиёти Узбекистонро тақозо менамояд, идомаи кор дар самти он диверсификация, модернизация ва аз нав мусаллаҳшавии техникии истеҳсолот мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии сиёсати инноватсионии минтақа имконият дод, ки муайян карда шавад, ки таҷрибаи Ҳиндустон доир ба ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо ва баланд бардоштани ҳавасмандии муҳаққиқон, тавассути дастгирии молиявии лоиҳҳои инноватсионӣ, ташкили фондҳои минтақавии рушди илми Бразилия, таъсиси фондҳои мнтақавии дастгирии фаъолияти инноватсионии Канада, сиёсати инноватсионии характери иҷтимоӣ доштаи ИМА, ки барои дастгирии оилаҳои камбизоат тавассути лоиҳҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд барои минтақаҳои Тоҷикистон, ки сиёсати инноватсиониро тадбиқ менамоянд истифода шаванд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ТАДБИҚИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Арзёбии ҳолати муосири рушди илм, чун қисми таркибии сиёсати инноватсионӣ

Сиёсати давлатии инноватсионии Тоҷикистонро стратегия ва консепсиҳои давлатӣ ба низом даровarда, ба иҷрои Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Ин стратегия ҳамчун дастурамал нақшаи чорабиниҳо барои ҳамаи мақомоти давлатӣ ки аз руйи он кумаки техникӣ ва молиявӣ расонида мешавад, баромад мекунад. Таъмини тараққиёти устувори мамлакат интихоби принципҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки асосии тараққиёти минбаъдаи хоҷагии халқ ва ҷамъиятро дарбар мегирад.

Ҳамзамон, Стратегия дастурҳои дарозмуддати рушди субъектҳои инноватсия, инчунин роҳнамо оид ба маблағгузории бахши илми фундаменталӣ ва амалӣ ва дастгирии тиҷоратикунонии дастовардҳои илмиро муқаррар мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки муҳимтарин воситаи ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии давлатӣ ва рушди илм маблағгузорӣ мебошад. Ҳар як давлат сиёсати молиявии худро дар асоси манфиатҳои миллии худ бо дарназардошти як қатор омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ амалӣ менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ (99,07%), субъектҳои хоҷагидорӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ, аҳолӣ ва созмону давлатҳои хориҷӣ (0,93%) маблағгузорӣ карда мешавад.

Дар ҷадвали 2.1 хароҷоти буҷети давлатӣ барои рушди илм оварда шудаанд.

Аз рақамҳои ҷадвали 2.1. бармеояд, ки хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи илм тамоюли афзоиш дошта, дар соли 2024 нисбат ба соли 2000-ум 135,4 маротиба афзуда бошад ҳам, вале ҳиссаи он дар ММД аз 0,1020 (с.2024)

зиёд нест. Ҳол он, ки тибқи СМР-2030 дар соли 2020 маблағгузории соҳаи илм бояд на кам аз 0,8% ва дар соли 2025 на кам аз 1,2 фоизро ташкил намояд [74, с.84].

**Ҷадвали 2.1. - Хароҷоти буҷети давлатӣ барои рушди соҳаи илм дар солҳои 2000-2024**

| Нишондиҳандаҳо | *2000* | *2005* | *2010* | *2015* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, ҳаз. сомонӣ | 1155,8 | 7663,3 | 27581,4 | 52890,7 | 82820,4 | 99690,7 | 19586,7 | 143510,9 | 156551,9 |
| Афзоиш нисбат ба соли 2000, мар. | 100,0 | 6,6 | 23,9 | 45,8 | 71,7 | 86,3 | 103,5 | 124,2 | 135,4 |
| Нисбат ба ММД, % | 0.0007 | 0,1068 | 0,1117 | 0,1038 | 0,0986 | 0,1008 | 0.1033 | 0,1094 | 0,1020 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.13-72. Ҳисоботи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Солҳои мухталиф. –С.523; 653; 700; 715.

Новобаста аз он, ки дар Тоҷикистон барои рушди инноватсия диққати ҷиддӣ дода мешавад, вале маблғгузории корҳои тадқиқотӣ ва конструкторӣ дар сатҳи 0,085 фоизи ММД- қарор дорад, ҳол он ки дар кишварҳои мутараққӣ ин нишондиҳанда ба 1-3% ММД мебошанд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои тараққикарда дар соҳаи корҳои инноватсионӣ ва бо мақсади таҳкими иқтидори инноватсионии кишвар тадриҷан зиёд намудани хароҷоти сармоягузорӣ дар соҳаи корҳои илмию техникии кишвар то 1% ММД  (қариб 484 млн сомонӣ) аҳаммияти махсус дорад.

Дигар омили таъсиррасон ба  фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар, сатҳи музди меҳнати кормандони илмӣ мебошад. Барои пурра ошкор намудани ин проблема мо музди миёнаи моҳонаи коркунони институтҳои илмӣ-тадқиқотиро дар солҳои 2019-2024 мавриди таҳлил қарор додем (ҷадвали 2.2).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, ки сатҳи музди меҳнати кормандони муассисаҳои илмӣ дар солҳои охир тамоюли афзоиш дошта, дар соли 2024 нисбат ба соли 2019-ум 74,2 фоиз афзудааст ва нисбат ба музди

миёнаи ҷумҳурӣ  аз 11,2 то 58,2% зиёд аст. Вале ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз паст аст, зеро нисбат ба миёнаравҳои молиявӣ ва суғурта 2,3 баробар ва соҳаи саноат 7,8% кам мебошад.

**Ҷадвали 2.2. - Муқоисаи музди миёнаи маоши моҳонаи коркунони муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат миёнаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2019-2024.**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024 /2019,%, (+,-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Музди миёна дар ҷумҳурӣ, сомонӣ | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 | 1760,29 | 2013,11 | 2310,21 | 173,0 |
| Муассисаҳои илмӣ | 1485 | 1319,92 | 1915,65 | 2215,22 | 2388,00 | 2587,04 | 174,2 |
| Афзоиш нисбат ба соли 2019,% | 100,0 | 114,9 | 164,2 | 164,2 | 164,2 | 174,2 | 74,2 |
| Нисбат ба музди миёна,% | 111,2 | 122,5 | 158,2 | 138,8 | 115,6 | 111,9 | 0,7 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.11-72

Сатҳи пасти музди меҳнат ба коркунони институтхои илмӣ-тадқиқотӣ имкон намедиҳад, ки барои рушд намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳавасманд бошанд. Бояд гуфт, ки захираҳои инсонӣ дар таъмини рушди устувори сиёсати инноватсионии кишвар нақши муҳим доранд. Сатҳи сиёсати инноватсионии кишвар бештар аз сатҳи захираҳои инсонии он вобаста аст.

Омили дигар набудани механизми дастгирии давлатии истифодаи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот мебошад, ҳол он, ки “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020” амал менамояд ва тибқи он бояд маҳсулотҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот ҷорӣ карда шаванд.

Рушди инноватсияро бе афзоиши шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд таъмин намудан ғайриимкон аст. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ин нишондиҳанда дар солҳои охир нисбат ба соли 2000-ум 43,9% афзудааст. Агар дар соли 2000-ум адади

ин муассисаҳо ба 57 баробар бошад, пас дар соли 2024 он ба 82 адад расидааст (ҷадвали 2.3).

**Ҷадвали 2.3. - Шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд**

| | *2000* | *2005* | *2010* | *2015* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 57 | 57 | 56 | 66 | 82 | 81 | 80 | 80 | 82 |
| ш. Душанбе | 42 | 44 | 42 | 51 | 66 | 66 | 66 | 66 | 68 |
| Вилояти Суғд | 8 | 6 | 5 | 6 | 7 | 5 | 5 | 5 | 5 |
| Вилояти Хатлон | 2 | 2 | 5 | 4 | 4 | 6 | 5 | 5 | 5 |
| ВМКБ | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| НТҶ | 2 | 2 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.68.

Чуноне ки аз рақамҳои ҷадвали 2.3 бармеояд шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд, 68 ададашон, ё 82,9% дар ш. Душанбе, 5 адад, ё 8,5% дар вилояти Хатлон, 5 адад, ё 8,5% дар вилояти Суғд, 3 адад, ё 3,7 % дар ВМКБ ва 1 адад, ё 1,2% дар НТҶ ҷой гирифтаанд. Ин шумора дар вилояти Суғд ва НТҶ нисбат ба соли 2000 мутаносибан 3 ва 1 адад коҳиш ёфта, дар ш.Душанбе 26 адад афзудааст.

Дар давраи зери таҳқиқ қароргирифта, шумораи кормандони илмӣ-техникӣ нисбат ба соли 2000 дар соли 2015-ум 1672 нафар кам шуда, минбаъд афзош ёфта, дар соли 2024 ба 4846 нафар расидааст (ҷадвали 2.4).

**Ҷадвали 2.4. - Афзоиши шумораи кормандони илмӣ-техникӣ дар солҳои 2000-2024 дар муассисаҳои илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нафар**

| | *2000* | *2005* | *2010* | *2015* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ, нафар** | 5376 | 4891 | 5756 | 3704 | 4269 | 4446 | 4496 | 4272 | 4846 |
| аз ҷумла унвони илмӣ доранд: | | | | | | | | | |
| -доктори илм | 351 | 415 | 334 | 328 | 337 | 322 | 320 | 336 | 344 |
| Ҳисса, % | 6,5 | 8,5 | 5,8 | 8,9 | 7,9 | 7,2 | 7,1 | 4,6 | 7,1 |
| -номзади илм | 967 | 1245 | 896 | 748 | 849 | 866 | 913 | 933 | 1132 |
| Ҳисса, % | 18,0 | 25,5 | 15,6 | 20,2 | 19,9 | 19,5 | 20,3 | 12,8 | 23,4 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.68

Аз таҳлили ҷадвали 2.4 бармеояд, ки ҳиссаи докторони илм дар шумораи умумии кормандони илмӣ-техникӣ дар муассисаҳои илмӣ ҳануз кам боқӣ мемонад, зеро дар соли 2024 ҳамагӣ 4,8 фоизро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2000 - ум 7 нафар коҳиш ёфтааст, ҳол он ки шумораи кормандон дар ин муассисаҳо 9,9 % кам шудааст. Дар соли 2024 шумораи номзадҳои илм ба 1132 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 165 нафар, ё 17,1% зиёд аст.

Дар ин давра иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар ҳамаи бахшҳои таҳқиқотӣ равнақ ёфтаанд (ҷадвали 2.5).

**Ҷадвали 2.5. - Иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ, ҳаз. сомонӣ**

| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол | 1296,1 | 6890,7 | 22027,0 | 52799,8 | 75292,7 | 85625,6 | 99133,1 | 120212,8 | 156551,92 |
| аз ҷумла корҳои илмӣ-техникӣ | 1247,7 | 6817,5 | 21887,3 | 52287,2 | 74907,1 | 85091,0 | 98588,1 | 119593,3 | 156551,92 |
| *аз ҷумла:* | | | | | | | | | |
| корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ | 704,4 | 6520,7 | 17987,3 | 51935,6 | 68295,8 | 77996,9 | 90218,4 | 110772,3 | 144536,02 |
| аз ҷумла бунёдӣ | 684,1 | 5592,3 | 8508,7 | 8806,2 | 9157,2 | 11056,6 | 14568,7 | 21870,6 | 30972,6 |
| корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ | 7,3 | - | 22,8 | 319,0 | 575,0 | 600,0 | 632,5 | 673,2 | 751,1 |
| тайёркунии намунаҳои таҷрибавӣ | 20,3 | 59,0 | - | - | - | - | - | - | |
| корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмон | 505,4 | 69,6 | 10,0 | - | 45,5 | 28,4 | 30,9 | 35,0 | - |
| хизмати илмӣ – | 10,3 | 168,2 | 3867,2 | 32,6 | 5990,8 | 6465,7 | 7706,3 | 8112,8 | 11258,8 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.69

Ҳаҷми иҷрои корҳо дар як соли 2024-юм зиёда аз 156,6 млн. сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 120,8 маротиба зиёд аст. Аз ҷумла корҳои илмӣ-техникӣ 125,5 маротиба маротиба афзудааст.

Дар сиёсати давлатии инноватсионӣ тарбияи олимон мавқеи муҳим дорад, зеро дастовардҳои инноватсионӣ аз фаъолияти аспирантура ва докторантураҳо вобаста аст. Маҳз онҳо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо мутахассисон таъмин менамоянд.

Таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки сол аз сол шумораи қабул ва хатми аспирантон тамоюли коҳишёбиро касб намудааст, ки падидаи бад буда, оиди ҳавасмандии пасти рағбати ҷавонон ба омузиши илм ба ҳисоб меравад. Дар солҳои зери таҳқиқ қароргирифта шумораи қабул ва хатми аспирантҳо хеле коҳиш ёфтааст (ҷадвали 2.6).

**Ҷадвали 2.6. - Шумора, қабул ва хатми аспирантҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2024, нафар**

| | *2000* | *2005* | *2010* | *2015* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи аспирантҳо (дар охири сол) | 839 | 980 | 1553 | 1672 | 339 | 219 | 142 | 173 | 163 |
| Афзоиш нисбат ба соли 2000, % | 100,0 | 116,8 | 185,1 | 199,3 | 40,4 | 26,1 | 16,9 | 20,6 | 19,4 |
| аз онҳо занҳо | 326 | 351 | 509 | 650 | 107 | 64 | 52 | 71 | 76 |
| Афзоиш нисбат ба соли 2000, % | 100,0 | 107,7 | 156,1 | 199,4 | 32,8 | 19,6 | 16,0 | 21,8 | 23,3 |
| Аз он ҷумла таълим гирифтаанд: | | | | | | | | | |
| аз истеҳсолот ҷудо шуда | 437 | 536 | 785 | 818 | 99 | 36 | 34 | 42 | 54 |
| Афзоиш нисбат ба соли 2000, % | 100,0 | 122,7 | 179,6 | 187,2 | 22,7 | 8,2 | 7,8 | 7,1 | 12,4 |
| аз истеҳсолот ҷудо нашуда | 402 | 444 | 768 | 854 | 240 | 183 | 108 | 131 | 109 |
| Афзоиш нисбат ба соли 2000, % | 100,0 | 110,4 | 191,0 | 212,4 | 59,7 | 45,5 | 26,9 | 35,3 | 27,1 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.13-72

Рақамҳои ҷадвали 2.6 аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шумораи аспирантҳо то солҳои 2015 нисбат ба соли 2000-ум дар умум 99,3% афзуда, сипас солҳои минбаъда бо суръати баланд коҳиш ёфта дар соли 2024 то 19,4 фоизи соли 2000 расидааст. Аз ҷумла, шумораи занҳои ба аспирантура ҷалбшуда дар

соли 2024 –ум нисбат ба соли 2000-ум танҳо 23,3%-ро ташкил менамояд. Агар аз 839 нафар аспирантони соли 2000-ум 326 нафар, ё 38,9 % занҳо бошанд, пас аз дар соли 2024 шумораи онҳо то 76 нафар коҳиш ёфтааст, ки паст шудани рағбати занҳоро ба илм нисбат ба мардон нишон медиҳад. Вазъи молиявии довталабон ба аспирантура имконият намедиҳад, ки онҳо таҳсилро ҷудо аз аз истеҳсолот амалӣ намоянд. Бештар аз 66,9%-и довталабон таҳсилро ғоибона амалӣ менамоянд.

Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки аксари аспирантон пас аз дохил шудан таҳсилро дар аспирантура ба охир нарасонида онро тарк менамоянд. Аз шумораи қабулшудагон танҳо 13,4%-ашон аспирантураро хатм намудаанд (ҷадвали 2.7)

**Ҷадвали 2.7. - Шумора, қабул ва хатми аспирантҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2024, нафар**

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи аспирантҳо (дар охири сол) | 839 | 980 | 1553 | 1672 | 339 | 219 | 142 | 173 | 163 | 675,5 |
| аз онҳо занҳо | 326 | 351 | 509 | 650 | 107 | 64 | 52 | 71 | 76 | 245,1 |
| Ҳамагӣ аспирантураро хатм карданд | 206 | 204 | 287 | 414 | 360 | 170 | 39 | 17 | 22 | 191,0 |
| Ҳисса аз дохилшудагон, % | 24,6 | 20,8 | 18,4 | 24,8 | 106,2 | 77,6 | 27,7 | 9,8 | 13,5 | 28,3 |
| аз онҳо занҳо | 66 | 80 | 97 | 129 | 130 | 47 | 7 | - | 9 | 61,8 |
| Ҳисса аз дохилшудагон, % | 20,2 | 22,8 | 14,9 | 19,8 | 121,5 | 73,4 | 13,5 | - | 11,8 | 25,2 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.13-72

Чуноне ки таҳлил собит намуд ба ҳисоби миёна дар ин солҳо танҳо 28,3 %-и аспирантони дохилшуда онро хатм намудаанд. Аз ҷумла 25,2%-и занҳои ба аспирантура дохилшуда тавонистанд аспирантураро хатм намоянд. Бинобар набудани нишондиҳандаҳои оморӣ мо натавонистем аз ин шумора чанд нафар рисолаҳои илмиашонро дифоъ намудаанд, муайян намоем.

Нишондиҳандаи дигаре, ки сиёсатии инноватсиониро тавсиф менамояд шумораи аспирантон дар соҳаҳои ҷудогонаи илм ба ҳисоб меравад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар солҳои охир қабули довталабон ба соҳаҳои физикаю-метематика, кимиё, биология, геологияи минералӣ, техникӣ, кишоварзӣ, фалсафа, ҷуғрофия, байторӣ, омӯзгорӣ, санъатшиносӣ, равоншиносӣ, иҷтимоиёт, меъморӣ, сиёсӣ ва илм дар бораи замин қариб ба нестӣ расидааст, ҳол он ки дар рушди илми ин соҳаҳо мутахассисони варзида намерасанд (ҷадвали 2.8)

**Ҷадвали 2.8. - Шумораи аспирантҳо дар соҳаҳои илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2024 , дар охири сол, нафар**

| Нишондиҳандаҳо | *2000* | *2005* | *2010* | *2015* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аспирантҳо | 839 | 980 | 1553 | 1672 | 339 | 219 | 142 | 173 | 163 |
| аз ҷумла дар соҳаҳои илм | | | | | | | | | |
| - физикаю-математика | 39 | 60 | 78 | 99 | 17 | 15 | 1 | - | - |
| - кимиё | 36 | 60 | 54 | 58 | 6 | 6 | - | - | 1 |
| -биология | 59 | 56 | 71 | 87 | 9 | 6 | 1 | - | 1 |
| - геологӣ- минералогӣ | 13 | 28 | - | - | - | - | - | - | - |
| - техника - техники | 52 | 36 | 59 | 76 | 8 | 5 | 1 | - | - |
| - кишоварзӣ | 29 | 67 | 108 | 80 | 2 | - | - | - | 29 |
| - таърих | 32 | 42 | 96 | 95 | 29 | 16 | 5 | 2 | 3 |
| - иқтисодиёт | 182 | 203 | 346 | 387 | 77 | 65 | 47 | 45 | 13 |
| - фалсафа | 41 | 32 | 50 | 46 | 15 | 5 | - | - | - |
| - филология | 111 | 178 | 223 | 243 | 60 | 35 | 11 | 21 | 26 |
| - ҷуғрофия | 6 | 6 | 19 | 1 | 2 | 1 | - | - | - |
| - ҳуқуқшиносӣ | 20 | 47 | 123 | 110 | 49 | 28 | 43 | 53 | 17 |
| -омӯзгорӣ | 48 | 60 | 140 | 128 | 22 | 9 | - | - | - |
| - тиббӣ | 120 | 60 | 99 | 173 | 29 | 20 | 33 | 52 | 73 |
| - байторӣ | 7 | 22 | 8 | 4 | - | - | - | - | - |
| - санъатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ | 1 | 5 | 2 | 10 | - | - | - | - | - |
| - равоншиносӣ | 2 | 1 | 3 | 8 | 2 | - | - | - | - |
| - иҷтимоиёт | 4 | 9 | 8 | 4 | 1 | - | - | - | - |
| - меъморӣ | 3 | 2 | 3 | - | - | - | - | | - |
| - сиёсӣ | 34 | 5 | 37 | 38 | 8 | 5 | - | - | - |
| - илм дар бораи замин | - | - | 26 | 25 | 3 | 3 | - | - | - |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.13-72

Ба аспирантураи соҳаҳои тиб, ҳуқуқшиносӣ, филология, иқтисодиёт рағбати бештар зоҳир мегардад. Дар сохтори соҳаҳои илм дар соли 2024 ба соҳаи ҳуқуқшиносӣ -10,4%, тиббӣ-44,8%, иқтисодиёт -8,0%, филология - 16,0% ва кишоварзӣ -17,8% -и дохилшудагон рост меояд.

Дигар нишондиҳандаи ба ҳолати рушди илм баҳодиҳанда тақсимоти шумораи аспирантҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи синну сол ба ҳисоб меравад (ҷадвали 2.9).

**Ҷадвали 2.9. - Тақсимоти шумораи аспирантҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи синну сол, дар солҳои 2019-2024, нафар**

| Нишондиҳанда | *2019* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 758 | 339 | 219 | 142 | 173 | 163 |
| То 27 сола | 378 | 143 | 50 | 31 | 33 | 42 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 49,9 | 42,2 | 22,8 | 21,8 | 19,1 | 25,8 |
| 27-30 | 184 | 99 | 87 | 35 | 54 | 65 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 24,2 | 29,2 | 39,7 | 24,6 | 31,2 | 39,8 |
| 31-34 | 110 | 68 | 55 | 33 | 46 | 42 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 14,5 | 20,1 | 25,1 | 23,2 | 26,6 | 25,8 |
| *35-38* | 61 | 17 | 23 | 21 | 20 | 12 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 8,0 | 5,0 | 10,5 | 14,8 | 11,6 | 7,4 |
| 39 боло | 25 | 12 | 4 | 22 | 20 | 2 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 3,3 | 3,5 | 1,8 | 15,5 | 11,6 | 1,2 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.74

Чуноне, ки аз рақамҳои омории ҷадвали 2.9. бармеояд, ҳиссаи ҷавонони то 27 - сола, ки дар аспирантура мехонанд мунтазам коҳиш ёфта, соли 2024 нисбат ба соли 2019-ум 24,1 банди фоиз коҳиш ёфтааст. Ин рақам аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳавасмандии ҷавонон барои олим шудан баъди хатми мактабҳои олӣ тамоюли пастравӣ дорад. Ин шояд ба он вобаста аст, ки сатҳи зиндагии олимони ҷавон дар ҷомеа беҳбудиро мехоҳад. Синну соли ҷавонони ба аспирантура рағбат дошта 31-34 - сола буда, ҳиссаи онҳо дар солҳои зери таҳқиқ қарордошта аз 14,5%-соли 2019 то 25,88% дар соли 2024 афзудааст.

Дигар нишондиҳандаи баҳодиҳандаи рушди сиёсати илм, қабул ва хатми докторантураҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар ҷадвали 2.10 шумораи қабул ва хатми докторантураҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.10. - Шумораи қабул ва хатми докторантураҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2024, нафар**

| Нишондиҳандаҳо | *2019* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* | *2024* | *2019-2024,бар.* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи докторантҳо | 43 | 35 | 50 | 64 | 95 | 129 | 3,0 |
| Аз ҷумла занҳо | 14 | 11 | 17 | 19 | 27 | 48 | 3,4 |
| Ҳиссаи занҳо, % | 32,6 | 31,4 | 34,0 | 29,7 | 28,4 | 27,3 | -5,3 |
| Дар институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ | 11 | 7 | 7 | 15 | 24 | - | - |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 25,6 | 20,0 | 14,0 | 23,4 | 25,3 | - | - |
| Дар муассисаҳои олии касбӣ | 32 | 28 | 43 | 49 | 71 | - | - |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 74,4 | 80,0 | 86,0 | 76,6 | 74,7 | - | - |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.13-72

Таҳлили ҷадвали 2.10 аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шумораи довталабони унвонҳои докторӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2019 дар умум 3,0 баробар афзудааст. Ҳиссаи занҳо дар сохтори докторантураҳо нисбат ба соли 2019 – ум 5,3 банди фоизи кам аст. Дар ин давра, ҳиссаи докторантҳо дар институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ қариб бетағйир мондаанд. Ҳиссаи онҳо ба ҳисоби миёна дар панҷ сол 22,3%-ро ташкил медиҳад, ки нигароникунанда мебошад, зеро имкониятҳои институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ истифода намешаванд. Ҳиссаи боризро докторантураҳои муассисаҳои олии касбӣ ишғол менамояд, зеро ба ҳисоби миёна 77,7 фоизи докторантҳо дар ин муассисаҳо таҳсил менамоянд (ҷадвали 2.11). Ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар мактабҳои олӣ ба замми таълим корҳои илмӣ-тадқиқотӣ беҳтар ба роҳ монда шудааст.

**Ҷадвали 2.11. - Шумораи қабул ва хатми докторантура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2024, нафар**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ба докторантура қабул шудаанд | 15 | 7 | 26 | 35 | 49 | 49 | 326,7 |
| аз онҳо занҳо | 6 | 3 | 8 | 5 | 17 | 18 | 30,0 |

*Идомаи ҷадвали 2.11.*

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳисса аз дохилшудагон, % | 40,0 | 42,9 | 30,8 | 14,3 | 34,7 | 36,7 | х |
| Ҳамагӣ докторантураро хатм карданд | 13 | 13 | 13 | 26 | 11 | 24 | 184,6 |
| Ҳисса аз дохилшудагон, % | 86,7 | 185,7 | 50,0 | 74,3 | 22,4 | 50,0 | -36,7 |
| аз онҳо занҳо | 6 | 3 | 1 | 5 | 2 | 4 | -2,0 |
| Ҳисса аз дохилшудагон, % | 100,0 | 100,0 | 12,5 | 100,0 | 11,8 | 22,2 | -77,8 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.13-72

Таҳлили ҷадвали 2.11 нишон медиҳад, ки дохилшавӣ ба докторантураҳо тамоюл ба афзоиш дошта, дар соли 2024 нисбат ба соли 2019 –ум 34 нафар, ё 3,3 маротиба зиёдтар докторантон дохил шудаанд, ки 18 нафар, ё 36,7%-ашон занҳо мебошанд.

Аз шумораи умумии дохилшудагон дар солҳои 2019-2024- 50,0% докторантураро хатм намудаанд. Аз ҷумла, 22,23%-и занҳои ба докторантура дохилшуда онро хатм намудаанд, ки нишондиҳандаи қаноаткунанда шуда наметавонад.

Дигар нишондиҳандаи таҷассумгари сиёсати инноватсионӣ таҳлили шумораи қабул ва хатми докторантон ба ҳисоб меравад. Таҳлили аз он шаҳодат медиҳад, ки аз шумораи умумии докторантҳо дар соли 2024, ки 129 нафар, аз ҷумла 48 нафар зан, ё 27,3% танҳо 7 нафар, ё 7,4%-ашон рисодаҳои доктириро ҳимоя намудаанд. Аз онҳо 2 нафарашон занон мебошанд. Аз ҷумлаи хатмкунандагон 1 нафар ихтисоси кимиё, 1 нафар филология, 1 нафар омӯзгорӣ, 3 нафар таърих, омузгорӣ -1, тиббӣ -2, ва сиёсӣ-2 нафар ба ҳисоб меравад (чадвали 2.12).

Қабул ва хатм ба докторантура аз руйи ихтисосҳои биология, геологӣ-минералӣ, техникӣ, кишоварзӣ, таърих, фалсафа, ҷуғрофия, ҳуқуқшиносӣ, байторӣ, санъатшиносӣ-фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, иҷтимоиёт, меъморӣ, сиёсӣ ва илм дар бораи замин дар соли 2024 ба роҳ монда нашудаанд.

**Ҷадвали 2.12. - Шумораи қабул ва хатми докторантҳо дар соҳаҳои илм дар соли 2024, нафар**

| Нишондиҳандаҳо | Шумораи докторантҳо | Қабул ба докторантура | Хатми докторантура | Аз онҳо рисолаи докторӣ ҳимоя намуданд |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи аспирантҳо | 129 | 49 | 24 | 6 |
| Аз он ҷумла: занҳо | 48 | 18 | 4 | - |
| Хисса аз шумораи умумӣ, % | | | | |
| Аз ҷумла дар соҳаҳои илм | | | | |
| - физикаю-математика | 4 | 1 | 1 | - |
| - кимиё | 3 | - | 0 | 0 |
| -биология | 5 | 3 | - | - |
| - геологӣ-минералогӣ | 7 | - | - | - |
| - техника | 3 | - | 1 | - |
| - кишоварзӣ | 6 | - | - | - |
| - таърих | 4 | 1 | 5 | 3 |
| - иқтисодиёт | 16 | 11 | 2 | - |
| - фалсафа | 3 | 1 | 1 | - |
| - филология | 10 | 4 | 1 | - |
| - ҷуғрофия | 2 | 2 | - | - |
| - ҳуқуқшиносӣ | 11 | 4 | 7 | - |
| -омӯзгорӣ | 49 | 24 | 6 | 1 |
| - тиббӣ | 32 | 23 | 3 | 2 |
| - байторӣ | 2 | - | - | - |
| - санъатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ | - | - | - | - |
| - равоншиносӣ | - | - | - | - |
| - иҷтимоиёт | 1 | 1 | - | - |
| - меъморӣ | - | - | - | - |
| - сиёсӣ | - | - | 3 | 2 |
| - илм дар бораи замин | - | - | - | - |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.13-72

Таҳлили ҷадвали 2.13 нишон медиҳад, ки ба корҳои докторӣ асосан дар синну соли 30-39 - сола (40,3%) ва 40-49-сола (29,5%) номзадҳои илм машғул мешаванд. Таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки синну соли доктороҳои илм дар

кишвар дар соли 2024 аз 60 боло мебошад, ки аз синну соли баланди докторҳои илм гувоҳӣ медиҳад.

**Ҷадвали 2.13. Тақсимоти шумораи докторантҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи синну сол, дар солҳои 2019-2024, нафар**

| Нишондиҳанда | *2019* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 43 | 35 | 50 | 64 | 95 | 129 |
| То 30 - сола | 1 | - | - | 1 | 3 | 12 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 2,3 | - | - | 1,6 | 3,2 | 9,3 |
| 30-39 | 16 | 18 | 25 | 29 | 29 | 52 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 37,2 | 51,4 | 50,0 | 45,3 | 30,5 | 40,3 |
| 40-49 | 21 | 12 | 19 | 21 | 41 | 38 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 48,8 | 34,2 | 38,0 | 32,8 | 43,2 | 29,5 |
| *50-59* | 5 | 4 | 6 | 10 | 20 | 24 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 11,6 | 11,4 | 12,0 | 15,6 | 21,1 | 18,6 |
| Аз 60 сола боло | - | 1 | - | 3 | 2 | 3 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | - | 2,9 | - | 4,7 | 2,1 | 2,3 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.13-72

Солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари мамлакатҳои мутараққӣ қабули докторантҳоро аз руйи равияи PHD ба роҳ монадааст.

Тибқи омори расмӣ дар соли 2024 шумораи докторантҳо 1199 нафарро ташкил намудааст, ки аз онҳо 388 нафарашон, ё 32,4% онро хатм намуданд. Дар соли 2024-юм 24 нафар рисолаи худро ҳимоя намуданд, ки 2,1 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳад (ҷадвали 2.14).

**Ҷадвали 2.14. - Шумораи қабул ва хатми докторантҳо аз руйи равияи PHD дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2024, нафар**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи докторантҳои PHD | 1091 | 1341 | 1296 | 1227 | 1166 | 1199 |
| аз онҳо занҳо | 243 | 314 | 347 | 397 | 433 | 519 |
| Ҳисса аз дохилшудагон, % | 22,3 | 23,4 | 26,8 | 32,4 | 37,1 | 43,3 |
| Ҳамагӣ докторантураро хатм карданд | 106 | 168 | 240 | 283 | 310 | 388 |
| Ҳисса аз дохилшудагон, % | 9,7 | 12,5 | 18,5 | 23,1 | 26,6 | 32,4 |

*Идомаи ҷадвали 2.14.*

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| аз онҳо занҳо | 12 | 21 | 45 | 67 | 83 | 118 |
| Ҳисса аз хатмкардагон, % | 11,3 | 12,5 | 18,8 | 23,7 | 26,8 | 30,4 |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. – С.13-72

Ба санаи аввали соли 2024 шумораи докторантҳои равияи PHD дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1199 нафрарро ташкил медод ва дар соли 2024 ум 421 нафар ба докторантура дохил шуданд. Дар ин сол 388 нафар докторантураро хатм намуда, 53 нафарашон, ё 13,6 %-ашон рисолаҳои доктириро ҳимоя намуданд (ҷадвали 2.15).

Соли 2024-ум 2 нафар аз руйи ихтисоси физикаю-математика, 5 нафар аз кимиё, 1 нафар биология, 1 нафар геологияи минералӣ, 4 нафар техника-технологӣ, 1 нафар таърих, 5 нафар иқтисодиёт, 1 нафар фалсафа, 11 нафар филология, 4 нафар ҷуғрофия, 2 нафар ҳуқуқшиносӣ, 4 нафар омузгорӣ, 2нафар равоншиносӣ ва 11 нафар илм дар бораи замин рисолаҳои доктор PHD ҳимоя намуданд.

**Ҷадвали 2.15. - Шумораи қабул ва хатми докторантҳо аз руйи равияи PHD дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сол и 2024, нафар**

| Нишондиҳандаҳо | Шумораи докторантҳо | Қабул ба докторантура | Хатми докторантура | Аз онҳо рисолаи докторӣ ҳимоя намуданд |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи аспирантҳо | 1199 | 421 | 388 | 53 |
| Аз он занҳо | 519 | 199 | 118 | 13 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 43,3 | 47,3 | 30,4 | 24,5 |
| Аз ҷумла дар соҳаҳои илм | | | | |
| -физикаю-математика | 78 | 21 | 18 | 2 |
| - кимиё | 37 | 14 | 11 | 5 |
| -биология | 53 | 11 | 16 | 1 |
| -геологӣ-минералогӣ | 6 | 3 | 1 | 1 |

*Идомаи ҷадвали 2.15.*

| Нишондиҳандаҳо | Шумораи докторантҳо | Қабул ба докторантура | Хатми докторантура | Аз онҳо рисолаи докторӣ ҳимоя намуданд |
|---|---|---|---|---|
| -техника - технологӣ | 114 | 43 | 46 | 4 |
| - кишоварзӣ | 8 | 3 | 4 | - |
| - таърих | 110 | 36 | 26 | 1 |
| - иқтисодиёт | 252 | 62 | 97 | 5 |
| - фалсафа | 16 | 7 | 3 | - |
| - филология | 190 | 83 | 56 | 11 |
| - ҷуғрофия | 18 | 6 | 5 | 4 |
| - ҳуқуқшиносӣ | 56 | 27 | 20 | 4- |
| -омӯзгорӣ | 76 | 27 | 20 | 4 |
| - тиббӣ | 48 | 28 | 28 | - |
| - байторӣ | 3 | 3 | 1 | -- |
| -санъатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ | 21 | 6 | 1 | - |
| - равоншиносӣ | 19 | 13 | 2 | 2 |
| - иҷтимоиёт | | | | - |
| - меъморӣ | | | | - |
| - сиёсӣ | 44 | 14 | 12 | - |
| -илм дар бораи замин | 50 | 17 | 28 | 11 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. – С.13-72

Бояд изҳор намуд, ки синну соли аспирантон, докторантон ва доктороны PHD дар соли 2024 хеле беҳтар шудааст, зеро 78,6 фоизи унвонҷуйҳо синну соли то 30 сола доранд, ки умедбахш аст (ҷадвали 2.16)

**Ҷадвали 2.16. - Тақсимоти шумора докторантҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи синну сол, дар солҳои 2019-2024, нафар**

| Нишондиҳанда | *2019* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 1091 | 1341 | 1296 | 1227 | 1166 | 1199 |
| То 30 - сола | 813 | 1143 | 1158 | 1049 | 1039 | 943 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 74,5 | 85,2 | 89,4 | 85,5 | 89,1 | 78.6 |
| 30-39 | 241 | 179 | 125 | 167 | 117 | 209 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 22,1 | 13,3 | 9,6 | 13,6 | 10,0 | 17,4 |
| 40-49 | 33 | 17 | 13 | 9 | 9 | 40 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 3,0 | 1,3 | 1,0 | 0,7 | 0,8 | 3,3 |
| *50-59* | 2 | 2 | - | 1 | 1 | 7 |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 0,2 | 0,1 | - | 0,1 | 0,1 | 0,6 |
| Аз 60 сола боло | 2 | - | - | 1 | - | - |
| Ҳисса аз шумораи умумӣ, % | 0,2 | - | - | 0,1 | - | - |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. – С.13-72

Ҳамин тавр, ба ҳолати муосири рушди илм, чун қисми таркибии сиёсати инноватсионӣ баҳо дода чунин хулосабандӣ намудан мумукин аст.

1. Новобаста аз он ки тамоми ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии таъмини рушди инноватсионӣ қабул шудааст, вале мутаассифона, маблағгузории бахши илм дар давоми солҳои охир аз 0,1 фоизи ММД боло нарафтааст, ки омили асосии иҷро нагардидани барномаҳои стратегӣ мебошанд. Зеро, тибқи СМР-2030 дар соли 2020 маблағгузории соҳаи илм бояд на кам аз 0,8% ва дар соли 2025 на кам аз 1,2 фоизро ташкил намояд.

2. Новобаста аз он ки солҳои охир музди моҳонаи муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ борҳо баланд бардошта шуда бошанд ҳам, вале он аз сатҳи маоши миёнаравҳои молиявӣ ва суғурта 2,3 маротиба пастар буда, ҷалби мутахассисонро ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ коста мегардонад.

3. Афзоиши шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро нисбат ба соли 2000-ум 42,9% афзуда бошад ҳам, вале 82,9% дар ш. Душанбе қарор дошта, дар минтақаҳо шумораи онҳо кам боқӣ мемонад. Шумораи мутахассисони унвондор дар ин муассисаҳо танҳо 30,5 %-ро ташкил медиҳад, ки ниҳоят паст аст.

Ҳаҷми иҷрои корҳо дар як соли 2024-юм 156,6 млн сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 120,5 маротиба зиёд шуда бошад ҳам, вале ҳиссаи корҳои бунёдӣ танҳо 19,8 %-ро ташкил менамояд.

4. Шумораи қабули ҷавонон ба аспирантура, докторантура дар солҳои охир ниҳоят зиёд коҳиш ёфта, аз паст шудани ҳавасмандии ҷавонон ба илм дарак медиҳад. Вазъи молиявии довталабон ба аспирантура имконият намедиҳад, ки онҳо таҳсилро ҷудо аз аз истеҳсолот амалӣ намоянд. Бештар аз 66,9%-и довталабон таҳсилро ғоибона амалӣ менамоянд.

Аз шумораи қабулшудагон танҳо 28,3%-ашон аспирантураро хатм намудаанд. Солҳои охир қабули довталабон ба соҳаҳои физикаю-метематика, кимиё, биология, геологияи минералӣ, техникӣ, кишоварзӣ, фалсафа, ҷуғрофия, байторӣ, омузгорӣ, санъатшиносӣ, равоншиносӣ,

иҷтимоиёт, меъморӣ, сиёсӣ ва илм дар бораи замин қариб ба нестӣ расидааст, ҳол он ки дар рушди илми ин соҳаҳо мутахассисони варзида намерасанд.

Ҳиссаи ҷавонони то 27 - сола, ки дар аспирантура мехонанд мунтазам коҳиш ёфта, соли 2024 нисбат ба соли 2019-ум 24,1 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Ин рақам аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳавасмандии ҷавонон барои идомаи таҳсил дар аспирантура коҳиш ефтааст.

**2.2. Хусусиятҳои сиёсати инноватсионии ш. Душанбе ва методологияи баҳодиҳии он**

Сиёсати инноватсионӣ қисми таркибии сиёсати иқтисодии кишвар буда, самтҳои фаъолияти давлатро дар соҳаи илму техника ва татбиқи дастовардҳои илму техника дар истеҳсолот муайян мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати инноватсионӣ дар сатҳи кишвар таҳия карда шуда, ҳар як минтақа сиёсати инноватсионии худро вобаста ба имкониятҳои доштааш амалӣ менамояд. То соли 2024 сиёсати инноватсионии кишварро мақомоти алоҳида таҳия ва тадбиқ намекард. Пас аз интишори фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои агентии инноватсия ва технологияи рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 марти соли 2024 № 798.Таҳия ва пешбурди сиёсати инноватсионмро ба зиммаи агентии мазкур гузошта шуд, ки сохтори идораи он аз директор, се муовин, 8 раёсат ва 3 шуъба иборат аст. Сохтори идораи Агентӣ дар расми 2.1 оварда шудааст.

Дар сохтори Агентии инноватсия ва технологияи рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Марказҳои тасдиққунанда, хизматрасониҳои давлатӣ ва таҳияи барномаҳои рақамӣ» ва «Муассисаи давлатии «Маркази ҳифзи маълумот» таъсис дода шудааст.

Сиёсати инноватсионии шаҳри Душанбе маҷмуи тадбирҳоест, ки ба фароҳам овардани шароит барои ҷорӣ ва рушди инноватсия дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва идоракунии шаҳр (саноат, маориф, тандурустӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёт ва ғайра) нигаронида шудааст.




**Расми 2.1. - Сохтори дастгоҳи марказии агентии инноватсия ва технологияи рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз ҷумла, яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати минтақавӣ дар соҳаи инноватсия мусоидат ба рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ мебошад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки барои рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ дар маҳалҳо на он қадар пешниҳоди навъҳои гуногуни имтиёзҳои андоз, балки рушди инфрасохтори инноватсионӣ, ки асоси он аст, аҳаммияти калон дорад. ҷузъи иқтидори инноватсионии минтақа ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои асосии сиёсати инноватсионии ш. Душанбе иборатанд аз:

- баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди шаҳр;
- рушди инфрасохтори рақамӣ ва илмию техникӣ;
- дастгирии корхонаҳои стартап ва корхонаҳои хурди инноватсионӣ;

➢ баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои интеллектуалӣ;

➢ коҳиши вобастагӣ аз технологияҳои воридотӣ:

➢ таҳлили вазъи соҳаи илмию инноватсионӣ бо мақсади муайян намудани сатҳ ва дараҷаи истифодаи неруи инноватсионӣ, муайян намудани мақсад ва афзалиятҳои рушди фаъолияти илмию инноватсионӣ дар минтақа.

Низом ва сохтори ҳадафҳои сиёсати минтақавии инноватсионӣ ба принсипҳои зерин бояд мутобиқ бошад:

➢ ба консепсия ва стратегии миллӣ мухолиф набошанд;

➢ бо дарназардошти имкониятҳо ва эҳтиёҷоти минтақа таҳия гардад;

➢ коршиносони бетараф, мустақил ҷалб гардида, баҳои экспертӣ дода шавад;

➢ ҳамкорӣ бо муассисаҳои байналмилалии илм ва техника;

➢ сиёсати воқеии минтақавии рушди неруи илмию техникӣ;

➢ бо дарназардошти иқтидори корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ ва муассисаҳои илмии шаклҳои моликияти давлатию коммуналӣ;

➢ бо дарназардошти иқтидори ширкатҳои алоҳидаи истеҳсолӣ ва илмию техникии хусусигардонидашуда;

➢ нисбат ба коллективҳои алоҳидаи илмӣ ва олимони алоҳида, ки масъалаҳои афзалиятноки илмию техникиро мустақилона ҳал мекунанд.

Самти афзалиятноки такмили сиёсати инноватсионии минтақавӣ ташаккули механизми муассири ташкилию иқтисодии ҳамкории мақомоти давлатӣ ҳам дар сатҳи давлат ва ҳам дар сатҳи минтақа бо ҳамаи иштирокчиёни раванди инноватсионӣ, таъсиси системаи дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар минтақаҳо мебошад.

Идораи рушди инноватсионии минтақа дар асоси принсипҳои муайян аамалӣ мегардад, ки дар расми 2.2 оварда шудаанд.

**Расми 2.2. - Принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии минтақа.**




**Манбаъ:** таҳияи муаллиф бо истифода аз Баткилина Ю.М. Совершенствование механизмов и инструментов инновационной деятельности в регионах Российской Федерации [Электронный ресурс] / Ю.М. Баткилина, А.А. Гудкова, А.В. Кольцов. - Режим доступа: www.innoedu.ru/docs/actual/inf6.pdf.

Принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии минтақаро Баткилина Ю.М. чунин шарҳ додааст [12].

«Принсипи афзалияти ҳадафҳои дарозмуддат хусусияти дарозмуддат ва дараҷаи баланди номуайянии натиҷаҳои эҳтимолии ҷорӣ намудани инноватсия таҷассум намуда, зарурати дидани дурнамои дарозмуддати рушди минтақаро муайян мекунад, ки дар навбати худ зарурати таҳияи стратегияи рушди инноватсионии минтақаро дар назар дорад» [12].

«Принсипи шарикии давлат – давлат қоидаҳои фаъолият ва ҳамкории иштирокчиёни раванди инноватсиониро тавассути ташаккули майдони ҳуқуқӣ муқаррар менамояд, ки барои беҳтар намудани ҳамкории иштирокчиёни гуногуни раванди инноватсионӣ ва баланд бардоштани қобилияти инноватсионӣ пешбинӣ шудааст; аз ҷумла, ҷорӣ намудани техникаи нав» [141].

Принсипи ҳамкории байнисоҳавӣ-бартариҳои қавии рақобатпазири минтақа ҳангоми муттаҳид шудани сохторҳои соҳаҳои гуногун, мутақобилан ба афзоиши рақобатпазирии ҳамдигар дар доираи кластерҳо мусоидат мекунанд. Хусусияти муҳимми фарқкунандаи кластер самти инноватсионии

он мебошад, ки дар рушди босуръати навъҳои навтарини таҷҳизот ва технологияи истеҳсолот ва воридшавии минбаъда ба бозорҳои нав зоҳир мегардад.

Принсипи самараи мултипликаторӣ – ҷорӣ намудани инноватсия дар сатҳи системаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ бояд ба ба даст овардани самараҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, илмию техникӣ ва ғ. нигаронида шавад.

Сохтмони системаи инноватсионии минтақавӣ бояд ҳадди аққал дар ду сатҳ амалӣ карда шавад:

- дар сатҳи умумидавлатӣ ва байниминтақавӣ ва хусусӣ;

-сатҳи поёнии низоми инноватсионии минтақавӣ, ки «ҳавасмандгардонии равандҳои инноватсионии соҳибкории хурду миёнаро таъмин менамояд, аз ҷумла кумак дар ворид намудани равандҳои истеҳсолии барои» [141], онҳо нав, вале аллакай дар ҷаҳон мавҷудбуда.

Инҳо самара ва ҳосилнокии кори корхонаро хеле зиёд мекунад.

Фаъолияти самараноки системаҳои инноватсионии минтақавӣ бо мавҷудияти маркази пурқуввати минтақавӣ оид ба идоракунии барномаҳои гуногуни инноватсионӣ таъмин карда мешавад. Ба ғайр аз муайян кардани афзалиятҳои стратегии сиёсати инноватсионии минтақавӣ, ҳокимиятҳои маҳаллӣ бояд барномаҳои гуногуни маблаггузории илмию тадқиқотиро амалӣ намояд.

Хусусияти фарққунандаи сиёсати инноватсионии шаҳри Душанбе дар он зоҳир мегардад, ки дорои афзалиятҳои зерин мебошад:

1. Дастгирии шаҳрдорӣ ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи барномаҳои миллии рақамикунонӣ.

2. Мавҷудияти донишгоҳҳои калон ва институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки қобилияти тавлиди навовариҳои илмию техникӣ доранд.

3. Рушди бахши ТИК ва афзоиши фаъолияти соҳибкорони ҷавон дар соҳаи технологияҳои рақамӣ.

4. Иштироки шаҳр дар ташаббусҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ оид ба рушди шаҳрҳои интеллектуалӣ (Smart City).

5. Пайдоиши инфрасохтори инноватсионӣ: бизнес - инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, коворкингҳо.

Дар баробари афзалиятҳо сиёсати инноватсионии шаҳри Душанбе бо масъалаҳои зерини ҳалталаб ниёз дорад.

1. Маблағгузории нокифоя барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (R&D).

2. Дастрасии маҳдуд ба сармояи венчурӣ ва сармоягузорӣ барои стартапҳои инноватсионӣ.

3. Набудани кадрҳои дорои сатҳи баланди омодагии рақамӣ ва инноватсионӣ.

4. Мутобиккунии сусти муассисахои илмӣ, корхонаҳо ва идораҳои давлатӣ.

5. Дараҷаи пасти навоварӣ дар соҳаҳои анъанавии хоҷагии шаҳр (хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёт, нигаҳдории тандурустӣ).

Соҳаҳои асосии рушди инноватсия дар ш. Душанбе иборат аст, аз:

- рақамикунонии идоракунии шаҳр, автоматикунонии хизматрасонӣ, платформаҳои рақамӣ барои муошират бо шаҳрвандон;
- рушди паркҳои технологӣ ва инкубаторҳо (масалан, дар донишгоҳҳо ё ширкатҳои хусусии IT);
- ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва ташкилотҳои илмӣ (Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва ғ.);
- рушди бахши ТИК ва экосистемаи стартап;
- ҳамкории байналмилалӣ (барномаҳое, ки аз ҷониби СММ, ЮНЕСКО, БАТР ва ғайра дастгирӣ мешаванд) ва ғ.

Хусусияти сиёсати минтақавии инноватсионӣ, мавҷудаияти методҳои гуногуни амалӣ намудани он ба ҳисоб меравад.

Нуқтаи назари мухталиф дар методологияи таҳлили сохтории фаъолияти инноватсионии минтақаҳо мавҷуд аст.

«С.В. Коротков индекси илмии соҳаро ҳамчун нишондиҳандаи дараҷаи илмии истеҳсолот истифода мебарад, ки ҳамчун таносуби маблағи хароҷот барои илм ва хариди технология дар доираи мубодилаи байналмилалии технологӣ дар соҳаи саноат дар минтақа ба ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ҳисоб намудааст.

Усули хеле шабеҳи таҳлили фаъолияти инноватсионии минтақаҳо аз ҷониби Т.А. Стерцер омилҳоеро, ки ба фаъолияти инноватсионӣ дар минтақаҳо таъсир мерасонанд, омухта, муаллиф усулҳои таҳлили регрессиониро истифода мебарад» [159, с.278-285].

«Усули таҳлили омилҳои сиёсати инноватсионии минтақа (Е.П.Амосенок, В.А. Бажанов), дар асоси баҳодиҳии чунин унсурҳои сиёсати инноватсионии минтақа, ба монанди иқтидори тадқиқотии аҳолӣ, шиддатнокии хароҷоти маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ барои корҳои тадқиқотӣ; барои докторони илм, барои кормандони илмии дорои унвонҳои илмӣ, иқтидори ихтироъкории аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, дараҷаи фаъолияти инноватсионии ташкилотҳо» [159, с.278-285].

Дигар методологияи баҳои сатҳи рушди инноватсионии минтақа, ки самаранокии сиёсати минтақавии рушди инноватсиониро тасвир мекунад, методологияи ҳисобкунии индекси минтақавии инноватсионӣ, ки ба маҷмуи панҷ омил асос ёфтааст, ки бо нишондиҳандаҳои нисбӣ ифода карда шудаанд:

- «ҳиссаи кормандони соҳаи тадқиқот ва конструкторӣ дар шумораи умумии кормандон дар иқтисодиёт;
- шумораи донишҷуёни мактабҳои олӣ ба ҳар 10 ҳаз. нафар аҳолӣ;
- шумораи патентҳои ба қайд гирифташуда ба 1000 нафар. дар иқтисодиёт кор мекунанд;
- хароҷоти навовариҳои технологӣ ба 1 ҳазор нафар;
- сатҳи интернетизатсия.

Методологияи дигаре, ки ба сатҳи рушди инноватсионии минтақа баҳо медиҳад ба А.Б. Гусев тааллуқ дорад. Тибқи методологияи пешниҳоднамудаи

у, рейтинги рушди минтақаро аз руйи ду гуруҳи омилҳо: ҳассосияти инноватсионӣ ва фаъолияти инноватсионӣ баҳо дода мешавад.

Нишондиҳандаҳои асосии рушди илму техника дар сатҳи макроиқтисодиро Сумина Е.В. «ҳаҷми маблағгузории илм ва ҳиссаи он дар сохтори хароҷотҳои давлат, базаи моддӣ-техникии муассисаҳои илмӣ, ҳаҷми корҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ дар сохтори маҷмуи маҳсулоти дохилӣ» [176], донистааст. Тибқи ҳисобҳои у «ҳиссаи хароҷот ба илм ба 0,11%-и Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ баробар аст, ҳол он ки дар мамлакатҳои рушдкарда он то 2-4% мерасад» [113, с.229].

Феълан дар ш. Душанбе Парки IT ташкил карда шудааст. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «Дар бораи масъалаҳои Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ» аз 31 июли соли 2024 №440 Низомномаи Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ва номгуи фаъолияти инноватсионию технологӣ тасдиқ карда шуд. Тибқи низомнома руйхати ҳуҷҷатҳо барои фаъолият дар дохили Парки технологӣ хоҳишмандон бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кунанд:

- ариза ба номи Директори Парк;

- нусхаи иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- ҳуҷҷати мақомоти андоз, ки мавҷуд набудани қарзи пардохтнашударо тасдиқ мекунад;

- нақшаи тиҷоратӣ, ки фаъолиятҳои мушаххасеро, ки субъект дар дохили Парк анҷом доданӣ аст, нишон медиҳад.

Нақшаи тиҷоратии субъект бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

1. Фаъолиятҳои асосии субъект дар дохили Парк;

2. Нақшаи амалисозии субъект, ба истисноИ маълумоти дорои хусусияти махфӣ;

3. Ҳадафҳои асосӣ, ки ноил шудан ба онҳо масъулияти субъект дар доираи фаъолияти он мебошад;

4. Манбаъҳои молиявӣ ва пулии маблағгузории фаъолияти субъект;

5. Асосноккунии иқтисодӣ ва иҷтимоии зарурати анҷом додани фаъолияти субъект;

6. Мутобиқи ин Низомнома, мутобиқи фаъолияти субъект ба намудҳои иҷозатдодашудаи фаъолият дар дохили Парк.

Парки технологӣ дар шаҳри Душанбе як платформаи муосири инноватсионӣ мебошад, ки барои дастгирии стартапҳо ва лоиҳаҳои технологӣ таъсис дода шудааст. Парк ба ширкатҳо имкониятҳои беназири рушдро дар дохили минтақаи озоди иқтисодӣ пешниҳод мекунад ва дастрасӣ ба инфрасохтор ва захираҳои муосирро фароҳам меорад. Дар ин ҷо, мутахассисони фаъол ва боистеъдоди IT метавонанд ғояҳои худро ба лоиҳаҳои муваффақи тиҷоратӣ табдил диҳанд, ки ба шарофати дастгирии ҳамаҷониба, аз ҷумла хидматрасонии баҳисобгирӣ, ҳуқуқӣ, маркетингӣ ва таълимӣ ба даст меоранд.

Парк IT Душанбе инчунин ҳамчун шарики боэътимод дар муносибатҳо бо мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ, мусоидат ба сармоягузорӣ ва таъмини муҳити мусоиди андоз хизмат мекунад. Субъектњои Парк ба барномаҳои суръатбахшӣ, бозорҳои байналмилалӣ ва имкониятҳо барои ҳамгироӣ ба экосистемаи технологии Тоҷикистон дастрасӣ пайдо мекунанд, рушди устувор ва рақобатпазирии ҷаҳониро тақвият медиҳанд. Парк дорои 120 ҷойҳои корӣ, 39 резидент, 20 ҳамкор, 10 шарик буда, чунин рисолатро ба уҳда дорад:

-барои рушди кишвар пешрафти устувори он ба стандартҳои баланди сифат ва касбият риоя мекунад;

- шарикӣ ва рушди пайваста арзиш дода, рушд ва такмили ҳар як узви дастаро дастгирӣ мекунад;

- ба ҳалли инноватсионӣ, ғамхорӣ ба ҷомеа ва муҳити зист тамаркуз мекунад;

Вазифаҳои асосии иборат аз:

- ҳалли инноватсионии масъалаҳои рушди кишвар ва беҳтар шудани сифати зиндагии ҳамватанон;

- бунёди шарикии мустаҳкам бар асоси эътимод ва ҳамкорӣ;

- дастгирӣ ва рушди ҳар як узви даста ва ғ.

Фаъолияти Парк ба ҳалли беназири технологӣ нигаронида шудааст, ки равишро ба тиҷорат ва рушди иҷтимоӣ тағйир медиҳанд. Таҳияҳои пешрафтаи Парк рушди устувор ва имкониятҳои навро дар соҳаҳои гуногун таъмин мекунанд ва ба рушди Тоҷикистон - саҳм мегузоранд. Парк дар назар дорад, ки соҳаҳои калидиро тағйир диҳад ва сифати зиндагиро бо ёрии технологияҳои муосир беҳтар созад.

Ширкатҳои IT, бо табдил шудан ба резидентҳои Парки IT, метавонанд аз як қатор имтиёзҳо, ба монанди:

-озодкунӣ аз ҳама андозҳо, ба истисно 6% андози даромад ва 1% андози суғуртаи иҷтимоӣ;

-озодкунӣ аз ААИ, боҷҳои гумрукӣ;

-боҷҳо барои таҷҳизоти инноватсионӣ, барои ниёзҳои худ.

Барои субъектҳои Парк дастрасӣ ба интернети баландсуръат, утоқҳои муҷаҳҳазшудаи вохурӣ, минтақаҳои истироҳат ва кории муштарак, бехатарӣ ва амният таъмин карда мешавад.

Парк як платформа барои ташаббусҳои IT аст; он як дастаи муттаҳиди мутахассисон аст, ки бо энергия ва қатъият ба суи ҳадафҳои умумӣ ҳаракат мекунанд. Барои онҳое, ки барои рушди касбӣ талош мекунанд ва аз мушкилот наметарсанд Парк такмили ихтисоси онњоро таъмин менамояд. Ба ҳар як корманд муҳити кории бехатар ва устуворро фароҳам меорад. Ҳар як корманд бо суғуртаи тиббӣ таъмин карда мешавад.

Вале, дар баробари ташкили Парки мазкур, бояд дар ҳукуматҳои маҳаллӣ маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ-техникӣ ва иҷтимоиро ба амал баровардан ба мақсад мувофиқ аст.

Аз ин ру, барои ҳар як кишвар муҳимтарин шарти рушди устувор ташкили дохилии он, аз ҷумла қобилияти ҳам минтақаҳои алоҳида ва ҳам дар

маҷмуъ кишвар барои зуд вокуниш ба тағйироти шароити дохилӣ ва беруна, амалӣ намудани мутобиқсозии босуръат тавассути таҳияи сиёсати инноватсионии минтақа мебошад. Дар амал тадбиқи сиёсати инноватсионии минтақавӣ бо истифода аз усулҳои гуногун амалӣ карда мешавад:

- «бо ёрии барномаҳои мақсаднок, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои афзалиятноки саноат барои минтақа тавассути ҷалби сармоягузорон ба рушди инноватсия» [159, с.278-285];
- «гузаронидани озмунҳо барои лоиҳаҳои инноватсионӣ, тавассути ташаккули инфрасохтор;
- фароҳам овардани шароит барои ҳавасмандгардонии иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ» [177].

Бо ин мақсад мо принципҳои зерини ташаккули модели инноватсионии рушди технологияро мураттаб намудем:

- ба дараҷаи тараққиёт, сохтор ва ҳолати хоҷагии халқ мувофиқ будани низоми инноватсионӣ;
- таъмини шароити институтсионалии фаъолияти он;
- ягонагии унсурҳои функсионалии низом ва ғ.;

Хусусияти дигар фарққунандаи сиёсати минтақавии инноватсионӣ дастгирии давлатии инноватсия дар сатҳи минтақавӣ ба ҳисоб меравад, зеро имкониятҳои минтақаҳо гуногун буда вобаста ба он механизмҳои дастгирӣ тафовут доранд.

Вақте, ки сухан дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории инноватсионӣ меравад, аксар вақт онҳо пеш аз ҳама пешниҳоди имтиёзҳои андозро дар назар доранд.

Коршиносон қайд мекунанд, ки пешниҳоди имтиёзҳо метавонад бо як қатор оқибатҳои манфӣ алоқаманд бошад. Имтиёзҳо ва озодкуниҳо аз объектҳои андозбандишаванда доираи андозсупорандагон ва манбаи андозро ба андозаи муайян танг карда, андозсупорандагонро дар шароити нобаробар қарор дода, хусусияти ҳатмии пардохтҳои андозро аз байн мебарад. Илова бар ин, дар сатҳи маҳаллӣ имкони фасод вуҷуд дорад.

Аммо ба гуфтаи бисёре аз коршиносон, фоидаи имтиёзҳои андоз аз оқибатҳои манфии эҳтимолӣ бештар аст. Аз ин чост, ки системаи имтиёзу субсидия дар амалияи ҷҷаҳонӣ хеле паҳн шудааст. Муносибати дифференсионалии андозбандӣ дар ҳолати зарурати азнавсозии сохтории иқтисодиёт назар ба сиёсати баробар кам кардани андозбандӣ барои ҳама асосноктар менамояд.

Мақомоти минтақавӣ бояд ба рушди соҳибкории хурд дар бахши инноватсионӣ таваҷҷуҳи махсус диҳанд. Маълум аст, ки вақте сухан дар бораи таҳияи як навоварии мушаххас меравад, ки сармоягузории калонро талаб намекунад, самаранокии як ширкати хурде, ки бо тадқиқот ва тадқиқотӣ машғул аст, аксар вақт нисбат ба як ташкилоти калон баландтар аст.

Ғайр аз ин, муомилоти ахборот, аз он чумла ахбороти баръакс бояд дуруст ташкил карда шавад, ки тахлили доимии натиҷаҳои мобайнӣ ва ниҳоиро таъмин мекунад. Ба ҳамин тариқ, аз руи схема системаи пушидаи идоракунии инноватсиониро таъмин кардан мумкин аст: инноватсия сармоягузорӣ мониторинги натиҷаҳои ниҳоӣ маблағгузорӣ ва ғ.

Мушкилоти муҳимми минтақа эҷоди механизми муассири таъмини иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, пеш аз хама ба маълумоти фармоишии техникию иктисодӣ, бозор ва иттилооти тиҷоратӣ, оморӣ дар бораи хусусиятҳои маҳсулот, технология, мошину таҷҳизот, мавод, намудҳои хизматрасонӣ ва ғ. ниёз доранд.

Ҳукумати ш. Душанберо зарур аст, ки барои рушди инноватсионӣ чораҳои зеринро амалӣ намояд:

- таҳияи лоиҳаи рақамикунонии хоҷагии манзилию коммуналиро дар шаҳри Душанбе;
- таҳияи замимаҳои мобилӣ барои шаҳрвандон (барномаҳои электронӣ, пардохти хизматрасониҳо);
- дар нақлиёт ҷорӣ намудани билетҳои электронӣ;

- тахияи барномаи «Шахри интеллектуалӣ» дар доираи рақамикунонии иқтисодиёт ва ғ.

Ҳамин тариқ, барои татбиқи бомуваффақияти сиёсати инноватсионӣ дар минтақа бояд маҷмуи зерини чорабиниҳои илмӣ, ташкилӣ ва техникӣ амалӣ карда шаванд:

1. Таҳияи консепсияи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ бо муайян намудани мақсадҳои стратегӣ ва воситаҳои ноил шудан ба онҳо;

2. Таҳияи барномаи рушди инноватсионии минтақа бароиояндаи наздик (дар шакли ҳуҷҷати суроғавӣ, ки аз рӯйи захираҳо, татбиқкунандагон ва мухлатҳо маҷмуи чорабиниҳо, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои рушди инноватсионии минтақа нигаронида шудаанд) нишон дода шудаанд;

3. Ворид намудани муқаррароти асосии барномаи рушди инноватсионӣ ба стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа.

### 2.3. Вазъи тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар шаҳри Душанбе

Ҳадаф аз интихоби шаҳри Душанбе, ҳамчун объекти тадқиқ дар он зоҳир меёбад, дар солҳои охир маҳз дар шаҳри Душанбе сиёсати инноватсионии давлат амалӣ карда шуда, ғояҳои инноватсионӣ дар ҳамин шаҳр бештар амалӣ мегарданд.

Душанбе пойтахти Тоҷикистон, бузургтарин шаҳр, маркази сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии кишвар аст. Шумораи аҳолӣ ба якуми январи соли 2023-юм 1242,6 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад. Шумораи истиқоматкунандагон дар 1 $км^2$ ба 6115,2 нафар баробар аст.

Масоҳати ш. Душанбе ба ҳолати 1 январи 2023-юм 203,18 $км^2$ буда, Душанбе дар 38° арзи шимолӣ ва 68° тули шарқӣ дар баландии тақрибан 750-930 м аз сатҳи баҳр дар водии Ҳисор ҷойгир аст. Душанбе иқлими континенталӣ дорад, тобистонаш хушку гарм ва зимистонаш намноку салқин аст.

Дарёи Душанбе аз байни шаҳр гузашта, ба кули сунъии Ҷавонон дар маркази шаҳр ғизо медиҳад. Дар шимоли шаҳр дараи Варзоб воқеъ аст, ки дар он марказхои сершумори истироҳат ҷойгиранд.

Дар давраи солҳои 2019-2024 таҳлилшуда афзоиши маҳсулоти минтақавии шаҳри Душанбе қариб 2,1 маротиба афзуда, дар соли 2024 –юм 31255,7 млн сомониро ташкил дод, ки ба ҳар сари аҳолӣ 24657,4 сомонӣ рост меояд. Шумораи миёнаи солонаи аҳолӣ дар иқтисодиёт фаъол дар соли 2024-юм 239,3 ҳаз. нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019-ум 15,8 фоиз зиёд мебошад. Шумораи бекорон 8,6 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2019 – ум 5,0 ҳаз. нафар, ё 2,4 маротиба зиёд аст. Афзоиши маҳсулоти саноатӣ 91,1 фоизро ташкил дод (ҷадвали 2.17).

Яке аз нишондиҳандахои асосие, ки ба афзоиши аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад, дараҷаи таваллуд мебошад. Тибқи маълумоти мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, дар соли 2024 дар шаҳри Душанбе шумораи аҳолӣ нисбат ба соли 2019-ум 404,1 ҳаз. нафар афзудааст.

**Ҷадвали 2.17. - Динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ш.Душанбе дар солҳои 2019-2024.**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/ 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолӣ, ҳаз. Нафар | 863,4 | 1185,4 | 1201,8 | 1221,1 | 1242,6 | 1267,5 | 146,8 |
| МММ, млн. сомонӣ | 15139,2 | 15570,5 | 18905,8 | 22520,7 | 26406,3 | 31255,7 | 206,5 |
| Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт, ҳаз. Нафар | 206,6 | 210,5 | 215,2 | 225,0 | 229,1 | 239,3 | 115,8 |
| Шумораи бекороне, ки расмӣ дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, дар охири сол, ҳаз. Нафар | 3,6 | 4,8 | 4,7 | 4,9 | 5,9 | 8,6 | 238,9 |

*Идомаи ҷадвали 2.17.*

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/ 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд: бо сомонӣ | 2800,6 | 2080,81 | 2282,97 | 2572,45 | 2836,41 | 3197,19 | 114,2 |
| МММ ба як нафар аҳолӣ, сомонӣ | 17708,7 | 17866,3 | 15839,3 | 18587,5 | 21449,4 | 24657,4 | 139,2 |
| Маҳсулоти саноатӣ бо нархои соли 2024, млн. сомонӣ | 2753,4 | 2800,6 | 3339,4 | 3535,9 | 4265,1 | 5259,4 | 191,0 |
| Сармоягузорӣ, млн. сомонӣ | 3234,9 | 3275,8 | 4736,1 | 4768,0 | 5477,5 | 6298,6 | 194,7 |
| Ба кор андохтани фондҳои асосӣ, млн сомонӣ | 2815,6 | 2699,5 | 2465,0 | 2246,9 | 3466,1 | 5098,0 | 181,1 |
| Гардиши савдои хориҷӣ, млн. доллар | 461,3 | 562,0 | 663,0 | 1421,2 | 1157,3 | 1430,0 | 310,0 |
| содирот, млн. доллар | 19,9 | 18,7 | 19,8 | 25,5 | 13,6 | 90,3 | 453,8 |
| воридот, млн. доллар | 441,5 | 543,2 | 643,2 | 1395,7 | 1143,7 | 1339,7 | 303,4 |
| Даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 2052,0 | 2208,1 | 2553,0 | 2634,0 | 2948,9 | 3472,5 | 169,2 |
| Ба ҳисоби фоиз нисбат ба МММ | 13,6 | 14,2 | 13,5 | 11,7 | 10,8 | 11,1 | -2,5 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 1958,7 | 1988,9 | 2493,3 | 2463,0 | 2817,7 | 3335,9 | 170,39 |
| Ба ҳисоби фоиз нисбат ба МММ | 12,9 | 12,8 | 13,2 | 10,9 | 10,8 | 10,7 | 2,2 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. -Душанбе. 2025. –С. 8-15

Нишондиҳандаи асосии тавсифкунандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ давомнокии миёнаи умр аст. Дар шаҳри Душанбе давомнокии миёнаи умр дар соли 2019-юм 76,5 сол, аз ҷумла: мардон -74,9 ва занон – 78,1 сол ташкил дод.

Яке аз хусусиятҳои ш. Душанбе дар он зоҳир мегардад, ки ба он аз дигар минтақаҳои кишвар шумораи зиёди аҳолӣ муҳоҷират менамоянд. Дар давоми солҳои 2019-2024 ба ш.Душанбе 29783 нафар барои истиқомати доимӣ кӯчида омада бошад, пас дар ин давра 20746 нафар кӯчида рафтааст. Афзоиши муҳоҷират мусбат буда, 9037 нафарро ташкил медиҳад. Ин рақам

аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аҳолӣ зиндагӣ дар шаҳрро авлотар медонад, зеро сатҳи даромади аҳолӣ бо дарназардошти ҳамаи манбаъҳо, аз қабили музди меҳнат, даромад аз фаъолияти шахсӣ, интиқоли нафақаи иҷтимоӣ, кӯмакпулиҳои пулӣ, стипендия, даромад аз молу мулк, пасандоз ва дигар намудҳои даромад дар ҳолати афзоиш қарор дорад. «Тибқи маълумоти пажӯҳишӣ оид ба буҷети оила даромади пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар шаҳри Душанбе дар соли 2024 ҳамагӣ 1555,33 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019 –ум 995,73 сомонӣ, ё 2,8 маротиба афзоиш ёфтааст» [58].

Хароҷоти пулии аҳолӣ дар давра низ ба як нафар 2039,17 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019-ум 1516,87 сомонӣ, ё 2,9 маротиба зиёд аст.

Ба туфайли баланд шудани дараҷаи некуаҳволӣ ҳиссаи хароҷот ба озукаворӣ, маҳсулоти ғайриозуқавӣ ва хизматрасонӣ низ тағьир ёфт. Масалан, агар дар соли 2019 ҳиссаи хароҷоти пулии аҳолӣ барои хариди озуқаворӣ, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ 521,9 сомони, ё 94,5 фоизро ташкил дода бошад, пас дар соли 2024 ин нишондод 98,6 фоизро ташкил дод.

Дар давраи аз соли 2019 то 2024 маоши миёна 56,7% афзуда, дар соли 2024 ба 3197,19 сомонӣ расид. Музди миёнаи меҳнат дар шаҳри Душанбе нисбат ба музди миёнаи тамоми кишвар ва дигар вилоятҳо баландтар аст. Масалан, маоши миёнаи ҷумҳурӣ дар соли 2024 ум 2310,21 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба маоши миёнаи шаҳри Душанбе 72,3 фоизро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Душанбе 814,5 ҳаз. нафар захираҳои меҳнатӣ мавҷуд мебошад, ки 247,9 нафарашон, ё 30,4%-ашон дар иқтисодиёт машғул буда, сатҳи бекорӣ ба 3,5 % баробар аст. Шумораи одамоне, ки дар иқтисодиёт машғуланд, нисбат ба солҳои 2019 –ум 37,7 ҳаз. нафар, ё 17,9% фоиз афзуд.

Қобили зикр аст, ки таҳкими иқтидори буҷети давлатӣ пойдории давлат, рушди иқтисоди миллӣ, некӯаҳволӣ ва зиндагии ороми ҳар як сокини кишварро таъмин менамояд, ки бевосита ба рушду фаъолияти соҳибкорон

иртибот дорад. Бо ин мақсад монеаҳое, ки дар роҳи рушди фаъолияти соҳибкорон ба миён омадаанд, инчунин ҷустуҷӯ ва фароҳам овардани шароит барои рушди бомуваффақияти соҳибкорӣ дар шаҳри Душанбе воридоти андоз аз бахши хусусӣ дар соли 2024 -юм 80,2 фоизро ташкил дод.

Тамоюли рушд ва раванди дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз дар солҳои охир дар пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе боривоҷёбӣ, фароҳам овардани имконияту шароит барои рушди соҳибкорӣ хос аст.

«Агар соли 2019 шумораи соҳибкорони инфиродӣ 93271, шахсони ҳуқуқӣ-10656, филиалҳо ва намояндагони шахсони ҳуқуқии хориҷӣ- 447 ададро ташкил карда бошанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 мутаносибан 129995; 15659 ва 607 ададро ташкил менамояд. Аз шумораи мавҷуда дар соли 2024 танҳо 10287 адад, ё 65,7%  шахсони ҳуқуқӣ, 40771 адад, ё 31,4 % соҳибкорони инфиродӣ ва  326 адад, ё 53,7% филиалҳо ва намояндагони шахсони ҳуқуқии хориҷӣ фаъолият намуда, 5372 шахсони ҳуқуқӣ, 89224 соҳибкорони инфиродӣ ва 281адад филиалҳо ва намояндагони шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барҳам дода шудаанд» [58]. Сабаби асосии барҳамхӯрии ин ташкилотҳо дар рақобати бозор тоб наовардани онҳо маънидод карда мешаванд.

Яке аз нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи сиёсати инноватсионӣ шумораи кормандони соҳаи илм ва техника ба ҳисоб мервад. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ин нишондиҳанда дар минтақаи зери таҳқиқ қароргирифта тамоюли пастравӣ дорад.  Соли 2024 шумораи умумии дар соҳаи илм ва техника фаъолияткунанда дар ш.Душанбе 3367 нафарро ташкил медод, ки 1,4 фоизи шумораи миёнаи солонаи кормандони соҳаи иқтисодиётро ташкил медиҳад. Аз онҳо 287 докторҳои илм ва 782 нафар номзадҳои илм буда, ба 10000 нафар кормандони соҳаи иқтисодиёт мутаносибан 10,0 ва 30,0 нафар рост меомад (ҷадвали 2.18)

**Ҷадвали 2.18. - Ҳиссаи кормандони соҳаи илм нисбат ба шумораи умумии корман иқтисодиёт дар ш.Душанбе дар солҳои 2019-2024.**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/ 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи миёнаи солонаи кормандони соҳаи иқтисодиёт, ҳаз. нафар | 206,6 | 210,5 | 215,2 | 225,0 | 229,1 | 239,3 | 115,8 |
| Шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, адад | 66 | 66 | 66 | 66 | 66 | 68 | 103,0 |
| Шумораи умумии кормандони илмӣ-техникӣ, нафар | 3334 | 3278 | 3675 | 3387 | 3273 | 3367 | 101,0 |
| Ҳисса аз шумораи умумии миёнаи солонаи кормандони соҳаи иқтисодиёт, % | 1,6 | 1,6 | 1,7 | 1,5 | 1,4 | 1,4 | -0,2 |
| Докторҳои илм, нафар | 321 | 294 | 294 | 281 | 288 | 287 | 89,4 |
| Шумораи докторҳои илм ба 10000 нафар кормандони соҳаи иқтисодиёт, нафар | 15,5 | 14,0 | 13,7 | 11,0 | 12,6 | 10,0 | -5,5 |
| Номзадҳои илм, нафар | 684 | 686 | 709 | 709 | 713 | 782 | 114,3 |
| Шумораи номзадҳои илм ба 10000 нафар кормандони соҳаи иқтисодиёт, нафар | 33,1 | 32,6 | 32,9 | 27,8 | 31,1 | 30,0 | -2,0 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. –С. 64-65

Дигар нишондиҳандаи тавсифкунандаи иҷрои сиёсати инноватсионӣ хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи илм ва техника дониста мешвад. Дар ш. Душанбе ин нишондиҳанда дар ҳолати афзоиш қарор дошта, дар соли 2024-юм 138,4 млн. сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 73,6 млн сомонӣ ва ё 43,9% зиёд аст. Бояд тазаккур дод, ки ҳиссаи хароҷоти буҷаи давлатӣ барои илм дар хароҷотҳои буҷети шаҳр низ ба 4,1% расидааст, ки нисбат ба соли 2019 ба андозаи 0,3 банди фоизӣ зиёд аст (ҷадвали 2.19).

**Ҷадвали 2.19. - Хароҷоти буҷети давлатии ш.Душанбе барои илм дар солҳои 2019-2024, млн. сомонӣ**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024 /2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти буҷаи давлатии ш.Душанбе, ҳамагӣ, | 1958,7 | 1988,9 | 2493,3 | 2463,0 | 2817,7 | 3335,9 | 143,9 |
| Хароҷоти буҷаи давлатӣ барои илм, ҳазор сомонӣ | 64,8 | 65,6 | 75,9 | 119,6 | 143,5 | 138,4 | 213,5 |
| Ҳисса аз хароҷоти буҷет, % | 3,3 | 3,3 | 3,0 | 4,9 | 5,1 | 4,1 | 0,3 |
| аз онҳо: | | | | | | | |
| корҳои илмӣ тадқиқотӣ | 64,8 | 65,6 | 75,9 | 88.0 | 104,6 | 138,0 | 221,9 |
| Ҳисса аз хароҷоти буҷет, % | 3,3 | 3,3 | 2,9 | 4,8 | 5,1 | 4,1 | 0,8 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. –С.66

Аз маблағҳои барои рушди илм хароҷотшуда 138,0 млн сомонӣ, ё 99,7% барои корҳои илмӣ-тадкикотӣ сарф шудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 0,8 банди фоизӣ зиёд аст.

Дар давраи зери таҳқиқ қароргирифта иҷрои корҳо 2,1 маротиба афзудааст. Дар ин давра корҳои илмӣ-техникӣ 97%, аз ҷумла корҳои илмӣ-тадқиқотӣ – 2,2 маротиба, аз ҷумла таҳқиқоти заминавӣ 4,9 маротиба, хизмати илмӣ – техникӣ- 98,2% афзудааст (ҷадвали 2.20).

**Ҷадвали 2.20. - Иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ аз ҷониби муассисаҳои илмии ш.Душанбе дар солҳои 2019-2024, (млн. сомонӣ)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024 /2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол | 64,8 | 65,6 | 75,9 | 88,0 | 104,6 | 138,4 | 213,6 |
| аз ҷумла корҳои илмӣ-техникӣ | 64,2 | 65,3 | 75,4 | 87,5 | 104,0 | 126,5 | 197,0 |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| -корҳои илмӣ тадқиқотӣ | 57,7 | 58,7 | 68,4 | 79,1 | 95,2 | 126,5 | 219,2 |
| аз ҷумла: заминавӣ | 4,8 | 6,0 | 5,6 | 6,9 | 9,2 | 23,4 | 487,5 |

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024 /2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| -корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ | 0,8 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,7 | 0,8 | 100,0 |
| -тайёркунии намунаҳои таҷрибавӣ | - | - | - | - | - | - | - |
| -корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмон | 0,03 | 0,05 | 0,03 | 0,03 | 0,04 | - | - |
| -хизмати илмӣ техникӣ | 5,7 | 6,0 | 6,5 | 7,7 | 8,1 | 11,3 | 198,2 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. –С. 67.

Нишондиҳандаи муҳимми баҳои натиҷаи сиёсати инноватсионии ш. Душанбе, рушди соҳаи саноат ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки дар соли 2024 ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти саноати шаҳри Душанбе дар сохтори маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар дар сатҳи 8,2-10% қарор дорад. Вале, тамоюли пастравии ҳиссаи ш. Душанбе дар маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар дида мешавад. Агар соли 2019 ҳиссаи ш.Душанбе дар маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар ба 10% баробар бошад, пас он дар соли  2024 ба 9,8% баробар шудааст (ҷадвали 2.21).

**Ҷадвали 2.21. - Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ш.Душанбе, бо нархҳои дахлдори сол, млн. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | *2019* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* | *2024* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 27613 | 30890 | 38829 | 43025 | 46857 | 53873 |
| ш. Душанбе | 2753,4 | 2800,6 | 3339,4 | 3535,9 | 4265,1 | 5259,4 |
| Ҳиссаи ш.Душанбе, % | 10,0 | 9,1 | 8,6 | 8,2 | 9,1 | 9,8 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. –С.440-443

Таҳлили сохтори саноат дар ш.Душанбе аз он гувоҳӣ медиҳад, ки 64,2 фоизи маҳсулоти саноатии минтақа ба саноати коркард, 34,1% истеҳсолу

тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ, 7,3% саноати мошинсозӣ, 23,7% саноати хӯрокворӣ ташкил менамояд (ҷадвали 2.22).

**Ҷадвали 2.22. - Сохтори соҳаҳои саноат дар ш.Душанбе, дар соли 2024**

| | |
|---|---|
| **ТАМОМИ САНОАТ** | **100,0** |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **1,7** |
| аз он ҷумла: | |
| истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 0,1 |
| истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 1,6 |
| **Саноати коркард** | **64,2** |
| аз он ҷумла: | |
| истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 23,7 |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 4,9 |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 1,3 |
| коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 0,5 |
| истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 7,1 |
| истеҳсоли масҳулоти нафтӣ | 0,6 |
| истеҳсоли кимиёвӣ | 0,5 |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 2,6 |
| истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 9,3 |
| истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 4,6 |
| мошинсозӣ | 7,3 |
| ҳар гуна соҳаҳои саноат | 1,8 |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ** | **34,1** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. – С.357-358

Дар давраи зери таҳқиқ қароргирифта шумораи корхонаҳои саноатӣ рӯ ба авзоиш дошта, дар соли 2024 шумораи онҳо 831 ададро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019-ум 374 адад, ё 81,8% афзудааст. Дар ин давра шумораи кормандони саноатию истеҳсолӣ низ то ба 18233 нафар боло рафтааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 3943 нафар, ё 27,6% зиёд аст. Дар ин давра ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ 91,0% афзуда қариб ба 5,3 млрд сомонӣ расидааст (ҷадвали 2.23).

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии вазъи сиёсати инноватсионӣ баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ба ҳисоб меравад. Дар корхонаҳои саноатии ш.Душанбе истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба як нафар кормандони саноатию истеҳсолӣ ба 288,5 ҳаз. сомонӣ баробар шудааст, ки

нисбат ба соли 2019-ум 95,8 ҳаз. сомонӣ, ё 49,7% зиёд аст, ки сатҳи рушди инноватсионии истеҳсолотро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 2.23. – Динамикаи истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ба як нафар корманди соҳаи саноат, ҳаз сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/ 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, адад | 457 | 483 | 538 | 610 | 762 | 831 | 181,8 |
| Шумораи кормандони саноатию истеҳсолӣ, нафар | 14290 | 14682 | 15826 | 15851 | 17120 | 18233 | 127,6 |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | 2753,4 | 2800,6 | 3339,4 | 3535,9 | 4265,1 | 5259,4 | 191,0 |
| Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба як нафар кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳаз. сомонӣ | 192,7 | 190,7 | 211,0 | 223,1 | 249,1 | 288,5 | 149,7 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. –С.353-357

Яке аз масъалаҳои муҳимми тадбиқи сиёсати инноватсионӣ бунёди корхонаҳои нави инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Лекин қатъ гаштани фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар ш.Душанбе нигароникунанда ба ҳисоб меравад. Чуноне ки аз рақамҳои ҷадвали 2.24 бармеояд дар давоми соли 2024 аз 145654 субъектҳои хоҷагидории бақайдгирифташуда дар шаҳри Душанбе танҳо 51384 адад, ё 35,5% фаъолият кардаанд.

**Ҷадвали 2.24. - Шумораи субъектҳои хоҷагидории бақайдгирифташуда, ки дар соли 2024 дар ноҳияҳои ш.Душанбе фаъолият кардаанд, адад, %**

| **Ноҳияҳо** | Шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ | Аз онҳо дар соли 2024 фаъолият карданд | Ҳисса аз шумораи умумии корхонаҳо, % |
|---|---|---|---|
| **Душанбе** | **145654** | **51384** | **35,3** |
| н.Шоҳмансур | 49922 | 8770 | 17,6 |
| н.И.Сомонӣ | 31319 | 8313 | 26,5 |
| н.А.Фирдавсӣ | 106339 | 19254 | 18,1 |
| н. А.Сино | 79840 | 15027 | 18,8 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Душанбе, 2025. –С.293

Аз ҷумла, дар ноҳияи Шоҳмансур танҳо 17,6%, И.Сомонӣ 26,5%, А.Фирдавсӣ 18,1% ва А.Сино 18,8% субъектҳои хоҷагидорӣ фаъолият нмудаанд. Сабаби асосии фаъолият накардани субъектҳои хоҷагидорӣ дар бозор рақобат карда натавонистани онҳост.

Таъмини татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар минтақа, аз муҳайё сохтани фазои сармоягузорӣ ва санадҳои меъёрии қабулшуда ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки рушд, таҷдиди иқтисодиёти шаҳр ва рушди бахши хусусӣ вобаста аст.

Дар соли 2024 дар шаҳри Душанбе воридшавии сармоягузориҳо аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 6298,6 млн. сомониро ташкил додааст, ки 27,3%-и ҷамъи сармоягузориҳои кишварро ташкил медиҳад (ҷадвали 2.25).

**Ҷадвали 2.25. - Воридшавии сармоягузориҳо аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар сатҳи минтақаҳо дар соли 2024, (бо нархҳои ҳақиқии амалкунанда, млн, сомонӣ)**

| | Маблағгузорӣ иҷро карда шудааст | | Фондҳои асосӣ ба кор андохта шуданд | |
|---|---|---|---|---|
| | Млн. сомонӣ | Ҳисса, % | Млн. сомонӣ | Ҳисса, % |
| **Дар Ҷумҳурӣ** | 23042,3 | 100,0 | 12592,4 | **100,0** |
| аз он ҷумла: | | | | |
| ВМКБ | 1189,9 | 5,2 | 677,7 | 5,4 |
| вилояти Суғд | 3230,3 | 14,0 | 2341,2 | 18,6 |
| вилояти Хатлон | 3465,0 | 15,0 | 3017,2 | 24,0 |
| ш. Душанбе | 6298,6 | 27,3 | 5098,0 | 40,5 |
| НТҶ | 8858,5 | 38,4 | 1458,3 | 11,6 |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С. 15

Аз ин ҳисоб 12592,4 млн сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта шуданд, ки 54,6%-и нишондиҳандаҳои ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар ноҳияҳои ш.Душанбе низ гуногун аст (ҷадвали 2.26).

Аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, ки сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар ш.Душанбе нобаробар буда, ҳиссаи ноҳияи И.Сомонӣ бештар буда соли 2024

он ба 36,1%-сармогузориҳои шаҳр баробар буд. Ҳиссаи н. А.Сино ба 28,6%, н.Шоҳмансур- 19,8% ва ноҳияи А.Фирдавсӣ ба 15,5% баробар аст.

**Ҷадвали 2.26. - Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар ноҳияҳои ш.Душанбе дар солҳои 2019-2023, (бо нархҳои амалкунанда, млн. сомонӣ**

| ***Ноҳияҳо*** | ***2019*** | ***2020*** | ***2021*** | ***2022*** | ***2023*** | ***2024*** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ш. Душанбе** | **3234,9** | **3275,8** | **4736,1** | **4768,0** | **5477,5** | **6298,6** |
| **Ҳисса, %** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |
| н.Шоҳмансур | 633,7 | 741,9 | 852,4 | 1148,7 | 1028,7 | 1250,7 |
| **Ҳисса, %** | 19,6 | 22,6 | 18,0 | 24,1 | 18,8 | 19,8 |
| н.И.Сомонӣ | 1039,7 | 1338,8 | 2193,3 | 1534,7 | 2436,0 | 2270,6 |
| **Ҳисса, %** | 32,1 | 40,9 | 46,3 | 32,2 | 44,5 | 36,1 |
| н.А.Фирдавсӣ | 363,2 | 370,8 | 762,4 | 753,3 | 729,4 | 974,7 |
| ***Ноҳияҳо*** | ***2019*** | ***2020*** | ***2021*** | ***2022*** | ***2023*** | ***2024*** |
| **Ҳисса, %** | 11,2 | 11,3 | 16,1 | 15,8 | 13,3 | 15,5 |
| н.А.Сино | 1198,2 | 824,2 | 928,0 | 1331,3 | 1283,3 | 1802,6 |
| **Ҳисса, %** | 37,1 | 25,2 | 19,6 | 27,9 | 23,4 | 28,6 |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. –С.440-443

Яке аз сарчашмаҳои таъмикунандаи рушди инноватсионии иқтисодиёт ҷалби сармояи хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои 2019-2024 ба иқтисодиёти ш.Душанбе 7900 млн долл. ИМА ворид гаштааст, ки аз он 611,5 млн. долл., ё 7,7% сармояи мустақим ва 7288,5 млн. долл., ё 92,3% дигар сармояҳо ворид гаштаанд ва дар рушди иқтисодии минтақа саҳми арзанда гузоштаанд (ҷадвали 2.27).

**Ҷадвали 2.27. - Маълумот дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар шаҳри Душанбе дар солҳои 2019-2024, млн. доллар**

| Нишондиҳандаҳо | Ҳамагӣ | сармояҳои мустақим | сармояи ҷомадонӣ | дигар сармояҳо |
|---|---|---|---|---|
| 2019 | 270.3 | 137,4 | - | 132,9 |
| 2020 | 233,8 | 64,9 | - | 168,9 |
| 2021 | 391,9 | 133,9 | - | 258,0 |
| 2022 | 684,7 | 61,3 | - | 623,4 |
| 2023 | 2166,1 | 129,5 | - | 2036,6 |
| 2024 | 4153,3 | 84,5 | - | 4068,8 |
| Ҳамагӣ | 7900,0 | 611,5 | - | 7288,5 |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. –С.311-345

Сармоягузориҳои хориҷӣ дар байни ноҳияҳои ш. Душанбе чунин тақсим шудаанд: 36,6 фоизи сармоягузорӣ ба н. Шоҳмансур, 34,7% ба н. А.Фирдавсӣ, 16,8% ба н. И.Сомонӣ ва 11,9% ба н. А.Сино рост меояд.

Ҳол он ки ҳиссаи н. Шоҳмансур дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2023-юм ба 15,0%, 40,9% ба н. А.Фирдавсӣ, 16,8% ба н. И.Сомонӣ-1,4%, ва 25,9% ба н. А.Сино рост меояд. Ин маънои онро дорад, ки дар тақсимоти сармоягузории хориҷӣ ҳиссаи ноҳияҳои алоҳида дар сохтори умумии маҳсулоти саноатӣ ба назар гирифта намешавад.

Натиҷаи сиёсати инноватсионии минтақаро аз рӯйи ҳолати молиявии корхонаҳо низ баҳо додан мумкин аст. Дар солҳои зери таҳқиқ қароргирифта дар соҳаи саноати ш.Душанбе, ки солҳои 2019-2022-ро бо зарар ҷамъбаст намуда, якбора соли 2023-ро бо 353,8 млн. сомонӣ фоида ҷамъбаст намудаанд, ки нишондиҳандаи мусбати иҷрои сиёсати инноватсионӣ дониста мешавад. Соли 2023-ро соҳаи сохтмон бо 130,2 млн. сомонӣ, савдо 510,9 млн. сомонӣ нақлиёт ва алоқа 411,4 млн сомонӣ ва дигар соҳаҳо 189,7 млн сомонӣ фоида ҷамъбаст намудаанд (ҷадвали 2.28).

**Ҷадвали 2.28. - Гуруҳбандии корхона ва ташкилотҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт аз рӯйи натиҷаҳои молиявӣ (-зарар, + фоида, млн сомонӣ)**

| Соҳаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат | -128,3 | -49,5 | 3,5 | -1,9 | 353,8 | 869,1 |
| Сохтмон | 197,5 | -53,2 | 187,6 | -130,8 | 130,2 | -209,5 |
| Савдо | 194,4 | 136,3 | 335,3 | 370,6 | 510,9 | 925,5 |
| Нақлиёт ва алоқа | 439,9 | 94,7 | 9,4 | 33,5 | 411,4 | 765,3 |
| Дигар соҳаҳо | 188,7 | 173,9 | 347,1 | 15,3 | 187,9 | 105,0 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. –С.446

Вазъи молиявии соҳаҳои иқтисодиётро ҳолати қарздории корхонаҳо тавсиф менамояд. Дар ш. Душанбе қарзҳои дебиторӣ дар соли 2023 ба 14002,4 млн сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019 –ум 3,0 мар. зиёд аст. Аз ҷумала қарзҳои дебиторӣ дар соҳаи саноат қариб 5 мар., сохтмон-2,8,

савдо – 4,3 мар., дигар соҳаҳо- 2,5 мар., нақлиёт ва алоқа- 44,4% афзудаанд. (ҷадвали 2.29).

**Ҷадвали 2.30. - Сохтори соҳавии қарздории дебитории корхонаҳо ва ташкилотҳо, (млн. сомонӣ)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2023/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 4674,6 | 9146,8 | 8809,3 | 7724,5 | 14002,4 | 31156,8 | 299,5 |
| Саноат | 1024,4 | 951,0 | 964,5 | 135,3 | 5058,2 | 10302,8 | 493,8 |
| Ҳисса, % | 21,9 | 10,4 | 10,9 | 14,0 | 36,1 | 33,1 | 14,9 |
| Сохтмон | 1193,8 | 4149,5 | 3029,6 | 2955,3 | 3308,6 | 7632,0 | 277,1 |
| Ҳисса, % | 25,5 | 45,4 | 34,4 | 33,6 | 23,6 | 24,5 | -1,9 |
| Нақлиёт ва алоқа | 1395,7 | 115,4 | 131,9 | 925,7 | 2014,7 | 4282,1 | 144,4 |
| Ҳисса, % | 29,9 | 1,3 | 1,5 | 7,0 | 14,4 | 13,7 | -15,5 |
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2023/2019, % |
| Савдо | 539,1 | 1319,5 | 1887,1 | 1544,7 | 2306,7 | 5243,6 | 427,9 |
| Ҳисса, % | 11,5 | 14,4 | 21,4 | 8,2 | 16,5 | 16,8 | 5,0 |
| Дигар соҳаҳо | 521,6 | 2611,4 | 2796,2 | 2163,5 | 1314,2 | 3696,3 | 252,0 |
| Ҳисса, % | 11,2 | 28,5 | 31,7 | 37,2 | 9,4 | 11,9 | -1,8 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. –С. 447

Ин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳолати молиявии сохторҳои иқтисодиёт нисбатан бад шуда, қобилияти пардохтпазирӣ надоранд.

Сохтори соҳавии қарзҳои кредитории корхонаҳо ва ташкилотҳо низ нигаронкунанда аст, зеро дар соли 2023 дар ҳамаи соҳаҳо қарзҳои кредиторӣ ба 27100,4 млн сомонӣ расидааст. Аз ҷумла нисбат ба соли 2-19 дар соҳаи саноат қарзҳои кредиторӣ 2,5 мар., сохтмон 2,2 мар., нақлиёт ва алоқа- 2,6 мар., савдо 4,1 мар. Ва дигар соҳаҳо 35,9% афзудааст (ҷадвали 2.31).

**Ҷадвали 2.31. - Сохтори соҳавии қарзҳои кредитории корхонаҳо ва ташкилотҳо, (млн. сомонӣ)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2023/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 11340,8 | 19636,4 | 22732,4 | 16842,2 | 27100,4 | 14209,3 | 239,0 |
| Саноат | 3859,7 | 2379,6 | 5079,7 | 2250,9 | 9848,8 | 5233,6 | 255,2 |
| Ҳисса, % | 34,0 | 12,1 | 22,3 | 38,2 | 36,3 | 36,8 | 2,3 |
| Сохтмон | 2369,1 | 5662,9 | 7388,3 | 4006,7 | 5125,7 | 3896,0 | 216,4 |
| Ҳисса, % | 20,9 | 28,8 | 32,5 | 23,0 | 18,9 | 27,4 | -2,0 |
| Нақлиёт ва алоқа | 1871,3 | 338,5 | 138,5 | 1940,9 | 4954,7 | 1706,7 | 264,8 |
| Ҳисса, % | 16,5 | 1,7 | 0,6 | 1,4 | 18,3 | 12,0 | 1,8 |
| Савдо | 1000,6 | 3420,0 | 3386,9 | 3682,0 | 4122,0 | 2034,9 | 412,0 |

*Идомаи ҷадвали 2.31.*

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2023/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳисса, % | 8,8 | 17,4 | 14,9 | 10,8 | 15,2 | 14,3 | -6,4 |
| Дигар соҳаҳо | 2244,1 | 7835,4 | 6739,0 | 4961,7 | 3049,2 | 1348,1 | 135,9 |
| Ҳисса, % | 19,8 | 39,9 | 29,6 | 26,6 | 11,3 | 9,5 | -8,5 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории ш.Душанбе. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. Душанбе. 2025. – С. 448.

Ҳолати соҳаҳо ногувор арзёбӣ карда мешавад, зеро агар тамоми қарзҳои дебиторӣ рӯёнда шаванд ҳам, вале соҳаҳои номбаршуда 13,1 млрд. сомонӣ қарздор мемонанд. Аз ҷумла соҳаи саноат -4,8 млрд сомонӣ, сохтмон-1,6 млрд сомонӣ, нақлиёт ва алоқа-2,9 млрд сомонӣ, савдо-1,8 млрд сомонӣ ва дигар соҳаҳо – 1,7 млрд сомонӣ қарздор мемонанд.

Вазъи иқтисодиву молиявии ш. Душанбе имконияти маблағгузории лоиҳаҳои инноватсиониро дорад ва аз ин ҷо дастовардҳои илмӣ дар аксари корхонаҳои навташкили шаҳр истифода шудаанд.

Таҳқиқи мо нишон дод, ки дар корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ ба рушди инноватсия аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд. Дар ҷадв. 1, хароҷот барои инноватсия дар чор корхонаи шаҳри Душанбе дар соли 2024 оварда шудаанд, ки 0,78- % маҷмуи маҳсулоти корхонаҳои мазкурро ташкил медиҳад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.32 аз он гувоҳӣ медиҳад, ки хароҷот ба соҳаи инноватсия дар чор корхонаи ш.Душанбе ба 0,78 фоизи маҷмуи маҳсулоти корхонаҳо баробар аст.

Дар сохтори хароҷот ҳиссаи хароҷоти хариди мошинҳо ва таҷҳизоти марбут ба навовариҳои технологӣ 0,31 фоизро ташкил додааст. Хароҷоти ба даст овардани технологияҳои нав 0,13%-и хароҷоти инноватсиониро ташкил намудааст.

Самаранокии хароҷот ба як сомонӣ дар маҷмуъ дар чор корхонаи зери таҳқиқ қароргирифта ба 127,9 сомонӣ баробар аст.

Ин рақам аз он гувоҳӣ медиҳад, ки самаранокии иқтисодӣ дар ҳамон корхонаҳое баланд аст, ки сатҳи баланди истифодаи дастовардҳои илмӣ-технологиро дар истеҳсолот таъмин менамоянд.

Хароҷот барои инноватсия дар ҶДММ «Мармарӣ» дар соли 2023 ба 4293,7 ҳаз. сомонӣ баробар шудааст, ки ба 0,7 фоизи маҷмуи маҳсулоти умумии корхона баробар аст. Хароҷоти ба даст овардани технологияҳои нав 32,6%, хароҷоти хариди мошинҳо ва таҷҳизоти марбут ба навовариҳои технологӣ 32,4%, хароҷоти навовариҳои технологӣ 24,8%-и хароҷоти инноватсиониро ташкил медиҳад. Ҳар як сомонии ба инноватсия сарфшуда 149,4 сомонӣ даромад овардааст, ки нисбат ба корхонаҳои дигар нисбатан баландтар аст.

Самаранокии иқтисодии инноватсия дар ҶДММ «Кока-кола - Нӯшокиҳои Тоҷикистон» дар соли 2023 ба 148,6 сомонӣ, ҶДММ «Амирӣ» ба 116,4 ва ҶСК «Сементи тоҷик» ба 61,2 сомонӣ баробар буд.

Таҳлили вазъи тадбиқи сиёсати инноватсионии ш.Душанберо метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Тадбиқи сиёсати инноватсионии рушди соҳаҳои иқтисодиёти ш. Душанбе аз он шаҳодат медиҳанд, ки он ба иҷрои «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи миллии рушди соҳаи зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» мувофиқ мебошад. Дар давраи солҳои 2019-2024 МММ қариб 2,1 баробар афзуда, ба ҳар сари аҳолӣ 24657,4 сомонӣ рост меояд, ки нисбат ба соли 2019-ум 39,2% зиёд аст.

2. Нишондиҳандаи асосии тавсифкунандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ давомнокии миёнаи умр аст. Дар шаҳри Душанбе давомнокии миёнаи умр дар соли 2024-ум 78,1 сол, аз ҷумла: мардон -74,3 ва занон – 79,2 сол ташкил дод. Рушди иқтисодиёти шаҳр ба он оварда расонд, ки муҳоҷират ба шаҳр афзудааст. Даромади пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ 2,8 ва хароҷот 2,9 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар ш. Душанбе шумораи одамоне, ки дар иқтисодиёт машғуланд, нисбат ба солҳои 2019 –ум 32,7 ҳаз. нафар, ё 15,8% фоиз афзуд.

**Ҷадвали 2.32. - Харочот барои инноватсия дар корхонаҳои шаҳри Душанбе дар соли 2024, ҳаз сомонӣ**

| Номгӯи харочот | ҶДММ «Мармарӣ» | ҶСК «Семент и точик» | ҶДММ «Кока-кола - Нӯшокиҳои Точикистон» | ҶДММ ФҚ «Амирӣ» | Хамагӣ дар 4 корхона | Бо % нисбат ба МУ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Харочоти навовариҳои технологӣ (маҳсулот, раванд) | 1063,0 | 896,0 | 923,0 | 151,8 | 3033,8 | 0,2 |
| Харочоти дигар намудҳои корҳо, ки бо тайёр кардани истеҳсолот барои баровардани моли нав, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нав ва усулҳои истеҳсоли (интиқоли) онҳо алоқамананд | 96,7 | 63,9 | 84,3 | 11,2 | 256,1 | 0,02 |
| Харочоти муҳандисӣ, аз ҷумла асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ, тарҳрезии истеҳсолот, истеҳсоли озмоишӣ ва озмоиш, насб ва ба кор андохтан, коркарди дигар (бо тадқиқот ва коркард вобаста нест) маҳсулоти нав, хизматрасонӣ ва усулҳои истеҳсоли (интиқоли онҳо), равандҳои нави истеҳсолӣ | 63,4 | 34,8 | 45,6 | 58,8 | 202,6 | 0,016 |
| Харочоти тадқиқот ва коркарди маҳсулоти нав (молҳо ва хизматрасониҳо) ва усулҳои истеҳсоли (интиқоли) онҳо, равандҳои нави истеҳсолӣ | 23,4 | 17,4 | 19,6 | 26,9 | 87,3 | 0,001 |
| Харочоти тадқиқоти маркетингӣ | 90,8 | 81,0 | 10,1 | 12,1 | 194,0 | 0,009 |
| Харочоти таълим ва тарбияи кадрҳо, ки бо ҷорӣ намудани навигариҳои технологӣ алоқамананд | 54,0 | 38,0 | 67,0 | 76,9 | 235,9 | 0,019 |
| Харочоти хариди мошинҳо ва таҷҳизоти марбут ба навовариҳои технологӣ | 1390,0 | 637,0 | 970,0 | 868,0 | 3865,0 | 0,31 |
| Харочоти ба даст овардани технологияҳои нав | 1401,0 | 56,3 | 67,5 | 46,9 | 1571,7 | 0,13 |
| Харочоти ба даст овардани ҳуқуқ ба патентҳо, иҷозатномаҳои истифодаи ихтироот, намунаҳои саноатӣ, моделҳои фоиданок | 23,0 | 13,4 | 25,6 | 30,1 | 92,1 | 0,007 |
| Харочоти хариди барномаҳо | - | - | - | - | - | - |
| Харочоти таҳияи истеҳсолот, лоиҳакашӣ ва дигар коркардҳо (бо тадқиқот ва коркарди илмӣ вобаста нест) маҳсулоти нав (молҳо ва хизматрасониҳо) ва усулҳои истеҳсоли (интиқоли онҳо), равандҳои нави истеҳсолӣ | 21,4 | 10,9 | 3,4 | 9,0 | 44,7 | 0,004 |
| Дигар харочоти навовариҳои технологӣ | 67,0 | 13,0 | 53,0 | 61,0 | 194,0 | 0,009 |
| Ҳамагӣ | 4293,7 | 1861,7 | 2269,1 | 1352,7 | 9777,2 | 0,78 |
| Маҳсулоти умумии корхона, ҳаз сомонӣ | 641636,5 | 113858 | 337090 | 157495 | 1250079,5 | х |
| Ба як сомонӣ харочот барои инноватсия, сомонӣ | 149,4 | 61,2 | 148,6 | 116,4 | 127,9 | х |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025.

Афзоиши ҷойҳои корӣ таъмин шуда бошад ҳам, вале 4789 шахсони ҳуқуқӣ, 81228 соҳибкорони инфиродӣ ва 252 адад филиалҳо ва намояндагони шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барҳам дода шудаанд, ки падидаи номатлуб буда, дидани чораҳои амалиро тақозо менамояд.

3. Дар ин давра шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ бе тағйир монда бошанд ҳам, вале шумораи умумии кормандони илмӣ-техникӣ 1,8 фоиз коҳиш ёфта, шумораи докторҳои илм ва номзадҳои илм ба 10000 нафар машғулин дар иқтисодиёт нисбат ба соли мутаносибан 2,9 ва 2,0 банди фоизи коҳиш ёфтааст. Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи илм ва техника нисбат ба соли 2019 ба андозаи 0,3 банди фоизӣ зиёд аст.

Таҳлил тамоюли пастравии ҳиссаи ш.Душанбе дар маҷмуи маҳсулоти саноатии кишварро муайян намуд. 64,2 фоизи маҳсулоти саноатии минтақа ба саноати коркард рост меояд. Шумораи корхонаҳои саноатӣ рӯ ба авзоиш дошта бошад ҳам, вале дар давоми соли 2024-юм 108 адад, ё 13,2% инкорхонаҳо фаъолият накардаанд, ки нишондиҳандаи нигаронкунанда арзёбӣ мешавад. Дар ин давра ҳосилнокии меҳнат 29,3% афзудааст.

4. Фазои сармоягузорӣ беҳтар гардида, аз ин ҳисоб 5098 млн сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта шуданд, ки 40,5%-и нишондиҳандаҳои ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар ш.Душанбе нобаробар буда, ҳиссаи ноҳияи И.Сомонӣ ба 36,5%, н. А.Сино ба 28,6%, н.Шоҳмансур- 19,8% ва ноҳияи А.Фирдавсӣ ба 15,5% баробар аст, ки ба ҳиссаи онҳо дар ташаккули МММ ба назар гирифта намешавад. Тақсимоти сармояи хориҷӣ низ асосан ба ноҳияҳои И.Сомонӣ ва А.Сино рост меояд.

5. Ҳолати молиявии корхонаҳо беҳтар шуда бошад ҳам, вале сатҳи баланди қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ аз вазъи начандон хуби корхонаҳои саноатии минтақа гувоҳӣ медиҳад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ТАҲИЯ ВА ТАДБИҚИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Дастгирии давлатӣ – самти муҳимми таҳкими сиёсати инноватсионӣ

Сарфи назар аз он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқию меъёрии рушди инноватсионии иқтисодиёт аз ҷониби давлат муҳайё карда шудааст, вале вазъи душвори молиявию ташкилӣ натавонистаанд иҷрои индикаторҳои СМР-2030-ро таъмин намоянд. Ин тақозо менамояд, ки механизмҳои таҳия ва тадбиқи сиёсати инноватсионӣ бозбинӣ карда шавад.

Иҷрои Стратегияи рушди инноватсионии Тоҷикистон бе амалӣ намудани он дар маҳалҳо, корхона ва хоҷагиҳои алоҳида ғайриимкон аст. Сиёсати инноватсионии ҳар як корхона ва хоҷагӣ дар минтақа бояд ба ҳалли вазифаҳои стратегии муайяншуда равона карда шавад. Иҷрои Стратегияи давлатӣ дар ҳамон вақт иҷро мегардад, ки агар дар ҳар як корхона ва ё хоҷагӣ стратегияи рушди инноватсионӣ таҳия ва қабул карда шавад, зеро танҳо дар сатҳи микроиқтисодӣ метавон имконияти иҷрои онро таъмин намуд. Танҳо дар сатҳи корхона муайян намудан мумкин аст, ки ғояи инноватсионӣ ба истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ ба итмом расида, арзиши иловашуда ба бор овардааст. Барои таҳияи чунин барномаҳо, ҳокимияти маҳаллиро зарур аст, ки самти татбиқи ғояҳои инноватсиониро муайян кунад, инфрасохтори заруриро барои таҳия ва татбиқи барнома ҳам дар минтақа ва ҳам дар ҳар як корхонаи алоҳида фароҳам созад. Ин бевосита аз бунёди фазои мусоиди инноватсионӣ вобастагӣ дорад.

Муҳиммияти рушди инноватсионии иқтисодиёт мавриди таҳқиқи шумораи зиёди муҳақиқони тоҷик, аз ҷумла Ашуров И.С., Каюмов Н.К., Комилов С.Ҷ., Пиризода Ҷ.С., Раҳимов Р.К., Саидмурадов Л., Умаров Х.У., Файзуллоев М.К. ва диг., қарор гирифтааст. Вале олимони номбаршуда сиёсати инноватсиониро дар сатҳи макроиқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд, вале сиёсати инноватсионӣ дар сатҳи хоҷагӣ ва корхонаи алоҳида

мавриди тадқиқот қарор нагирифтааст. Сабаби асосии мавриди таҳқиқ қарор нагирифтани сиёсати инноватсионӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ набудани маълумотҳои даққиқ доир ба рушди инноватсионии корхона ба ҳисоб меравад. Дар корхонаи алоҳида нишондиҳандаҳои таҷассумгарӣ нишондиҳандаҳои инноватсия бурда намешавад.

Мутаассифона, масъалаҳои таъсири инноватсия ба рушди иқтисодиёти корхонаҳои алоҳида мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд, механизмҳои ҳалли онҳо дар амалияи ватанӣ ҷой надоранд. Аммо ҷанбаи минтақавии идоракунии давлатии рушди инноватсионӣ пурра омӯхта нашудааст. Ҳатто дар сатҳи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои рушди инноватсионӣ муайян карда нашудааст ва шакли омории он таҳия нагардидааст. Аз ин ҷо мо зарур мешуморем, ки истифодаи шакли зерини ҳисоботи оморӣ дар сатҳи қорхона метавонад ба ҳолати муосири тадбиқи нишондиҳандаҳои омории корхона доир ба инноватсия таҷассум намояд (замимаи 1).

Бояд дар назар дошт, ки ҳисоботи мазкурро ҳар моҳ ва бо ҷамъи афзоянда ҳамаи муассисаҳо, корхонаҳо, хоҷагиҳо новобаста аз шакли моликият ба шуъбаҳои омори шаҳру ноҳияҳо на дертар аз санаи 5-уми моҳи оянда ба шуъбаҳои омори шаҳру ноҳияҳо ҳисобот пешниҳод менамоянд. Дар ин ҳолат иҷрои талаботҳои Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери назорат қарор гирад ва натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шавад.

Сиёсати минтақавии инноватсионии кишварҳои рушдкардаи Иттиҳоди Аврупо ба равандҳои ҳамгироии умумиевропоӣ алоқаманд буда, мақсади асосии онҳо муттаҳидсозии манфиатҳо дар сатҳи Иттиҳод ва давлатҳои узви он мебошад. Масъалаи муҳимми ҳалталаб дар ин давлатҳо рафъи нобаробарии рушди мамлакатҳои алоҳида ба амал омада мебошад. Дар сатҳи корхонаҳо бошад, рушди соҳаҳои доништалаб яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа мебошад, зеро механизми идораи он то баҳол муайян карда нашудааст.

Бояд иқрор шуд, ки ҳанӯз ягон корхонаеро номбар намудан мумкин нест, ки ба масъалаи рушди инноватсионии истеҳсолот ҷиддӣ муносибат карда бошад. Иҷрои Стратегияи рушди инноватсионӣ ба зиммаи Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар Вазоратҳои соҳавӣ гузошта шудааст, ки механизми ягонаи назорати иҷрои онро надоранд. Ҳусусан ҳолати иҷрои Стратегия дар минтақаҳое, ки имконияти инноватсионӣ надоранд хеле ҳузновар аст.

Муаллиф тадқиқи сотсиологиро анҷом додааст, қайд намудааст, ки шаҳри Душанбе минтақаи аз ҷиҳати инноватсионӣ рушдёфта ба ҳисоб меравад, зеро маркази илм ва корхонаҳои зиёди имконияти истифодаи дастовардҳои илм дар иқтисодиётро дорад.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи фазои инноватсионии рушд дар муассиса ва корхонаҳои ш. Душанбе, аз ҷониби муаллиф пурсиши зиёда аз 50 намояндагони соҳаҳои саноат, сохтмон, миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ, фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ, идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ гузаронида шуд. Мақсади таҳқиқ муайян намудани сабабҳои асосии паст будани фазои инноватсионии минтақа ба ҳисоб меравад.

Интихоби пурсидашавандагон чунин сурат гирифт (ҷадвали 3.1)

**Ҷадвали 3.1. - Интихоби пурсидашавандагон барои муайян намудани фазои инноватсионии ш.Душанбе**

| Соҳаҳо | Шумораи умумӣ, ҳаз. нафар | Ҳисса дар сохтори умумии машғулин дар иқтисодиёт ва пурсидагон, % | | Шумораи пурсидашудагон, нафар |
|---|---|---|---|---|
| Саноат | 25,6 | 13,6 | 36,1 | 18 |
| Сохтмон | 16,1 | 8,5 | 22,7 | 11 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 8,7 | 4,2 | 12,3 | 6 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 7,4 | 5,9 | 10,4 | 5 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 13,2 | 8,4 | 18,5 | 10 |
| Ҳамагӣ | 71,0 | 40,6 | 100,0 | 50,0 |

**Сарчашма:** Таҳқиқоти муаллиф

Дар таҳқиқ 50 нафар иштирок намуданд, ки аз онҳо:.18 нафар (36,1%)-и интихобшудагон аз соҳаи саноат, 11 нафар (22,7%) аз соҳаи сохтмон, 6 нафар (12,3%) аз миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ, 5 нафар (10,4%) аз фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ, 10 нафар (18,5%) аз идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ мебошанд. Шарти асосии интихоб интихоби пурсидашавандагон мувофиқан ба ҳиссаи шумораи кормандони соҳаи иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад.

Назарсанҷӣ аз чунин саволҳо иборат буданд:

1.Сабабҳои асосии паст будани рушди инноватсия аз назари Шумо дар чист?

Ҷавобҳои эҳтимолӣ:

✓ вазъи ноустувори сиёсати иқтисодӣ;

✓ набудани фазои инноватсионии минтақа;

✓ набудани алоқаи байни илм ва истеҳсолот;

✓ вазъи молиявии корхона;

✓ дигар сабабҳо.

2.Оё Шумо ҳавасмандии давлатии рушди инноватсияро ҳис менамоед?

✓ ҳа;

✓ не;

✓ душворӣ мекашам;

✓ маълумот надорам.

3.Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҳамчун кафил ва ташкилотчии фаъолияти инноватсионӣ баромад мекунанд?

✓ ҳис менамоям;

✓ ҳис наменамоям;

✓ умуман инноватсия нест;

✓ аз барномаҳо ва стратегияҳо дуранд;

✓ маълумот надорам.

4. Баланд бардоштани ҳиссаи ҳокимияти давлатиро дар рушди инноватсия дар чӣ мебинед?

✓ қабули стратегия ва барномаҳо;

✓ маблағузории соҳаи илм;

✓ баланд бардоштани мавқеи олим дар ҷомеа;

✓ таъмини ҳавасмандии олим;

✓ ҳамаи ҷавобҳо.

5. Кадом фишангҳои баланд бардоштани нақши давлатро дар рушди инноватсия мебинед?

✓ баланд бардоштани масъулияти роҳбарони сохторҳо дар сатҳи микроиқтисод;

✓ баланд намудани талабот барои иҷрои барномаҳои давлатӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ;

✓ дастгирии илм ва олимон дар пешниҳоди лоияҳои инноватсионӣ;

✓ ташкили хариди маҳсулоти инноватсионӣ ва тадбиқи он дар истеҳсолот;

✓ дигар пешниҳодҳо.

Ба саволи сабабҳои асосии паст будани рушди инноватсия аз назари Шумо дар чист? Натиҷаҳои тадқиқот ҷунинанд (ҷадвали 3.1.2).

Чуноне, ки натиҷаҳои назарсанҷӣ нишон дод, аз 50 нафари мавриди таҳқиқ қароргирифта қисми бештар -34 фоизашон вазъи пасти ҳавасмандии моддии навоварон донистанд. Назарсанҷии бахшҳои алоҳида, аз ҷумла 33,3%-и соҳаи саноат, 36,3%-и соҳаи сохтмон, 33,3%-и миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ, 40,0%-и фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ, 30%-и бахши идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ сабабҳои асосии паст будани рушди инноватсияро дар вазъи пасти ҳавасмандии моддии навоварон медонанд.

Аз ҷумлаи 24,0%-и пурсидашудагон сабабҳои асосии паст будани рушди инноватсияро дар набудани барномаи инноватсионӣ дар корхона ва 24,0%- дигар набудани алоқаи байни илм ва истеҳсолот баҳо додаанд.

16,0%- онҳо онро дар набудани фазои инноватсионии минтақа мебинанд ва танҳо як нафар (2,0%) дигар омил гуфта онро назорати нокифояи иҷрои Стратегияҳои қабулшуда донистааст.

**Ҷадвали 3.2. - Сабабҳои асосии паст будани рушди инноватсия аз назари Шумо дар чист?**

| Соҳаҳо | Гуруҳбандии ҷавобҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи пурсидашудагон, нафар | | Набудани барномаи инноватсионӣ дар корхона | | Набудани фазои инноватсионии минтақа | | Набудани алоқаи байни илм ва истеҳсолот | | Вазъи пасти ҳавасмандии моддии навоварон | | Дигар сабабҳо | |
| | нафар | % | нафар | % | нафар | % | нафар | % | нафар | % | нафар | % |
| Саноат | 18 | 100,0 | 2 | 11,1 | 4 | 22,3 | 6 | 33,3 | 6 | 33,3 | - | - |
| Сохтмон | 11 | 100,0 | 3 | 27,3 | 1 | 9,1 | 2 | 18,2 | 4 | 36,3 | 1 | 9,1 |
| Миѐнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 6 | 100,0 | 3 | 50,0 | 1 | 16,7 | - | | 2 | 33,3 | - | - |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 5 | 100,0 | 2 | 40,0 | - | - | 1 | 25,0 | 2 | 40,0 | - | - |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 10 | 100,0 | 2 | 20,0 | 2 | 20,0 | 3 | 30,0 | 3 | 30,0 | - | - |
| Ҳамагӣ | 50,0 | 100,0 | 12 | 24,0 | 8 | 16,0 | 12 | 24,0 | 17 | 34,0 | 1 | 2,0 |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф

Ба саволи Оё Шумо ҳис менамоед, ки давлат сиёсати рушди инноватсиониро дуруст ба роҳ мондааст, чунин ҷавобҳо гирифта шуд (ҷадвали 3.3).

**Ҷадвали 3.3. - Оё Шумо ҳис менамоед, ки давлат сиёсати рушди инноватсиониро дуруст ба роҳ мондааст?**

| Соҳаҳо | Гуруҳбандии ҷавобҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи пурсидашудагон, нафар | | Ҳа | | Не | | Душворӣ мекашам | | Маълумот надорам | | Дигар ҷавоб | |
| | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** |
| Саноат | 18 | 100,0 | 13 | 72,2 | 2 | 11,1 | 2 | 11,1 | 1 | 6,6 | - | - |
| Сохтмон | 11 | 100,0 | 8 | 72,7 | 1 | 9,1 | 2 | 18,2 | - | - | - | - |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 6 | 100,0 | 4 | 66,6 | 1 | 16,7 | 1 | 16,7 | - | - | - | - |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 5 | 100,0 | 4 | 80,0 | - | - | 1 | 20,0 | - | - | - | - |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 10 | 100,0 | 9 | 90,0 | - | - | 1 | 10,0 | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ | 50 | 100,0 | 38 | 76,0 | 4 | 8,0 | 7 | 14,0 | 1 | 2,0 | - | - |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф

Эзоҳ: **I**- нафар; **II** – ҳисса аз рӯйи фоиз

Натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки 76,0%-и пурсидашудагон ҷавоби мусбат дода ҳис менамоянд, ки давлат сиёсати рушди инноватсиониро дуруст ба роҳ мондааст. 8,0%-и онҳо ҷавоби манфӣ дода, 14,0% дар ҷавоби савол душворӣ кашидаанд ва 2,0% доир ба ин масъала маълумот надоштааст. Хусусан сафи онҳое, ки давлат сиёсати рушди инноватсиониро дуруст ба роҳ мондааст дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ зиёд буда 90,0%, фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ 80,0%, саноат ва сохтмон мутаносибан 72,2 ва 72,7%-ро ташкил менамояд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аҳолӣ асосан аз Стратегияи рушди инноватсионӣ ва чораҳои дар ин самт дидаи ҳукумат воқифанд.

Ба саволи Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҳамчун кафил ва ташкилотчии фаъолияти инноватсионӣ баромад мекунанд, чунин ҷавобҳо гирифта шуд (ҷадвали 3.4).

**Ҷадвали 3.4. - Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҳамчун кафил ва ташкилотчии фаъолияти инноватсионӣ баромад мекунанд?**

| Соҳаҳо | Гуруҳбандии ҷавобҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи пурсидашудагон, нафар | | Ҳис менамоям | | Ҳис наменамоям | | Умуман инноватсия нест | | Аз барномаҳо ва стратегияҳо дуранд | | Маълумот надорам | |
| | I | II | I | II | I | II | I | II | I | II | I | II |
| Саноат | 18 | 100,0 | 9 | 50,0 | 6 | 33,3 | 3 | 16,7 | - | - | - | - |
| Сохтмон | 11 | 100,0 | 4 | 36,4 | 4 | 36,4 | 1 | 9,1 | 1 | 9,1 | | |
| Миёнаравиҳо и молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 6 | 100,0 | 3 | 50,0 | 1 | 16,7 | 1 | 16,7 | 1 | 16,7 | - | - |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 5 | 100,0 | 3 | 60,0 | - | - | 1 | 20,0 | 1 | 20,0 | - | - |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 10 | 100,0 | 9 | 90,0 | 1 | 10,0 | - | - | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ | 50,0 | 100,0 | 28 | 56,0 | 12 | 24,0 | 6 | 12,0 | 3 | 6,0 | - | - |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф

Эзоҳ: **I**- нафар; **II** – ҳисса аз рӯйи фоиз

Назарсанҷӣ нишон дод, ки фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо доир ба сиёсати давлатии рушди инноватсионии истеҳсолот назаррас нест. Танҳо 56,0% саҳми ҳокимиятҳои маҳаллиро дар рушди инноватсия ҳис менамоянд, вале 24% ҷавоб додаанд, ки фаъолияти онҳоро ҳис наменамоянд. 12% баҳо додаанд, ки умуман инноватсия дар маҳалҳо нест ва 6,0% чунин меҳисобанд, ки ҳокимиятҳои маҳаллӣ аз барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ дуранд. Хусусан ин нишондиҳандаро 20,0%-и шахсони ба фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ, 16,7%-и кормандони соҳаи саноат ва миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ машғулбуда тасдиқ

намудаанд. 20,0% -и шахсони ба фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ ва 16,7%-и миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ машғулбуда чунин меҳисобанд, ки мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ аз мавҷуд будани барномаҳо ва стратегияҳо хабар надоранд.

Ба назари муҳаққиқ муайян намудани нуқтаи назари мутахассисони соҳаҳои гуногун доир ба самтҳои асосии такмили сиёсати инноватсионӣ дар мадди аввал меистад. Аз ин ҷо дар пурсишнома саволи Баланд бардоштани ҳиссаи ҳокимияти давлатиро дар рушди инноватсия дар чӣ мебинед? гузошта шуд. Натиҷаи назарсанҷӣ чунин аст (ҷадвали 3.5).

**Ҷадвали 3.5. - Баланд бардоштани ҳиссаи ҳокимияти давлатиро дар рушди инноватсия дар чӣ мебинед?**

| Соҳаҳо | Гуруҳбандии ҷавобҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи пурсидашудагон, нафар | | Қабули стратегия ва барномаҳо | | Маблағгузории соҳаи илм | | Баланд бардоштани мавқеи олим дар ҷомеа | | Таъмини ҳавасмандии олим | | Ҳамаи ҷавобҳо | |
| | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** |
| Саноат | 18 | 100,0 | - | - | - | - | - | - | - | - | 18 | 100,0 |
| Сохтмон | 11 | 100,0 | 6 | 54,5 | 2 | 18,2 | 2 | 18,2 | 1 | 9,1 | - | - |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 6 | 100,0 | 2 | 33,4 | 2 | 33,3 | - | - | - | | 2 | 33,3 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 5 | 100,0 | 1 | 20,0 | - | - | 1 | 20,0 | 1 | 20,0 | 2 | 40,0 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 10 | 100,0 | - | - | - | - | - | - | - | - | 10 | 100,0 |
| Ҳамагӣ | 50,0 | 100,0 | 9 | 18,0 | 4 | 8,0 | 3 | 6,0 | 2 | 4,0 | 32 | 64,0 |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф

Эзоҳ: **I**- нафар; **II** – ҳисса аз рӯйи фоиз

Аз натиҷаи назарсанҷӣ ин савол чунин хулоса намудан мумкин аст, ки аксари (64,0%) шахсони ба назарсанҷӣ ҷалбшуда қабули стратегия ва

барномаҳо, маблағузории соҳаи илм, баланд бардоштани мавқеи олим дар ҷомеа ва таъмини ҳавасмандии олимонро воситаи асосии баланд бардоштани ҳиссаи ҳокимияти давлатиро дар рушди инноватсия медонанд. Дар соҳаи сохтмон аксари пурсидашудагон (54,5%) чунин меҳисобанд, ки қабули стратегия ва барномаҳо дар маҳал метавонад, ки ҳиссаи ҳокимияти давлатиро дар рушди инноватсия таъмин намояд.

Ба саволи «Кадом фишангҳои баланд бардоштани нақши давлатро дар рушди инноватсия мебинед?» чунин ҷавобҳо гирифта шуд (ҷадвали 3.6).

**Ҷадвали 3.6. - Кадом фишангҳои баланд бардоштани нақши давлатро дар рушди инноватсия мебинед?**

| Соҳаҳо | Гуруҳбандии ҷавобҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи пурсидашудагон, нафар | | Баланд бардоштани масъулияти роҳбарони сохторҳо дар сатҳи микроиқтисод | | Баланд намудани талабот барои иҷрои барномаҳои давлатӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ | | Дастгирии илм ва олимон дар пешниҳоди лоиҳаҳои инноватсионӣ | | Таъмини ҳавасмандии олим | | Ҳамаи ҷавобҳо | |
| | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** | **I** | **II** |
| Саноат | 18 | 100,0 | 2 | 11,1 | 2 | 11,1 | 2 | 11,1 | 2 | 11,1 | 10 | 55,6 |
| Сохтмон | 11 | 100,0 | 1 | 9,1 | 2 | 18,2 | 3 | 27,3 | 2 | 18,2 | 3 | 27,3 |
| Миёнаравиҳо и молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 6 | 100,0 | 1 | 16,7 | 1 | 16,7 | - | - | - | - | 4 | 66,6 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 5 | 100,0 | 1 | 20,0 | - | - | - | - | - | - | 4 | 80,0 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 10 | 100,0 | - | - | - | - | - | - | - | - | 10 | 100,0 |
| Ҳамагӣ | 50,0 | 100,0 | 5 | 10,0 | 5 | 10,0 | 5 | 10,0 | 5 | 10,0 | 31 | 60,0 |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф

Эзоҳ: **I**- нафар; **II** – ҳисса аз рӯйи фоиз

Натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки 60,0%-и шахсони пщурсидашуда баланд бардоштани масъулияти роҳбарони сохторҳо дар сатҳи микроиқтисод, баланд намудани талабот барои иҷрои барномаҳои давлатӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ, дастгирии илм ва олимон дар пешниҳоди лоияҳои инноватсионӣ ва таъмини ҳавасмандии олимро фишангҳои баланд бардоштани нақши давлат дар рушди инноватсия ҳисобиданд. Танҳо 10,0%-и пурсидашудагон ба омилҳо баланд бардоштани саҳми давлатро дар самтҳои алоҳида дидаанд.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи назарсанҷӣ чунин хулоса намудан мумкин аст:

1. Зарурати таҳия ва тасдиқи ҳисоботи омории дастовардҳои инноватсионӣ дар сатҳи корхона, муассиса, хоҷагӣ ва дигар сохторҳо ба роҳ монда шаванд, зеро бе доштани маълумот назорати иҷрои вазифаҳои стратегӣ имкон надорад.

2. Тақрибан ҳамаи қишрҳои ҷамъият ба он назаранд, ки рушди сиёсати инноватсионӣ ба дастгирии давлатӣ ниёз доранд. Самти асосии сиёсати давлатӣ бояд ба фармоиши давлатӣ ба маҳсулоти инноватсионӣ нигаронида шавад, зеро дар ин ҳолат ташкилотҳои илмӣ эътимод ҳис мекунанд, ки маҳсулоти онҳо ба давлат зарур аст. Онҳо метавонанд бюджети худро таҳия намоянд ва ба иҷрои стратегии рушди инноватсионӣ машғул шаванд.

3. Имтиёзҳои давлатӣ, суғуртаи фаъолият дар ҷуброн намудани зарари хатарҳои эҳтимолии марбут ба фаъолияти инноватсионӣ, метавонад иҷрои индикаторҳои сиёсати инноватсионии давлатро таъмин намояд.

4. Нақши давлат дар амалӣ намудани хариди давлатии маҳсулотҳои инноватсионӣ зоҳир мегардад. Таҷриба собит менамояд, ки ягон стратегия, барнома ва нақша бе таъмини молиявӣ амалӣ намегардад.

5. Бояд изҳор намуд, ки фишангҳои идоракунии давлатӣ танҳо дар сатҳи миллӣ дида мешаванд. Дар сатҳи маҳал бошад, зарурати таҳияи консепсияи минтақавии рушди системаи инноватсионии, ки манфиатҳои илм, соҳибкорӣ ва давлатро муттаҳид мекунад, таҳия ва қабул карда шавад.

## 3.2. Маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ – роҳи асосии такмили тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар минтақа

Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини тадбиқи сиёсати инноватсионӣ бо роҳи бартараф кардани масъалаҳое, ки давлат ва минтақаҳои алоҳидаи он ҳангоми ба амал овардани фаъолияти инноватсионӣ дучор мешаванд нигаронида шудааст.

Дар стратегия инчунин таъкид шудааст, ки рушди илм аз омилҳои рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани самаранокии соҳаи тадқиқот ва тараққиёт, тарбияи кадрҳои соҳаи илм, механизмхо ва воситахое, ки ҳамкории ҳамаи сохторҳои ба соҳаи инноватсия машғулбуда вобастагии ногусастанӣ дорад. Илова дар стратегия зарурати таҳкими инфрасохтори инноватсионӣ тавассути тиҷоратикунонии он, ташаккул ва дастгирии навоварон, минтақаҳои инноватсионии технологӣ, паркҳои технологӣ ва дигар соҳаҳои инноватсионӣ қайд шудааст.

Вазъияти ба амал омада водор мекунад, ки самтҳои ташаккули сохторҳои идоракунандаи ҷараёни фаъолияти инноватсионӣ ҷустуҷӯ карда, имконияти дар истехсолот истифода бурдани комьёбиҳои илмро таъмин намоем. Дар мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҳиндустон барои рушди инноватсия фонди махсус таъсис дода шудааст, ки ба он маблағҳои сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ муттаҳид карда шуда, ғояҳои инноватсионӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Ин маблағҳо бештар ба ҳалли масъалаҳои экологӣ, тавассути истеҳсоли муҳаррикҳои махсуси тоза намудани ҳаво, насби батареяҳои истеҳсоли энергия бо истифода аз энергияи офтоб дар болои бомҳои хонаҳои истиқоматӣ, тоза намудани обҳои нӯшокӣ, истеҳсоли биоғизоҳо барои зироатҳои кишоварзӣ истифода мешаванд.

Дар Бразилия низ ташкили фондҳои махсуси инноватсионӣ «Фонди дастгирии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ» ба роҳ монда шудааст, ки маблағгузории он бо усули шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ карда мешавад. Фонди мазкур ба лоиҳаҳои  мақсаднок, дастгирии молиявии

аспирантон ва докторантон, таҷрибаомӯзии олимони ҷавон дар хориҷа, грантҳо барои лоиҳаҳои инноватсионӣ дар минтақа ва диг. сарф карда мешавад.

Дар Олмон бошад, вазифаи дастгирии илмро вазорати замин ба уҳда дорад, ки аз ҷониби хукумати маҳаллӣ назорат карда шуда, аз ҷониби давлат ва ширкатҳо маблағгузорӣ капрда мешавад. Хусусияти фарққунандаи фонд дар он таҷассум меёбад, ки он метавонад дар дохили минтақа ва ё берун аз он, ҳатто берун аз кишвар фаъолият намояд. Аз ҳисби фонд фаъолияти илмию-инноватсионии мактабҳои олӣ низ маблағгузорӣ карда мешавад.

Дар ИМА бошад, фондҳои минтақавии дастгирии илм ва инноватсия ташкил карда мешаванд, ки онҳо бештар ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ равона карда шудаанд. Аз ҳисоби ин фондҳо намоишгоҳҳо, ярмаркаҳои илмӣ барои кудакон ва ҷавонон, омӯзиши камбизоатон дар коллеҷҳо равона карда мешаванд. Як қисми ин фонд барои иҷрои супоришҳои ҳукумати маҳаллӣ доир ба рушди илм ва инновасия сарф карда мешаванд.

Таҳқиқ собит менамояд, ки истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ доир ба таъсиси фондҳои марказонидашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад иҷрои сиёсати инноватсионии минтақаҳоро таъмин намояд.

Ташкили фондҳои минтақавии рушди илми Бразилия дар ҳамаи минтақаҳои кишвар. Махсусгардонии фондҳои минтақавии рушди илм ва инноватсия бо дарназардошти имкониятҳои минтақаҳо. Ҷудо намудан 50% маблағҳои аз ҳисоби буҷети давлат ба соҳаи илм ва инноватсия чудогашта ба фондҳои минтақавӣ, ки сиёсати инноватсионии Канадаро ташкил менамояд. Ин маблағҳо асосан барои дастгирии инноватсияи тиҷоратӣ – технологияҳои инноватсионӣ, таъмини инфрасохтори инноватсионӣ бо маблағ амалӣ мегарданд. Сиёсати инноватсионии минтақаҳои ИМА характери иҷтимоӣ дошта, барои дастгирии оилаҳои камбизоат тавассути ташкили намоишгоҳҳо, хондани лексияҳо ва иҷрои лоиҳаҳои супоришии ҳукуматҳои маҳаллӣ амалӣ карда мешаванд.

Таҷрибаи ин мамлакатҳо метавонад барои ташаккули сохторҳои идораи фаъолияти инноватсионии минтақаҳои Тоҷикистон, ки сиёсати инноватсиониро тадбиқ менамоянд истифода шаванд.

Бояд дар назар дошт, ки ягон нақша ва истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар тадбиқи сиёсати инноватсионӣ бе маблағгузорӣ амалӣ карда намешавад.

Иҷрои индикатори СМР-2030 доир ба хароҷотҳои умумӣ ба соҳаи илм дар соли 2015 дар ш.Душанбе 0,15 фоизи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ пурра ба иҷро расид, зеро хароҷоти илм дар ш.Душанбе 9468,8 млн сомониро ташкил намуд, ки ба 0,44 фоизи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ баробар мебошад. Дар соли 2020 ин нишондиҳанда 15570,5 млн сомониро ташкил намуд, ки ба 0,35 фоизи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ баробар буд, ки нисбат ба нишондиҳандаи индикатори СМР-2030 - 0,45 фоиз кам аст (ҷадвали 3.7).

**Ҷадвали 3.7. - Дурнамои иҷрои индикатори СМР-2030 нисбат ба МММ дар ш.Душанбе, %**

| Номгӯи хароҷот | 2015 | 2020 | 2025 | 2030 |
|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти умумӣ ба соҳаи илм, тибқи индикаторҳои СМР-2030 нисбат ба МММ, % | 0,15 | 0,8 | 1,2 | 1,5 |
| Маҷмуи маҳсулоти минтақавии ш. Душанбе, млн. сомонӣ | 9468,8 | 15570,5 | 39621,7 | 81650,9 |
| Ҳиссаҷудокунӣ аз ҳисоби буҷети ш.Душанбе, млн сомонӣ | 41,6 | 65,7 | 216,9 | 722,3 |
| Афзоиши маблағгузорӣ нисбат ба соли 2015, % | 100,0 | 157,9 | 521,4 | 1736,3 |
| Хароҷоти ҳақиқӣ ба соҳаи илм нисбат ба МММ, % | 0,44 | 0,35 | 0,55 | 0,88 |
| Фарқи байни хароҷоти ҳақиқӣ ба соҳаи илм нисбат ба индикатори СМР-2030 | +0,29 | -0,45 | -0,65 | -0,62 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи шаҳри Душанбе. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе. 2024. –С.8-12; 64.

Чунонки нишондиҳандаҳо собит менамоянд, новобаста аз он, ки дурнамои маблағгузории соҳаи илм дар минтақа нисбат ба соли 2015 дар соли 2020 -57,9%, дар соли 2025 5,2 мар. ва соли 2030-17,4 маротиба меафзоянд, вале ҳиссаи онҳо нисбат ба маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ

мутаносибан 0,55 ва 0,88 фоиз баробар мегардад, ки нисбати нишондиҳандаҳои индикатори СМР-2030 мутаносибан 0,65 ва 0,62 банди фоизӣ кам мебошад.

Ба назари мо сабаби асосии иҷро нашудани индикатори СМР-2030 доир ба маблағгузории соҳаи илм дар он аст, ки дар минтақаҳо сохтори алоҳидаи бевосита ба ин масъала машғул таъсис дода нашудааст. Ин масъала ба корхонаҳо ва муассисаҳо ҳавола карда шудаанд, ки натавонистанд нишондиҳандаҳои маблағгузории соҳаи илмро то сатҳи СМР-2030 расонанд. Аз ин ҷо мо дар доираи тадқиқоти диссертатсионии худ таъсиси сохтори алоҳидаро бо номи Фонди инноватсионии рушди ш.Душанбе амри воқеӣ медонем (расми 3.1).

Сарчашмаҳои маблағгузории фонд аз ҳисоби ҳиссаҷудокунӣ аз буҷети ш.Душанбе, ноҳияҳои шаҳр, корхонаҳо ва муассисаҳои шаҳр, гратҳои дохилӣ, хориҷӣ ва диг. сохторҳо ташаккул меёбанд.




**Расми 3.1. - Модели таъсиси фонди инноватсионии минтақа**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Интихоби шаҳри Душанбе барои ташкили Фонди инноватсионии рушд бесабаб нест, зеро минтақа ҳамчун минтақаи рушдкарда амал менамояд, ки

дар корхонаҳои калонтарини саноатӣ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ҷой гирифта, мавқеи муносиби ҷуғрофӣ ва ки дар вахтаи роҳи оҳан, роҳи ҳавоӣ, роҳи автомобилгарди тамоми минтақаҳои кишварро ба ҳам пайвасткунанда воқеъ гаштааст.

Минтақа дорои марказҳои илмӣ тадқиқотӣ, донишгоҳҳои олӣ буда, имконияти васеъӣ истифодаи дастовардҳои инноватсиониро доро мебошад. Дигар омили интихоби минтақа имконоти иқтисодӣ ва молиявии он, инфрасохтори ба талаботи муосир ҷавобгӯи рушд, мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва энергетикӣ мебошад. Минтақа инчунин потенсиалӣ зиёди техникӣ дорад, ки метавонад коркарди саноатии маҳсулотҳои кишоварзии ноҳияҳои тобеӣ кишварро бо ташкили агрокластерҳо таъмин намояд. Минтақа дорои имкониятҳои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ дар фасли тирамоҳ ва зимистон дар сардхонаҳоро дорад, ки омили асосии интервесияи бозор ба маҳсулот мебошад.

Маблағҳои фонд тибқи низомномаи тасдиқнамудаи Мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои нигаҳдории идораи фонд, маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, ташкили намоишгоҳҳои дастовардҳои илмӣ, ҳавасмандгардонии муҳаққиқон, таҷрибаомӯзии кадрҳо дар хориҷа ва диг. мақсадҳо истифода бурда мешаванд (расми 3.2).




**Расми 3.2. - Сохтори идораи фонди инноватсионии рушди минтақа**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Сохтори идораи фонд оддӣ буда танҳо аз ҳафт нафар штати корӣ иборат буда, ду нафар дар комиссияи ташхис ва қабули лоияҳои инноватсионӣ, ду нафар дар муҳосибот ва ду нафар дар комиссияи мақсаднок истифода бурдани маблағҳо иборат аст.

Хароҷоти идораи фонд:

-Музди меҳнати директор- 70000 (1х5000х12=70000)

-Музди меҳнати ташхисгарон - 84000 (2х3500х12=84000)

-Музди меҳнати муҳосиб ва муовини он- 90000 (1х4000х12=48000; 1х3500х12=42000)

-Хароҷоти канселярӣ -12200

-Хароҷоти дигар -43800

Ҳамагӣ: 300000 сомонӣ.

**Ҷадвали 3.8. - Дурнамои лоиҳаи буҷети фонди инноватсионии рушди ш.Душанбе дар солҳои 2025-2030**

| Номгӯи хароҷотҳо | 2015 | 2020 | 2025 | 2030 |
|---|---|---|---|---|
| Даромад | | | | |
| Ҳиссаҷудокунӣ аз ҳисоби буҷети ш.Душанбе, млн сомонӣ | 41,6 | 65,7 | 216,9 | 722,3 |
| Ҳиссаҷудокунӣ аз ҳисоби корхонаҳо ва муассисаҳо | х | х | | |
| Грантҳо | - | - | - | - |
| Дигар сарчашмаҳои даромад | - | - | - | - |
| Даромад, ҳамагӣ | х | х | 216,9 | 722,3 |
| Хароҷотҳо, ҳамагӣ | х | х | 216,9 | 722,3 |
| Аз ҷумла: | | | | |
| Хароҷоти идораи фонди инноватсионии минтақа, ҳаз. сомонӣ | х | х | 0,3 | 0,5 |
| Хароҷоти такмили кадрҳо | х | х | 1,0 | 1,5 |
| Хароҷоти ҳавасманд намудани ихтироъкорон | х | х | 1,0 | 1,5 |
| Хароҷоти таҷрибаомӯзӣ дар хориҷа | х | х | 1,0 | 2,0 |
| Хароҷот барои тайёр намудани сертификатҳо ва патентҳо | х | х | 0,3 | 0,5 |
| Хароҷот барои иҷрои лоияҳои инноватсионӣ, млн сомонӣ | х | х | 211,3 | 713,3 |
| Дигар хароҷот | х | х | 2,0 | 3,0 |

**Сарчашма:** ҳисобҳои муаллиф

Дар назар дошта шудааст, ки роҳбари фонд дар мувофиқа бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш.Душанбе метавонад самтҳои хароҷотҳоро вобаста ба вазъи омада тағйир диҳад.

Фонди мазкур ҳавасмандии муҳаққиқонро барои пешниҳоди лоияҳои инноватсионӣ ҳавасманд намуда, дар тарбияи кадрҳои илмӣ ва таҷрибаомӯзии онҳо дар хориҷи кишвар имконият фароҳам меоварад.

Ташкили фонди мазкур имконият медиҳад, ки монеаҳои байни муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, истеҳсолот бартараф карда шаванд.

Вазифаҳои фонд иборат аз:

- муттаҳид намудани маблағҳои хамаи сохторҳое, ки ба рушди илм ва инноватсия манфиатдоранд;
- таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар минтақа;
- тайёр ва бозомӯзии кадрҳо дар соҳаи инноватсия дар дохили кишвар ва дар хориҷа;
- ташкили назорат аз болои истифодаи махсулоти инноватсионӣ ва арзёбии истифодаи онҳо дар истеҳсолот;
- таҳлили бозор, пешбурди технологияҳои инноватсионӣ, бартариҳои технологияи нав;
- пешниҳоди маълумот дар бораи фаъолияти фонд ба ба органҳои назоратӣ ва омор ва диг.

Фонди инноватсионии рушди минтақа ба ҳалли масъалаҳои зерин нигаронида шудаанд:

- муттаҳид намудани неруи илмию истеҳсолии муассисаҳои илмӣ бо имкониятҳои корхонаю муассисаҳои минтақа барои дар истеҳсолот татбиқ намудани лоиҳаҳои инноватсионии мувофиқашуда;
- таҳия ва қабули қарор доир ба лиҳаи инноватсионӣ;
- дар муддати кутоҳ санҷишхо гузаронда, ба самараи истифодаи навоварӣ дар истеҳсолот баҳо диҳад;
- паҳн намудани натиҷаҳои лоиҳаҳои самараноки инноватсионӣ дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ;
- марказонидани захираҳои мавҷудаи молиявӣ ва таъмини истифодаи самараноки онхо барои ҷорӣ намудани комёбиҳои илм дар тараққиёти

технологияи истеҳсолот ва бо техникаи хозиразамон мусаллах гардондани он;

➢ бастани шартномаҳо оид ба истехсоли мошину таҷҳизоте, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои инновационӣ оид ба истеҳсоли саноатии онҳо.

➢ ҳалли масъалаҳои фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ ва ғ.

Татбиқи лоиҳаҳои инноватсионй дар доираи Фонди инноватсионии рушди минтақа аз рӯйи расми зерин таҳия ва амалӣ мегардад (расми 3.3).

**Расми 3.3. – Алгоритм ва пайдарҳамии таҳияи лоиҳаи инноватсионӣ**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ташаккули лоиҳаи инноватсионӣ аз пешниҳоди лоиҳа, ташхиси илмӣ-техники ва баҳои самаранокии иқтисодии он, хулосаи комиссияи ташхис доир ба қабули он, пешниҳоди лоиҳа ба шуро ва тасдиқи лоиҳа ва пешниҳод барои маблағгузорӣ.

Ташкили фонди инноватсионии рушд имконият медиҳад, ки:

✓ «комьёбихои илм дар истеҳсолот сарфи мехнат, энергия ва захираҳоро коҳиш дода, самаранокии иқтисодиётро афзоиш диҳад;

✓ сатҳи техникии истеҳсолотро баланд ьардошта, боздеҳии фондҳо ва дигар захираҳои итеҳсолиро афзун намояд;

✓ бехатарии меҳнатро таъмин намуда, ҳосилнокии меҳнатро баланд бардорад;

✓ истеҳсолкунандагонро бо иттилоот ва хизматрасонии машваратӣ, техникӣ ва молиявӣ таъмин намояд;

✓ нигоҳдорӣ, коркарди саноатӣ ва фурӯши маҳсулоти ба рақобат тобоваррро таъмин намояд;»

✓ таҳияи лоияҳои инноватсионии коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ тавассути ташкили агрокластерҳо дар минтақа самаранокии истеҳсолоти молистеҳсолкунандагони кишоварзиро дар ноҳияҳои водии Ҳисор таъмин намояд;

✓ идораи самараноки шаклҳои мухталифи хоҷагидориро таъмин намояд ва ғ.

Татбиқи лоияҳои инноватсионии рушд имкон медиҳад, ки дар минтақа вобастагӣ аз маблағгузории бонкӣ коҳиш дода шавад.

Дар доираи таҳқиқи диссертатсионӣ, мо дурнамои афзоиши хароҷот ба илм нисбат ба маҷмуи маҳсулоти минтақӣ дар ш.Душанбе дар солҳои 2030 муайян намудем (ҷадвали 3.9.).

**Ҷадвали 3.9. - Дурнамои афзоиши хароҷот ба илм нисбат ба маҷмуи маҳсулоти минтақӣ дар ш.Душанбе дар солҳои 2015-2030**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2020 | 2025 | 2025/ 2020, раз | 2030 | 2030/ 2020, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МММ, млн. сомонӣ | 9468,8 | 18905,8 | 39621,7 | 209,6 | 81650,9 | 431,9х |
| % афзоиш | х | 121,4 | 116,9 | х | 115,8 | х |
| Хароҷоти илм, млн сомонӣ | 41,6 | 65,7 | 216,9 | 3,3р | 722,3 | 11,0 р |
| % афзоиш | х | 101,3 | 123,6 | х | 126,6 | х |
| Ҳиссаи илм дар МММ, % | 0,44 | 0,35 | 0,55 | +0,20 | 0,88 | +0,53 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи шаҳри Душанбе. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе. 2024. –С.8-12; 64.

Чуноне ки ҳисобҳо нишон медиҳанд, агар суръати рушди маҷмуи маҳсулоти минтақавии ш.Душанбе дар сатҳи солҳои 2015-2024 боқӣ монад, пас имконияти дар соли 2030 он метавонад нисбат ба соли 2020 –ум 4,3 маротиба афзуда ба 81650,9 млн сомонӣ хоҳад расид. Хароҷоти илм тибқи индикаторҳои СМР-2030 дар соли 2030 ба 1,5% ММД баробар шавад. Бо дарназардошти ин нишондиҳанда дар минтақаи зери таҳқиқ қарордошта он ба 722,3 млн сомонӣ баробар хоҳад шуд. Дар ин ҳолат ҳиссаи илм дар МММ ба 0,88% баробар мегардад, ки пояи асосии молиявии фрнди инноватсионии рушд мегардад.

Бояд дар назар дошт, ки тадбиқи ягон лоиҳаи инноватсионӣ аз хавф орӣ нест. Бинобар ин яке аз масъалаи муҳимми ҳалталаб суғуртаи лоиҳаҳои инноватсионӣ аз хавфҳои эҳтимолӣ дониста мешавад. Ба гуруҳи хавфҳои эхтимолӣ сатҳи баланди таваррум, баландшавии нархи қарз, захираҳои истеҳсолӣ, андозбандӣ, ки метавонад ба нарасидани маблағи лоиҳа сабабгор шавад дохил мешаванд.

Ташкили фонди инноватсионии рушд имкон медиҳад, ки барномаҳои инноватсионии минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ таҳия ва қабул карда шавад.  Дар базаи муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳои олӣ бозомӯзии кадрҳо ташкил карда шуда, ихтисоси кадрҳо мукаммал карда шавад.

Бо шарофати имкониятҳои васеи худ фонди инноватсионии рушди ш.Душанбе метавонад сармоягузорӣ ва кӯмакпулиҳои донорҳои хориҷиро барои тадбиқи лоияҳои инноватсионӣ ҷалб намояд. Дар баробари ин аз таҷрибаи илмии мамлакатҳои рушдкардаро истифода бурда, технологияи рушдкардаи онҳоро дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ намуд. Лоияҳои инноватсионии рушд бояд ба рӯйхати лоияҳои афзалиятноки минтақа  дохил карда шаванд. Лоияҳои инноватсионии рушди минтақа бояд ба талаботҳои экологӣ ҷавобгар буда, ба истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза нигаронида шуда бошанд.

Муаллиф хулоса мекунад, ки таъсиси  фонди минтақавии инноватсия мушкилоти зеринро ҳал хоҳад кард:

- техника ва технологияи муосир дар истеҳсолот ҷорӣ гардида, самаранокии иқтисодиёт баланд бардошта шавад;

- корхонаҳои саноатии истеҳсоли техника ва таҷҳизот барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ба роҳ монда шавад;

- сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти ниёзи аввала сохта шуда, интервенсияи бозор дар фасли зимистон таъмин карда шавад;

- таҷрибаомӯзии мутахассисони корхонаҳои минтақа ташкил карда шуда, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар истеҳсолот ҷорӣда шавад ва ғ.

Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ташкили интегратсияи илм ва истеҳсолот на танҳо рушди истеҳсолотро таъмин мекунад, балки омили асосии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мегардад. Лоихаи пешниходшуда дар хамон вакте самарабахш хохад шуд, ки давлат онро хаматарафа дастгирӣ намуда, барои дар дигар минтақаҳои мамлакат истифода бурдани комьёбихои илм ва тачрибаи пешкадам шароит фароҳам оварад.

Фонди инноватсионии рушди минтақа нерӯи илмии муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва корхонаҳоро муттаҳид намуда, ба фаъолияти онҳо ҳавасмандӣ ва муҳити зеҳнӣ фароҳам меорад. Ин ба корхонаҳо имконият медиҳад, ки занҷирати зерин «дастовардҳои инноватсионӣ ва илмӣ- рушди ташкили истеҳсолот ва истифодаи технологияи нав – самранокии иқтисодӣ» ба вуҷуд ояд. Дар навбати худ, ин боиси беҳтар шудани истеҳсолот ва баланд шудани рақобатпазирии саноат мегардад.

Мутобиқ намудани манфиатхои дастовардҳои илмӣ, истеҳсолот ва ҳукумати минтақа ҳавасмандии муассисаҳои илмӣ, олимон таъмин намуда, илмро ба ба кувваи пешбаранда табдил медихад.

Самаранокии фаъолияти фондҳои инноватсионии рушд танҳо дар сурате таъмин мегардад, ки ташаббуси ихтироъкорӣ дастгирӣ ёфта, уҳдадориҳои шартномавии тарафҳо иҷро карда шаванд.

Таҷрибаи имрӯзаи муассисаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки ба истиснои кормандони Академияи илмҳои Тоҷикистон, дигар муассисаҳои илмӣ маоши

кам мегиранд ва ба ин далел, аксари олимон ба ҷои дунболи илм, тиҷорат ва ё истифода аз донишу иқтидори илм, соҳаро тарк мекунанд. имкониятхои илмии онхо.

Ҳамин тариқ, татбиқи лоиҳаи пешниҳоднамудаи ташкили Фонди инноватсионии рушди минтақа тадбиқи «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2030» таъмин менамояд.

Таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот имкон медиҳад, ки ҳавасмандии кори олимон ва сатҳи зиндагии онҳоро баланд бардорем, инфрасохтори иҷтимоии минтақаро беҳтар созем ва муҳоҷирати ҷавононро аз минтақа коҳиш диҳем, дастовардҳои олимонро тарғиб намуда, ғояҳои навоваронаро дар истеҳсолот ҷорӣ намоем.

Чунин муттаҳидшавии ташкилотҳои илмӣ бо истеҳсолот ва сохторҳои иҷтимоӣ омили рушди бозори маҳсулоти илмию техникӣ гардида, дар байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти инноватсионӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Чунин сохторҳо тавонистанд дастовардҳои илму техникаро тавассути музоядаҳо ва намоишгоҳҳо ба истеъмолкунандагон расонанд.

Аз ин рӯ, барои рушди инноватсия дар минтақа ҳамгироии истеҳсолкунандагон бо муассисаҳои илмӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ шарти муҳимми рушд мебошад. Ташкили ин гуна муассисахо ба инкишофи илм замина гузошта, дар истехсолот тадбиқ намудани онро таъмин менамояд, зеро самараи ғояҳои навоварона танҳо баъди тадбиқи онҳо муайян карда мешавад.

Таҳқиқи маблағгузории лоиҳои инноватсионӣ, чун роҳи асосии такмили тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар минтақа имконият дод, ки чунин хулоса намоем:

1. Тадбиқи Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе маблағгузориҳои лоияҳои инноватсионӣ амалӣ карда намешавад, зеро индикаторҳои СМР-2030 то соли 2020 доир ба 0,8 фоиз баробар намудани хароҷот ба илм нисбат ба ММД амалӣ нагаштаанд. Расонидани ин

нишондиҳанда дар соли 2025 ба 1,2% зери суол қарор дорад. Аз ин ҷо «зарурати таҳкими инфрасохтори инноватсионӣ тавассути тиҷоратикунонии он, ташаккул ва дастгирии навоварон, минтақаҳои инноватсионии технологӣ, паркҳои технологӣ ва дигар соҳаҳои инноватсионӣ» масъалаи ҳалталаб боқӣ монад.

2. Таҷрибаи ҷаҳонии мамлакатҳои рушдкарда, аз ҷумла Ҳиндустон, Бразилия, Олмон, Канада, ИМА ва ғ. Доир ба ташкил наммудани Фондҳои минтақавии дастгирии илм ва инноватсия барои минтақаҳои Тоҷикистон низ аз фоида холӣ нест, зеро омори расмӣ Маҷмуи маҳсулоти минтақавиро муайян менамояд ва аз рӯйи он  тибқи индикаторҳои СМР метавон ҳиссаи илмро дар сохтори МММ муайян намуд ва иҷрои онро зери назорат гирифт.

3. Сатҳи иҷрои индикатори СМР – 2030 доир ба хароҷоти умумӣ ба соҳаи илм  дар соли 2015 дар ш.Душанбе ба 0,44 фоизи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ баробар, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои индикатор зиёд буда, дар соли 2020 ба 0,35 фоизи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ баробар буд, ки  нисбат ба нишондиҳандаи индикатори СМР-2030 - 0,45 фоиз кам аст. Дар ҳолати чунин афзоиши МММ дар солҳои 2025-2030 он мутаносибан 0,55 ва 0,88 фоиз баробар мегардад, ки нисбати нишондиҳандаҳои индикатори СМР-2030 мутаносибан 0,65 ва 0,62 банди фоизӣ кам мебошад.

4. Барои ба ин нишондиҳандаҳо расидан дар минтақа Модели таъсиси фонди инноватсионии минтақа ба мақсад мувофиқ аст, ки сохтори идоравӣ, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, мақсад, вазифа ва масъалаҳои вобаста ба он дар намуди расм ва ҷадвалҳо нишон дода шудааст.

## 3.3. Таҳияи амсилаи рушди устувори инноватсионӣ ҳамчун амалигардонии сиёсати инноватсионии шаҳри Душанбе

Таҷриба собит менамояд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини иҷрои сиёсати инноватсионии давлат бе таҷдиди сохтори истеҳсолот амалӣ намегардад, зеро корхонаҳои хурд ва хоҷагиҳои деҳқонии

инфиродӣ, ки қисми асосии сохтори хоҷагидориро ҳам дар соҳаи саноат ва ҳам дар соҳаи аграрӣ ташкил медиҳад имконияти истифодаи дастовардҳои илмӣ-техникиро надоранд.

Мақсади асосии таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии солҳои охир қабулшуда муҳайё намудани шароит барои таъмини рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад.

«Сенарияи индустриалию инноватсионӣ бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар дар заминаи гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавиро пешбинӣ мекунад. Сенарияи мазкур имконият медиҳад, ки ҳангоми ташаккулдиҳии равишҳои инноватсионӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, тақвият бахшидан ба заминаи институтсионалии рушд, такмилдиҳии низоми ҳуқуқӣ ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ, шароит барои афзоиши ҳам сармоягузориҳои хусусию дохилӣ ва ҳам мустақими хориҷӣ муҳайё месозад. Ин ба истифодаи оқилонаи имкониятҳои нави ҳамгироӣ ва рушди инфрасохтори транзитии кишвар, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва афзоиши назарраси содироти молу хизматрасониҳо оварда мерасонад. Аз рӯйи сенарияи мазкур манбаъҳои рушди иқтисодиёт ин истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, имкониятҳои инфрасохтори нави транзитӣ ва долонҳои иқтисодӣ, рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, густариши содироти хизматрасониҳо ва маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, инкишофи зироаткории органикӣ, манбаъҳои барқароршаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи неру ҳамчун асоси “иқтисоди сабз,” вусъатдиҳии механизми ҳамгироёнаи идоракунии захираҳои об, аз ҷумла рушди густурдаи сайёҳӣ шуда метавонанд» [74, с.21].

Тибқи ин сенарияти рушд «Замина барои рушди инноватсионии иқтисоди кишвар фароҳам оварда мешавад, базаи институтсионалӣ таҳким меёбад» [74, с.21], амалӣ мегардад.

Истифодаи технологияи ҳозиразамони барои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ва коркарди саноатии он ҳамгироии ин соҳаҳоро тақозо намуда, дар пояи корхонаи саноатӣ ташкил намудани агрокластерҳоро, ки тавонанд захираҳои мавҷударо дар як марказ ҷамъ намуда, самаранокии истифодаи онро таъмин намояд. Маҳз дар як марказ ҷамъ намудани захираҳои истеҳсолию молиявӣ имконияти истифодаи дастовардҳои илм ва технологияи замонавиро фароҳам меорад.

«Дар шароити муосири рақобат корхонаҳои хурди деҳқонӣ танҳо барои истеъмоли худ маҳсулот истеҳсол менамоянд, зеро бозори истеъмолӣ пурра монополия карда шуда, деҳқон ба бозор роҳ намеёбад ва маҷбур аст маҳсулоти худро, ки тезвайроншаванда аст ба монополистони бозор бо нарҳи ночиз фурӯшад. Аз ин ҷо, 275 адад,ё 15,1%-и хоҷагиҳои кишоварзии ба омор ҳисоботдода солро бо зарар ҷамъбаст намуда, дар натиҷа 51,3 млн сомонӣ зарари иқтисодӣ гирифтаанд» [55, с.91].

«Ташкили агрокластерҳо аз як тараф худ сохтори нави истеҳсолӣ, ки имконияти таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва истифодаи онро дар ҷараёни истеҳсолот истифода намояд, аз тарафи дигар имконияти содиротии кишварро такмил медиҳад, зеро танҳо дар соли 2022 4006 тонна пӯст, 13 тонна пилла, 78240 тонна нахи пахта  чун ашёи хом содирот карда шудаанд, ки барои мамлакатҳои дигар арзиши иловашуда меоранд» [19].

«Лоиҳаҳои рушди инноватсионии минтақа, чун механизми асосии тадбиқи сиёсати инноватсионӣ буда, дидани чораҳои зеринро тақозо менамояд»: [168],

1. Лоиҳаҳои инноватсионӣ даромаднокии иқтисодиёти минтақаро таъмин намуда, ба талаботи экологӣ мувофиқ буда, ба мақсади ниҳоӣ-баланд бардоштани иқтидори минтақа ва таъмини некуаҳволии он замина гузорад.

2. Масъалаи муҳимми сиёсати инноватсионӣ  дар баробари истифодаи технологияи нав, тавлиди ҷойҳои нави корӣ ва шуғли пурсамарро таъмин намояд. Сиёсати инноватсионӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар истеҳсоли маҳсулот захираҳо самаранок истифода шаванд. Хусусан истифодаи аз ҳад

зиёди қувваҳои корӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки ҳосилнокии аз ҳама паст дорад, зарурати ташкили агрокластерҳои саноатӣ, чун воситаи асосии таъмини шуғли аҳолӣ ва афзоиши самараноки он дониста мешавад.

3. Дар шароити муосир иҷрои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи миллии рушди соҳаи зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» таъмин карда шаванд, зеро нишондиҳандаҳои алоҳидаи он дар ҳолати хавф қарор доранд.

Ин аз он далолат менамояд, ки ташкили агрокластерҳо дар соҳаҳои гуногун метавонад самаранокии фаъолияти соҳаи аграрӣ ва саноатиро таъмин намояд.




**Расми 3.4. - Модели ташкили «Агрокластери пахта».**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Шаҳри Душанбе, ки қисми асосии корхонаҳои коркарди саноатӣ дар он ҷост ва хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав, Варзоб, Файзобод ва шаҳрҳои Ҳисор, Ваҳдат, Турсунзода дар масофаи начандон дур ҷойгиранд ва метавонанд маҳсулотҳои кишоварзиро истеҳсол ва ба ин корхонаҳо расонанд метавонанд агрокластерҳоро ташкил намоянд.

Бо дарназардошти унсурҳои сохторӣ, тарҳи модели «Агрокластери «Пахта»-ро пешниҳод менамоем (расми 3.4).

Дар назар дошта шудааст, ки заводҳои коркарди пахтаи хоми дар шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат ва ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав буда пахтаи хомро тибқи шарнома аз хоҷагиҳои пахтакор бо дарназардошти арзиши аслӣ ва 20%-даромаднокӣ аз деҳқонон мехаранд ва онро коркард намуда, нахи онро ба корхонаи калобаресӣ ва ҷигити онро ба комбинати равғанбарорӣ бо арзиши аслӣ ва дараҷаи даромаднокии 20% мефурӯшанд. Комбинати калобаресӣ ҳамаи пахтаро калоба намуда бо арзиши аслӣ ва 20% дараҷаи даромаднокӣ ба корхонаи матоъбарорӣ мефурӯшад.

Комбинати матоъбарорӣ низ матоъро истеҳсол намуда бо арзиши аслӣ ва 20% дараҷаи даромаднокӣ ба корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ бо арзиши аслӣ ва 20% дараҷаи даромаднокӣ мефурӯшанд.

Корхонаи равғанбарорӣ низ маҳсулотро истеҳсол намуда аз рӯйи арзиши аслӣ ва 20% дараҷаи даромаднокӣ ба садо мебарорад. Кунҷораи истеҳсолшуда низ бо арзиши аслӣ ва 20% дараҷаи даромаднокӣ ба хоҷагиҳои чорводорӣ фурӯхта мешавад.

Дар назар дошта шудааст, ки ҳамаи сохтори кластер мустақилияти худро нигоҳ дошта, дар асоси шартнома уҳдадории худро дар назди корхонаи саноатӣ иҷро менамоянд. Бартарии ин намуди ташкили истеҳсолот дар он аст, ки ҳами иштироккунадагон 20% дараҷаи даромаднокии худро таъмин менамоянд.

Самаранокии иқтисодии фаъолияти «Агрокластери «Пахта» дар ҷадвали 3.10 нишон дода шудааст.

Дар назар дошта шудааст, ки ноҳияҳои номбаршудаи пахтакор имконияти кишти онро то 3000 га расонида, дар сурати 33,3 с/га гирифтани ҳосили пахта истеҳсоли онро дар як сол ба 10000 тонна мерасонанд. Ба ҳисоби миёна дар як га замини пахта 4 нафар фаъолият менамоянд, ки дар ҷамъ 12000 нафар ба ҷои кори доимӣ таъмин мегардад. Ба давлат хоҷагиҳои пахтакор андозро тибқи "Низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ" (моддаи 382 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон) пардохт менамоянд.

**Ҷадвали 3.10. - Самаранокии иқтисодии фаъолияти «Агрокластери «Пахта»**

| Нишондиҳандаҳо | Шумораи коргарон, нафар | Ҳаҷми истеҳсол, тонна | Даромад аз фурӯш, млн. сомонӣ | Харочот барои истеҳсол, млн. сомонӣ | Фоида, млн. сомонӣ | Сатҳи даромаднокӣ, % | Ҳосилнокии меҳнат, одам/соат, сомонӣ | Даромад ба буҷет, млн. сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Истеҳсоли пахта (хоҷагиҳои пахтакор)** | | | | | | | | |
| Пахтаи хом | 12000 | 10000 | 120,0 | 100,0 | 20,0 | 20,0 | 6,25 | 2,25 |
| Ғӯзапоя | х | х | 0,6 | 0,1 | 590,0 | х | х | х |
| **Заводҳои коркарди пахтаи хом** | | | | | | | | |
| Нахи пахта | 300 | 3300 | 65,1 | 54,1 | 11,0 | 20,3 | 104,3 | 6,0 |
| Линт | | 80 | 0,4 | 0,33 | 0,07 | 21,2 | | |
| **Комбинати равғанбарорӣ** | | | | | | | | |
| Равған | 100 | 5600 | 67,2 | 53,8 | 13,4 | 24,9 | 424,5 | 7,8 |
| Кунҷора | | 2700 | 15,1 | 12,1 | 3,0 | 24,8 | х | х |
| Шулха | | 1700 | 6,0 | 4,8 | 1,2 | 25,0 | х | х |
| **Фабрикаҳои калобаресӣ** | | | | | | | | |
| Калоба, млн. м | 60 | 2310 | 27,7 | 22,2 | 5,5 | 24,8 | 222,0 | 2,47 |
| **Фабрикаи истеҳсоли матоъҳои пахтагин** | | | | | | | | |
| Матоъ, ҳаз. $м^2$ | 200 | 35000,0 | 162,4 | 129,9 | 33,4 | 25,7 | 390,4 | 14,4 |
| Ҳамагӣ | 12660 | х | 464,5 | 377,3 | 87,2 | 23,1 | 17,6 | 33,17 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Тибқи моддаи 386 "заминҳои кишти обӣ, ки амалан барои парвариши пахта истифода мешаванд, меъёри андози ягона дар ҳаҷми нисфи меъёр" муқаррар карда мешавад.

Аз 1 тонна пахтаи хом 320-340 кг нахи пахта, 560-680 кг чигит, 3500-4000$м^2$ матоъ, 112 кг равған, 270 кг кунҷора, 170 кг шулха, 8 кг линт истеҳсол намудан мумкин аст.

Арзиши 1 тонна нахи пахта ба 1800 долл.ИМА ва 1 тонна линт ба 420 долл.ИМА баробар аст. Ҳамин тавр, даромади солона аз ҳисоби истеҳсол ва фурӯши пахтаи хом хоҷагиҳои пахтакор 120 млн сомонӣ даромад мегиранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки сатҳи музди меҳнат дар сохтори хароҷотҳо ба 30% баробар аст. Дар ин ҳолат ба фонди музди меҳнат дар ҳамаи заводҳои пахтатозакунӣ ба 30 млн сомонӣ баробар мешавад. Аз ин маблаг 25% ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ, яъне 7,5 млн сомонӣ ва 3,6 млн сомонӣ андоз аз даромади кормандон ташкил медиҳад.

Заводҳои коркарди пахтаи хом ба давлат аз ҳисоби музди меҳнат 4,06 млн сомонӣ маблағ ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ (16,23х25%), 1,9 млн сомонӣ (16,23х12,0%) андоз аз даромад пардохт менамоянд. Аз ҳисоби линт ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ 30,0 ҳаз. сомонӣ (0,4х30%х25,0%) ва 12,0 ҳаз. сомонӣ (0,4Х30%12,0%) андоз аз даромад ворид мегардад. Дар умум ба буҷет аз ҳисоби заводҳои коркарди пахта дар маҷмуъ 6,0 млн сомонӣ (5,96+0,04) пардохт мегардад.

Дар комбинати равғанбарорӣ 100 нафар бо ҷои кор таъмин гашта, ҳосилнокии меҳнат бошад ба 424,5 ҳаз сомонӣ (88,3 млн. сомонӣ:100нафар коргар:260 рӯзҳои корӣ:8 соат рӯзи корӣ) баробар мегардад.

Корхона аз ҳисоби фурӯши 5600 тонна равған бо арзиши 12000 сомонӣ, кунҷора бо арзиши 5600 сомонӣ ва шулха бо арзиши 3500 сомонӣ барои 1 тонна 88,3 млн сомонӣ даромад мегирад. Таҷриба нишон медиҳад, ки хароҷоти корхонаҳо ба 80%-и даромад аз фурӯшро ташкил менамоянд. Аз ин ҳисоб корхона аз ҳисоби фурӯши равған 13,4 млн сомонӣ, фурӯши кунҷора – 3,0 млн. сомонӣ ва шулха 1,2 млн сомонӣ ва дар маҷмуъ 17,6 млн сомонӣ фоида мегирад. Хароҷоти истеҳсолӣ барои ин се намуд маҳсулот ба 70,7 млн сомониро ташкил менамояд. Хароҷоти музди меҳнат дар сохтори маҳсулот ба 21,2 млн сомонӣ ( 70,7млн. сомонӣ х30%) баробар мешавад. Аз ин маблағ ба ҳифзи иҷтимоӣ 5,3 млн сомонӣ (21,2х25%) ва 2,5 млн сомонӣ (21,2х12%) андоз аз даромад ворид мегардад.

Нахи пахтаро комбинатҳои калобаресӣ аз заводҳои пахта харида аз 3300 тонна нах 2310 тонна ришта (аз рӯйи ммеъёри 70,0% баромади ришта) истеҳсол карда мересанд ва онро ба корхонаҳои матоъистеҳсолкунанда ба арзиши 27,7 млн сомонӣ (2310х120,0 ҳаз сомонӣ барои 1 тонна) мефурӯшанд. Дар ҳолати 30% будани музди меҳнат дар сохтори дармадҳо он ба 6,66 млн сомонӣ (22,2х30,0%) баробар мешавад. Аз ҳисоби фонди музди меҳнат ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ 1,67 млн сомонӣ (6,66х25%) ва 0,80 млн сомонӣ (6,66х12%) андоз аз даромад ворид мегардад. Дар умум ба буҷет аз ҳисоби корхона 2,47 млн сомонӣ ворид мегардад.

Дар охир фабрикаи истеҳсоли матоъҳои пахтагин аз фабрикаҳои калобаресӣ риштаро ба маблағи 27,7 млн харида, аз он 35,0 млн м$^2$ матоъ истеҳсол намуда, як метрашро бо арзиши 4,64 сомонӣ ба фурӯш бароварда аз 162,4 млн сомонӣ даромад мегирад. Дар ҳолати 80% будани арзиши аслӣ, хароҷоти умумӣ ба 129,9 млн сомонӣ баробар мешавад. Комбинат аз фурӯши маҳсулот 33,4 млн сомонӣ фоида ба даст меорад, ки дараҷаи дармаднокиаш ба 25,7% баробар мегардад. Дар ҳолати ба 30% баробар будани музди меҳнат дар сохтори хароҷот он ба 38,97 млн сомонӣ (129,9х30%) баробар мегардад. Аз ҳисоби фонди музди меҳнат ба ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ 9,7 млн сомонӣ (38,97х25%) ва андоз аз даромад 4,7 млн сомонӣ (38,97х12%) ба буҷет ворид мегардад. Ҳосилнокии меҳнат бошад ба 390,4 ҳаз. сомонӣ мерасад.

Ҳамин тавр, дар сурати ташкил намудани кластери пахта дар дохили кишвар ба маблағи 464,5 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шуда, ба буҷет 33,17 млн сомонӣ маблағ ворид мегардад. Танҳо ҳамин кластер метавонад ба иқтисодиёти кишвар 233,94 млн сомонӣ арзиши иловашуда истеҳсол намояд.

«Имкониятҳои табии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи кирмакпарварӣ мувофиқ буда, соли 1991 истеҳсоли он ба 4528 тонна расонида шуда буд» [44, с.34].

Дар солҳои минбаъда истеҳсоли пилла коҳиш ёфт. Барои пешгирӣ кардани таназзули соҳа соли 2019 “Барномаи рушди соҳаҳои кирмакпарварӣ

ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024” таҳия ва қабул карда шуд.

«Тибқи  Барномаи рушди соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 то соли 2024 то ба 1200 тонна расондани истеҳсоли пилла пешбинӣ шудааст. Барои ин ҶСК «Пиллаи тоҷик» дар корхонаҳое, ки ба шароити иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ мебошанд, технологияи кишварҳои пешрафта, аз қабили Чин ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро меомӯзад.

То 1-уми декабри соли 2022 дар ҷумҳурӣ корхонаҳои коркард, аз ҷумла ҶДММ «ВТ-Силк», ҶДММ «Дук» ва ҶСК «Пиллаи тоҷик» фаъолият доранд ва ҶДММ «Атласи Хуҷанд» матоъҳои абрешимӣ истеҳсол мекунад. Инчунин, дар ҶДММ «Дук» номгӯи нави маснуоти канвасӣ истеҳсол карда шуд» [122, с.169-175].

Иҷрои барнома

- «самаранок истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ;
- ҳифз ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ;
- баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат;
- ба миқдори 4375 ҳазор бех шинондани ниҳоли тут;
- бунёди боғ барои шинонидани ниҳолҳои тут дар масоҳати 180 гектар;
- парвариши кирмак то 33333 қуттӣ;
- ҷалби 66666 нафар сокинони кишвар ба корҳои мавсимии кирмакпарварӣ;
- расонидани ҳаҷми истеҳсоли пилла ба 1200 тонна;
- ба 800 тонна расонидани коркарди пилла дар дохили кишвар» таъмин менамояд [122, с.175].

Барои ҳавасманднамоии кирмакпарварон «истеҳсолкунандагони кирмак ба муҳлати 10 сол аз пардохти андоз озод карда шаванд. Заминҳои тут, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, ки ба коркарди пилла ва истеҳсоли абрешим, атлас, либос ва дигар маҳсулоти дастӣ машғуланд, аз андози ягонаи замин ба

муҳлати 10 сол пурра озод карда шуданд». Тибқи шартномаи байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи рушди истеҳсоли пилла ва саноати пиллаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ 2 июни соли 2022 ёддошти тафоҳум миёни дар соҳаи истеҳсоли пилла ба имзо расид, ки тибқи он корхонаҳои муштараки истеҳсоли матоъҳои атлас ва абрешимӣ «Ипак Шарқ Дурдонаси» корхонаҳои муштараки ҶДММ «Адраси Душанбе» ва ҶДММ «Атласи Раъно» таъсис дода шуданд.

Бояд дар назар дошт, ки Тоҷикистон имконияти истеҳсоли 4,0 ҳаз тонна пиллпро дорад, зеро дар соли 1991 ум истеҳсоли он 4528тоннаро ташкил медод, ки нисбат ба соли 2023-юм 12,1 маротиба зиёд аст.. Дар сурати ба 4,0 ҳаз. т. расонидани истеҳсоли пилла, имконияти то 12000 нафар захираҳои меҳнатиро ба кори мавсимӣ метавон ҷалб намуда, аз истеҳсоли он бо нархи 13 сомонӣ барои 1 кг 52,0 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд. Хароҷоти истеҳсол дар сатҳи 90% ба назар гирифта шуда, даромад аз истеҳсоли пилла ва ҳезум  52,8 млн сомониро ташкил хоҳад дод.  Аз истеҳсоли пилла ва ҳезум хоҷагиҳо метавонанд 6,0 млн сомонӣ фоида ба даст оранд, ки дараҷаи даромаднокии он ба 12,8 фоиз баробар шуда, ҳосилнокии меҳнат ба 6,1 сомонӣ ба 1 одам/соат баробар мешавад. Музди меҳнат ба 30%-и хароҷот баробар мебошад, ки 14,04 млн сомониро ташкил медиҳад. Аз ин маблағ ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ 3,51 млн сомонӣ ва андоз аз даромад ба 1,68 млн сомонӣ  баробар мегардад.

Самаранокии иқтисодии коркарди саноатии пилла дар мисоли «Агрокластери «Пилла» дар ҷадвали 3.11 нишон дода шудааст.

Пунктҳои пиллақабулкунӣ 4000 тонна пилларо қабул намуда хушк менамоянд, ва аз тибқи меъёр 3600 тонна пиллаи хушк ташкил хоҳад. истеҳсолкунандагони пилла онро бо нархи 13 сомонӣ барои як пилла пардохт намуда бо арзиши 20 сомонӣ ба корхонаҳои абрешимбарорӣ мефурӯшанд. Аз фурӯши пилла онҳо 7,2 млн сомонӣ фоида мегиранд, ки дараҷаи даромаднокиашон ба 11,1% мерасад. Дар сурати ба 30% баробар будани музди меҳнат дар сохтори хароҷот он ба 19,44 млн сомонӣ баробар мешавад.

Аз ин ҳисоб 4,86 млн сомонӣ ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ ва 2,33 млн сомонӣ андоз аз даромад ба буҷет ворид мегардад. Ба ғайр аз ин ба андозаи 18% арзиши иловашуда, ки 26,64 млн сомониро ташкил медиҳад (19,44 млн. сомонӣ музди меҳнат+7,2 млн. сомонӣ фоида) 18%-аш ба маблағи 4,8 млн сомонӣ ба буҷет ворид мегардад. Ҳамин тавр дар маҷмуъ аз корхонаҳои пиллахушккунӣ ба буҷет 11,99 млн сомонӣ маблағ ворид мегардад.

**Ҷадвали 3.11. - Самаранокии иқтисодии фаъолияти «Агрокластери «Пилла»**

| Нишонди-ҳандаҳо | Шумораи коргарон, нафар | Ҳаҷми истеҳсол, тонна | Даромад аз фурӯш, млн. сомонӣ | Хароҷот барои истеҳсол, млн. сомонӣ | Фоида, млн. сомонӣ | Сатҳи даромад-нокӣ, % | Ҳосилнокии меҳнат, одам/соат, сомонӣ | Даромад ба буҷет, млн. сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Истеҳсоли пилла (хоҷагиҳои пиллакор)** | | | | | | | | |
| Пиллаи хом | 12000 | 4000 | 52,0 | 46,8 | 5,2 | 12,8 | 6,1 | 5,19 |
| Ҳезум, ҳаз.$м^3$ | | 40,0 | 0,8 | - | 0,8 | | | |
| **Пунктҳои пиллақабулкнии шаҳру ноҳияҳо** | | | | | | | | |
| Пиллаи хом | 250 | 3600 | 72,0 | 64,8 | 7,2 | 11,1 | 38,9 | 14,79 |
| **Комбинати абрешими ш.Душанбе** | | | | | | | | |
| Истеҳсоли риштаҳои абрешимӣ | 300 | 720,3 | 211,5 | 169,2 | 42,3 | 25,0 | 338,9 | 39,56 |
| Истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ, ҳаз. $м^2$ | 300 | 7203,0 | 151,3 | 121,84 | 29,46 | 24,2 | 242,5 | 25,37 |
| Ҳамагӣ | 13100 | х | 487,6 | 402,64 | 84,96 | 21,2 | 17,9 | 84,91 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Тибқи меъёрҳо аз 100 кг пилла 9 кг ришта истеҳсол карда мешавад. Ҳамин тавр аз 3600 тонна пилла 720,3 тонна ришта истеҳсол карда мешавад. 1 кг ришта ба 5000 метр ришта баробар аст. Арзиши як катушкаи 100 метра

ба 5,87 сомонӣ баробар аст. Дар ин ҳолат арзиши 1 кг ришта ба 293,5 сомонӣ баробар мешавад. Арзиши 720,3 тонна ришта ба 211,5 млн сомонӣ баробар мешавад.

Дар сурати ба 80 фоиз баробар будани сатҳи харочот он ба 169,2 млн сомонӣ баробар мегардад ва фоидаи бадаст меомада ба 42,3 млн сомонӣ, ё 25% бвробар мегардад. Дар аксари корхонаҳои саноатӣ сатҳи музди меҳнат дар сохтори харочот ба 30% баробар аст. Агар чунин нишондиҳандаро барои истеҳсоли ришта ба назар гирем, пас музди меҳнат дар корхонаи истеҳсоли ришта ба 58,07 млн сомонӣ баробар мешавад. Дар ин ҳолат ба фонди ҳифзи ичтимоӣ 14,52 млн сомонӣ (58,07х25%) ва 6,97 млн сомонӣ (58,07х12%) андоз аз даромад ҳисоб карда мешавад. Андоз аз арзиши иловашуда ба ба 18,07 млн сомонӣ (58,07+42,3=100,37 млн сомонӣх18%) ҳисоб карда мешавад. Аз ҳисоби истеҳсоли риштаи абрешимӣ давлат 39,56 млн сомонӣ даромад мегирад.

Тибқи меъёрҳо аз 1 кг риштаи абрешим 10 $м^2$ крепдишин истеҳсол мешавад. Аз 720,3 тонна ришта метавон 7203,0 ҳаз метр крепдишин истеҳсол намуд. Бо нархҳои бозорӣ 1 м крепдишин ба 21 сомонӣ баробар аст. Арзиши 7203,0 ҳаз м крепдишин ба 151,3 млн сомонӣ баробар мешавад. Дар сурати ба 80% баробар будани харочот 121,84 млн сомонӣ баробар мегардад. Фоида дар ин ҳолат ба 29,46 млн сомонӣ баробар мегардад. Дарачаи даромаднокӣ 24,2%-ро ташкил хоҳад дод. сурати ба 30% баробар будани музди меҳнат он 36,55 млн сомонӣ ташкил медиҳад. (121,84х30%). Фонди ҳифзи ичтимоӣ 9,1 млн сомонӣ (36,55х25%) ва бучет 4,39 млн сомонӣ (36,55х12%) даромад аз фоида мегирад. Андоз аз арзиши иловашуда 11,88 млн сомониро (29,46+36,55х18%) ташкил хоҳад дод. Давлат аз ҳисоби истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ дар умум 25,37 млн даромад хоҳад гирифт.

Ҳамин тавр аз ҳисоби ташкили ин кластер 13100 нафр бо чои кор таъмин гардида, 487,6 млн маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Дарачаи даромаднокӣ ба 21,2 % баробар шуда, ба давлат дар мачмуъ 84,91 млн сомонӣ даромад хоҳад гирифт.

Бояд тазаккур дод, ки :

1. Дар Тоҷикистон бо талошҳои ҳукумат раванди барқарорсозии кирмакпарварӣ оғоз шудааст, вале  пешравиҳо назаррас нестанд. Саноати абрешими Тоҷикистон дар солҳои гузашта ҳам дар байни аҳолии кишвар ва ҳам имкониятҳои содиротии  худро аз даст дод.

Шумораи истеҳсолкунандагон ва истеҳсоли пилла ва ниҳолҳои тут кам карда шуд. Таҷҳизоти муосир дастнорас буда, бисёри мутахассисон соҳаро тарк намудаанд.

2. Моли истеҳсолнамудаи мо ба талаботи бозор рақобатпазир набуда танҳо метавонад маҳсулоти хом истеҳсол намояд. Пилла барои саноати мамлакатхои хамсоя истеҳсол мешавад. Танҳо як қисми ночизи пиллаи дар Тоҷикистон парваришшуда коркарди саноатӣ мегардад. Қисми зиёди пиллаи истеҳсолшуда бо нархи минималӣ ба хориҷа бароварда мешавад.

Кори мавсимӣ бо маоши ночиз ҳалли масъалаи бо кор таъмин намудани аҳолии маҳаллиро ҳавасманд намекунад. Ҳарчанд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ вазифаи дигар гузоштааст, ки истеҳсоли абрешимро ба сатҳи нав, замонавӣ, рақобатпазир ва камхарҷ расонем.

3. Барои беҳтар намудани ҳолати соҳа зарур мешуморем, ки аз методҳои истеҳсоли қаблии он даст қашида, ба истеҳсоли инноватсионии он рӯ оварем. Дар минтақаҳои мувофиқ кластерҳои алоҳидаи абрешим ташкил намуда, ба онҳо майдонҳои тутзор дар масофаи наздиктарин бунёд намуда истеҳсоли хӯроквории кирмакро ба роҳ мондан зарур аст, зеро хароҷоти нақлиёт ва аз масофаи дур овардани барг метавонад ба сифати он таъсир расонида, хароҷоти иқтисодиро меафзояд ва самаранокии соҳаро коҳиш медиҳад.

Ҳамин тавр, ташкили агрокластерҳоро, чун  механизми асосии иҷрои сиёсати инноватсионӣ дар минтақа таҳқиқ намуда метавон чунин хулоса намуд:

1. Таҳқиқ собит намуда, ки ташкили хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва корхонаҳои хурди саноатӣ наметавонад маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол

намуда дар бозор мавқеи худро мустаҳкам намоянд ва ба ин восита сиёсати инноватсиониро амалӣ намоянд

2. Сенарияи индустриалию инноватсионӣ бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар метавонад амалӣ нагардад, зеро дар солҳои 2016 -2023 вазифаҳои асосии он амалӣ нагаштаанд.

3. Мо итминони комил дорем, ки таъмини иҷрои сиёсати инноватсионӣ дар истеҳсолотро тавассути ташкили агрокластерҳо амалӣ намудан мумкин аст, зеро дар алоҳидагӣ на корхонаҳои саноатӣ ва на хоҷагиҳои кишоварзӣ маҳсулоти дар бозор рақобатпазир истеҳсол карда метавонанд. Аз ин ҷо 15,1% хоҷагиҳои кишоварзии ба омор ҳисоботдода солро бо зарар ҷамъбаст намудаанд.

Ташкили агрокластерҳо аз як тараф худ сохтори нави истеҳсолӣ, ки имконияти таҳияи лоияҳои инноватсионӣ ва истифодаи онро дар ҷараёни истеҳсолот истифода намояд, аз тарафи дигар имконияти содиротии кишварро такмил медиҳанд.

4. Ташкили агрокластерҳо дар ш.Душанбе бо ҷалби хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав, Варзоб, Файзобод ва шаҳрҳои Ҳисор, Ваҳдат, Турсунзода метавонад иҷрои сиёсати инноватсионии минтақаро таъмин намояд. Дар мисоли ташкили «Агрокластери «Пахта» ва «Агрокластери «Пилла» самаранокии онро нишон нишон дода шуд, ки метавон коркарди саноатии онҳоро пурра дар дохилӣ кишвар амалӣ намуд. Аз ҳисоби ташкили ин кластери пахта метавон ба маблағи 463,9 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шуда, ба буҷет 33,17 млн сомонӣ маблағ ворид мегардад. Танҳо хамин кластер метавонад ба иқтисодиёти кишвар 233,94 млн сомонӣ арзиши иловашуда истеҳсол намояд.

Аз ҳисоби ташкили ин кластери “Пилла” 13100 нафар бо ҷои кор таъмин гардида, 487,6 млн маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Дараҷаи даромаднокӣ ба 21,2 % баробар шуда, ба давлат дар маҷмуъ 84,91 млн сомонӣ даромад хоҳад гирифт.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОД

## ХУЛОСА

1. Таҳқиқе, ки дар доираи ин рисола анҷом дода шудааст, нишон дод, ки манбаъҳои илмӣ, асарҳои олимони муосири байналмилалӣ ва миллӣ, луғатҳо ва энсиклопедияҳо дар бораи моҳияти мафҳуми сиёсати инноватсионии минтақавӣ мувофиқ нестанд. Яке онро ҳамчун "фаъолияти давлатӣ дар соҳаи ҳаёти дохилӣ ва муносибатҳои байналмилалии кишвар", дигаре ҳамчун "муносибати давлат ба инноватсия, ки ҳадафҳо, самтҳо ва шаклҳои фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи илм, технология ва татбиқи дастовардҳои илмӣ ва технологӣ ифода мекунад" ва сеюмӣ ҳамчун "навъи фаъолияти давлатӣ дар соҳаи навсозӣ ва рушди ҷомеа ва сохторҳои иҷтимоию иқтисодии он (саноат, корхонаҳо, бахшҳо, ташкилотҳо ва ғайра)" муайян мекунад. Ба андешаи мо, "сиёсат" "манфиат" аст, ки давлат тавассути таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳо амалӣ мекунад. Сиёсати инноватсионии минтақавиро инчунин метавон ҳамчун пайгирии манфиатҳои мақомоти ҳукумати минтақавӣ тавассути истифодаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо, захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, иқтисодӣ, илмӣ, техникӣ ва зеҳнӣ ва ғайра шарҳ дод.

2. Муаллиф аниқ намудааст, ки методологияи муайян кардани самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ мувофиқ нест, зеро онҳо навовариҳои идоракуниро дар бар мегиранд, аз қабили тағйирот дар сохтори ташкилии корхонаҳо, ҳамгироии онҳо, усулҳои нави идоракунии кормандон, беҳтар кардани сифати маҳсулот, маркетинг ва ғайра, ки бо як нишондиҳанда арзёбӣ карда намешаванд. Арзёбии самаранокии иқтисодии сиёсати инноватсионии минтақа қисми ҷудонашавандаи сиёсати инноватсионӣ мебошад ва натиҷаҳои он нишондиҳандаи мувофиқ будани сиёсати дар минтақа татбиқшаванда ҳисобида мешаванд. Ин аз он сабаб аст, ки самаранокии он аз таъсири омилҳо ва хатарҳои сершумор вобаста аст ва вобаста ба муҳити беруна хеле зуд тағйир меёбад. Аз ин рӯ, пешгӯӣ ва арзёбии самаранокии иқтисодии

лоиҳаи инноватсионӣ дар марҳилаи аввал душвор аст. Пеш аз ҳама, ҳангоми баррасии масъалаи муайян кардани самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ, муайян кардани омилҳое, ки ба он таъсир мерасонанд, зарур аст. Ғайр аз ин, интихоби нишондиҳандаҳо шарти пешакии ҳисоб кардани таъсири омилҳои гуногун мебошад. Ба самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ омилҳои иқтисодӣ, илмӣ, техникӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, этникӣ-фарҳангӣ, сатҳи даромад, ниёзҳои навоварон ва кормандон, беҳтар шудани шароити кор ва истироҳат ва сифати зиндагӣ низ таъсир мерасонанд, ки онҳоро бо як нишондиҳанда ҷамъбаст кардан мумкин нест. Потенсиали инноватсионии корхонаро метавон ҳамчун нишондиҳандаи қобилияти он барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар лоиҳаи инноватсионӣ муқарраршуда арзёбӣ кард.

3. Дар таҳқиқ механизмҳои асосии танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ муайян карда шуданд:

- маблағгузории корҳои илмӣ, тадқиқотӣ, конструкторӣ ва технологӣ барои эҷоди маҳсулоти нав ё такмилёфта, технологияҳои нав ё такмилёфта, ки барои истифодаи амалӣ пешбинӣ шудаанд;

- пешниҳоди моликияти давлатӣ, моликияти зеҳнӣ ва дороиҳои инфиродии баробар ба субъектҳои инноватсионӣ барои ихтиёрдорӣ ё истифода;

- муқаррар кардани имтиёзҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мусоидат ба рушди корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд;

- дастгирии истеҳсолӣ ва технологӣ барои субъектҳои инноватсионӣ;

- пешниҳоди хизматрасониҳои махсус ва машваратӣ;

- маблағгузории омӯзиш ва такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаи инноватсионӣ;

- Таъсиси чаҳорчӯбаи зарурии ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ барои таъмини сармоягузорӣ барои татбиқи сиёсати инноватсионии давлатӣ;

- Ташаккули инфрасохтори инноватсионии илм, истеҳсолот ва хизматрасонӣ;

- Иштирок дар ташкили истеҳсолоти рақобатпазир;

- Таъмини бозори кафолатноки маҳсулоти инноватсионӣ дар асоси хариди давлатӣ;

- Пешбурди навовариҳои ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ;

4. Дар доираи таҳқиқи диссертатсионии мо, муаллиф бар он ақида аст, ки таъсиси як сохтори алоҳида бо номи "Фонди рушди инноватсионии Душанбе" воқеъбинона аст. Ин фонд таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба муаррифии лоиҳаҳои инноватсионӣ бедор мекунад ва имкониятҳоро барои омӯзиш ва таҷрибаомӯзӣ дар хориҷа фароҳам меорад. Таъсиси ин фонд ба бартараф кардани монеаҳо байни муассисаҳои тадқиқотӣ ва саноат мусоидат мекунад. Фонди инноватсионии рушди минтақавӣ барои ҳалли ҳадафҳои зерин равона шудааст:

- муттаҳид кардани потенсиали тадқиқотӣ ва истеҳсолии муассисаҳои тадқиқотӣ бо имкониятҳои корхонаҳо ва муассисаҳои минтақа барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии мувофиқашуда дар истеҳсолот;
- таҳия ва қабули қарорҳо дар бораи лоиҳаҳои инноватсионӣ;
- гузаронидани санҷишҳо дар муддати кӯтоҳ ва арзёбии самаранокӣ;
- баста шудани шартномаҳо барои истеҳсоли мошинҳо ва таҷҳизот, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ барои истеҳсолоти саноатӣ ба даст меоянд;
- ҳалли масъалаҳои маркетинги маҳсулоти инноватсионӣ ва ғайра.

5. Дар диссертатсия чаҳорчӯба ва пайдарпайии таҳияи лоиҳаи инноватсионӣ таҳия шудааст, ки пешниҳоди лоиҳа, экспертизаи илмӣ-техникӣ ва арзёбии самаранокии иқтисодии он, хулосаи комиссияи коршиносон дар бораи қабули он, пешниҳоди лоиҳа ба шӯро ва тасдиқ ва пешниҳоди маблағгузорӣ дар бар мегирад.

Муайян карда шуд, ки таъсиси фонди рушди инноватсионӣ имкон медиҳад, ки:

- истифодаи пешрафтҳои илмӣ дар истеҳсолот барои кам кардани хароҷоти меҳнат, истеъмоли энергия ва захираҳо ва беҳтар кардани самаранокии иқтисодӣ;
- баланд бардоштани сатҳи техникии истеҳсолот, афзоиши бозгашти сармоягузорӣ ва дигар захираҳои истеҳсолӣ;
- таъмини бехатарии меҳнат ва афзоиши ҳосилнокӣ;
- таъмини истеҳсолкунандагон бо хизматрасонии иттилоотӣ, машваратӣ, техникӣ ва молиявӣ;
- таъмини нигоҳдорӣ, коркарди саноатӣ ва фурӯши маҳсулоти рақобатпазиртар;
- таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тавассути таъсиси агрокластерҳо дар минтақа барои таъмини самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар ноҳияҳои водии Ҳисор;
- таъмини идоракунии самараноки шаклҳои гуногуни кишоварзӣ ва ғайра.

6. Исбот шудааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи сиёсати инноватсионии давлатӣ бидуни азнавсозии истеҳсолот ғайриимкон аст, зеро корхонаҳои хурд ва хоҷагиҳои инфиродӣ, ки қисми зиёди сохтори иқтисодиро дар бахшҳои саноатӣ ва кишоварзӣ ташкил медиҳанд, имкони истифодаи пешрафтҳои илмӣ ва технологӣ надоранд. Сабаби асосии ин набудани захираҳои молиявӣ ва истеҳсолоти дорои дониши зиёд мебошад. Ин нишон медиҳад, ки ташкили агрокластерҳо дар бахшҳои гуногун метавонад самаранокии ҳам бахшҳои кишоварзӣ ва ҳам саноатиро таъмин кунад. Агрокластерҳоро метавон дар шаҳри Душанбе, ки аксарияти корхонаҳои коркарди саноатӣ дар он ҷойгиранд, ва корхонаҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав, Варзоб, Файзобод ва шаҳрҳои Ҳисор, Ваҳдат, Турсунзода, ки дар наздикии якдигар ҷойгиранд ва қодиранд маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол ва таъмин кунанд, ташкил кард.

## ПЕШНИҲОД

1. Барои арзёбии моҳияти иқтисодии сиёсати инноватсионии минтақавӣ, муаллифон "маҷмуи манфиатҳои мақомоти иҷроияи минтақавиро, ки бо таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо муайян карда мешаванд ва тавассути лоиҳаҳои инноватсионӣ амалӣ карда мешаванд," таҳқиқ мекунанд.

2. Тавсия дода мешавад, ки усули мавҷудаи ҳисоб кардани самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ истифода нашавад, зеро навовариҳо тавассути идоракунӣ ва такмили сохторӣ, ҳамгироии онҳо, усулҳои нави идоракунии кормандон, беҳтар кардани сифати маҳсулот, маркетинг ва ғайра амалӣ карда мешаванд, ки онҳоро бо як нишондиҳанда арзёбӣ кардан мумкин нест. Самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ аз бисёр омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст, ки онҳоро бо як нишондиҳанда ҷамъбаст кардан гайриимкон мебошад.

3. Муайян карда шудааст, ки таҷрибаи ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо ва баланд бардоштани ҳавасмандгардонии таҳқиқотчиён дар Ҳиндустон, таъсиси фонди дастгирии илми минтақавӣ дар Бразилия, дастгирии молиявӣ барои фаъолияти инноватсионӣ дар Канада ва сиёсати инноватсионии иҷтимоӣ дар Иёлоти Муттаҳида, ки барои дастгирии оилаҳои камдаромад тавассути лоиҳаҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд, барои минтақаҳои Тоҷикистон қобили қабуланд.

